**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 802.0+809.155.0**
**ТКБ 81.2 Анг +81.2 Тоҷ**
**А-14**

**АБДУЛЛОЕВ МӮМИНҶОН МАМАДҶОНОВИЧ**

# МОРФЕМАҲОИ ОМОНИМИИ ФЛЕКТИВӢ ДАР СИСТЕМАИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент **Эҳсонзода М.Э.**

**ХУҶАНД – 2024**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА .....4**
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ .....10**
**БОБИ 1. МУАММОҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОРФЕМИКА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР .....15**
1.1.Таҳқиқи морфемика дар забоншиносӣ .....15
1.2. Мафҳумҳои морфема, морф ва алломорф ҳамчун воҳидҳои морфологӣ.....20
1.3.Таснифоти морфемаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....35
1.3.1. Морфемаҳои аффиксалӣ (вандӣ) ва решагӣ дар забони англисӣ.....40
**Хулосаи боби якум.....54**
**БОБИ 2. МАФҲУМИ ОМОНИМИЯ ВА МОРФЕМАҲОИ ОМОНИМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ.....56**
2.1. Омӯзиши омонимия дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ.....56
2.1.1. Омонимҳои морфологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.....64
2.2. Хусусиятҳои сохториву семантикии (грамматикии) морфемаҳои омонимӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ .....71
2.2.1. Морфемаҳои омонимии флективӣ дар забони англисӣ .....71
2.2.2 Морфемаҳои омонимии флективӣ дар забони тоҷикӣ .....81
**Хулосаи боби дуюм .....89**
**БОБИ 3. ОМОМОРФЕМАҲОИ ФЛЕКТИВӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ДАР СИСТЕМАИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ.....91**
3.1. Омоморфемаи флективии “-er” ва муодилҳои тоҷикии он .....91
3.2. Омоморфемаи флективии “-ing” ва муодилҳои тоҷикии он …….....97
3.3. Омоморфемаи флективии “-ed” ва муодилҳои тоҷикии он .....111
3.4. Омоморфемаи флективии “- s (es)” ва муодилҳои тоҷикии он ….....119
**Хулосаи боби сеюм.....131**
**ХУЛОСА.....133**
**ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....139**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА .....140**
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ .....153**

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

1. автореф. – автореферат
2. англ. – англисӣ
3. ва ғ. – ва ғайра
4. ДДХ – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
5. диг. – дигарон
6. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
7. МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ
8. ҷ. – ҷилди

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мақом ва ҷойгоҳи махсус ва арзанда пайдо кардани забон, пеш аз ҳама ба инкишофу ғанӣ гардидани таркиби луғавии он вобастагии амиқ дорад. Бой шудани таркиби луғавии забон роҳҳои махсуси худро дорад, ки яке аз муҳимтарини онҳо калимасозӣ ба ҳисоб меравад. Калимасозӣ ҳодисаи басо мураккаб буда, ба муайян кардани ҷараёну кашф намудани қонуну қоидаҳои он ва таҳлили дурусту шарҳи илмии таркиби калима ёрӣ мерасонад.

Дар ташаккул ва бунёди калимаҳои нав дар забон морфемаҳо мавқеи махсусро дошта, вобаста ба системаи морфологии забонҳои гуногунсохт он метавонад, на танҳо вожаҳои нав, балки шаклҳои грамматикиро ташаккул диҳад.

Солҳои охир дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ фоизи калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои аврупоӣ ва шарқӣ ба таври назаррас афзудааст, ки ин вазъият натиҷаи алоқаи инкишофёфтаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании байни мардуми кишварҳои гуногун мебошад. Аксари чунин калимаҳо дар ҷараёни омӯзиш аз лиҳози сохти морфемавӣ ва намуди фонетикӣ тағйир ёфта, калимасозии айнан нусхабардорӣ (калка) басо маъмул мегардад. Яке аз роҳҳои маъмултарини калимасозӣ ин аффиксатсия мебошад, ки тавассути вандҳо амалӣ мегардад.

Таҳлили муқоисавии сохти морфемавии забони англисӣ бо дигар забонҳо, аз ҷумла бо забони тоҷикӣ ба доираи таҳқиқи назариявӣ ва амалии масъалаҳои грамматикӣ мансуб мебошад. Истифодаи усули муқоисавӣ-тазодӣ ба он самтҳое мувофиқ меояд, ки ба сифати масоили муҳим ва мубрам барои забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ мусоидат мекунад. Таҳқиқи таззодии сохти омоморфемаҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои ҳамнавъ ва фарққунандаи ин шакли грамматикии забонҳои муқоисашаванда ошкор гарданд.

Дар забони англисӣ роҷеъ ба масоили гуногуни морфемаҳо, алалхусус омоморфемаҳои флективӣ як зумра таҳқиқоти назаррас гузаронида шуда

бошанд ҳам, дар муқоиса бо забони тоҷикӣ таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ то кунун ба анҷом нарасидааст, ки аз муҳим будан ва мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкур дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар аз таҳлили муқоисавии сохтори омоморфемаҳои флективии забонҳои ба ҳам хеш, аммо аз лиҳози типологӣ гуногунсохти англисӣ ва тоҷикӣ, ки иқдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб мешавад, иборат аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Морфема ва масоили гуногуни омӯзиши он ба таври умумӣ ва дар алоҳидагӣ омӯхта шудаанд.

Саҳми бузургро дар омӯзиши морфема ва сохту намудҳои он забоншинос Т. Арбекова бо монографияи худ “Лексикологияи забони англисӣ” гузоштааст. Дар қисми аввали монографияи мазкур ӯ оид ба хусусиятҳои морфологии калима суханронӣ карда, омонимияи морфемаҳо ва шакли грамматикии калимаҳоро шарҳу тавсиф додааст. Ба морфема, морф, вандҳо, морфемаҳои омонимӣ таърифҳои мушаххас дода, иброз намудааст, ки морфема қисми хурдтарини калима мебошад ва дорои маънои мустақили худ аст. Аз лиҳози морфологӣ тақсимнашаванда ва номустақил аст: танҳо чун қисмати калима ба парадигмаи калиматағйирдиҳанда дохил мешавад. Аз лиҳози семантикӣ воҳиди ғайрифаъоли номинативӣ маҳсуб мешавад, яъне чун воситаи номбар кардани предметҳои дорои ҳақиқати объективӣ хизмат карда наметавонад [7, 7-8].

Забоншиноси маъруфи рус М.Ю. Казак дар дастури таълимии худ “Морфемика ва калимасозии забони муосири рус” оид ба масъалаҳои назариявии морфемика, калимасозӣ, намудҳои морфемаҳои забони русӣ, тағйиротҳои таърихӣ дар таркиби калима, мазмун ва сохти калимаҳои сохта ва роҳу воситаҳои калимасозӣ маълумоти мушаххас додааст. Дар ин асари илмӣ калимасозӣ дар ҷанбаи синхронӣ тасвир карда шудааст, аммо дар мавриди зарурӣ маълумотҳои таърихӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд [51, 43 - 45].

Дигар олими бузурги рус Л.С. Бархударов дар монографияи худ “Очеркҳо оид ба морфологияи забони англисӣ” роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, ба шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои “морф”, “морфема”, “алломорф” ва “калима” равшанӣ андохта, онҳоро ба истилоҳоти асосии морфология дохил мекунад. Ба ақидаи ӯ морфҳое, ки маънои якхела доранд ва дар муносибати иловагии тасвирӣ қарор мегиранд, морфема номида мешаванд [14, 145].

Масоили алоҳидаи морфема дар асари забоншиноси англис Ю.А. Левитский “Грамматикаи назариявии забони англисии муосир” мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллифи ин асар дар қисмати “Морфология” бештар ба аффиксатсияи забони англисӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ишора караддаст, морфема чун воҳиди хурдтарини маънодори забон маҳсуб меёбад. Аз диди ин олим морфемаҳо дорои маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ мебошанд, ки ба намудҳои гуногун ҷудо мешаванд. Инчунин, қайд намудааст, ки морфемаҳо аз лиҳози адои вазифа ё ҷойгиршавиашон вобаста ба решаи таркиби калима тавсиф дода мешаванд. Ҳамин тавр, дар тадқиқоти Ю.А. Левитский объектҳои морфемика - морфема, морф, алломорф ва калима чуқуртар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд [62, 12].

Яке аз забоншиноси давраи шуравӣ В.Д. Аракин тадқитои мушаххасро оид ба сатҳи морфологии забонҳои англисӣ ва русӣ ба итмом расонида, натиҷаи онро дар асари худ “Типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва русӣ” пешкаш намудааст. Вай низ дар сатҳи морфология таваҷҷӯҳи асосиро ба таҳлили таркиби калима, шаклҳои тасриф, воситаҳои ифодаи маъноҳои грамматикӣ ва инчунин мансуб кардани калимаҳо ба ҳиссаи мустақили равонаи намуда, ба таври муқоисави ин воҳидҳои забониро таҳқиқ намудаст [6, 52 - 58].

В.Д. Аракин воҳиди асосии сатҳи морфологии забон морфема мешуморад. Мавсуф қайд менамояд, ки дар забони англисӣ калимаҳо сохтори якморфемагӣ доранд, ки дар онҳо морфемаи решагӣ чун асоси созанда ва калимаи мустақил амал мекунад [6, 67].

Дар забоншиносии тоҷик низ масъалаҳои гуногуни морфема ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар муқоиса мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Саҳми арзандаро доир ба калимасозӣ дар забони муосири тоҷик забоншиноси маъруф Ш. Рустамов гузоштааст. Муҳаққиқ бори аввал дар китоби “Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик” масъалаи мавриди баҳсро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намудааст. Дар ин асар муаллиф ба усулҳои асосии калимасозии исмҳо, таркиби морфологии исм ва роҳу воситаҳои калимасозии исмҳо басо возеҳ равшанӣ меандозад. Мавсуф қайд мекунад, ки “Сермаъноии аффиксҳоро маҳз дар таркиби калимаҳои гуногун омадани вай нишон медиҳад. Вале сермаъноиро бо омоморфема омехта кардан лозим нест. На танҳо асосҳо, балки аффиксҳо ҳам сермаъно ва омофон мешаванд” [88, 21].

Муҳаққиқ С.Ф. Низомова дар ду боби диссертатсияи доктории худ “Калимасозӣ дар насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ” оид ба роҳу усулҳои бо пешвандҳо, пасвандҳо, пасвандгунаҳо, пешвандгунаҳо сохта шудани калимаҳо дар осори насри бадеӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ таҳқиқоти илмӣ гузаронидааст. Қайд карда шудааст, ки калимасозӣ бо ёрии пасванду пешвандҳо, пешвандгуна ва пасвандгунаҳо маъмултарин усули калимасозии сарфӣ мебошад. Нависанда аз имконоти калимасозии забони тоҷикӣ истифода намуда, қолабҳои нав офарида, дар ташаккули таркиби луғавии забон ва рангин намудани он саҳм гузоштааст [78, 123 - 126].

Забоншиноси тоҷик А.Я. Амлоев дар рисолаи номзадии худ таҳти унвони “Калимасозии исмҳо дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев” оид ба вандҳои калимасози исм, бахусус пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мулоҳизаронӣ кардааст. Дар яке аз зерфаслҳои боби аввали рисолаи худ маъно ва вазифаҳои пасванди -ӣ (-гӣ) –ро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки морфемаи –ӣ (-гӣ) аз сабаби бисёрмаъно ва бисёрвазифа буданаш омоморфема номида мешавад. Мафҳуми “омоморфема” аз забони юнонии *homos* – монанд, якхела ва morphe – аз рӯйи шакл шабеҳ асос гирифтааст. Аз

ин лиҳоз, морфемаи -ӣ (-гӣ) аз рӯйи иштирок дар калимасозии баъзе ҳиссаҳои нутқ омоморфема ҳисобида мешавад [3, 86].

Профессор К. Усмонов дар китоби дарсии худ “Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” оид ба морфемаҳои забонҳои муқоисашаванда маълумоти мухтасар додааст [106, 21 -24].

Ҷанбаҳои гуногуни морфемаҳои забони англисӣ дар муқоиса бо забонҳои дигар низ омӯхта шудааст. Ин ҷо метавон аз рисолаи номзадии Р.А. Ибрагимова таҳти унвони “Сифати феълӣ дар забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ”-ро ёдовар шуд. Муаллиф дар зербобҳои боби сеюм оид ба омоморфемаи -ed ва вазифаҳои грамматикии он мулоҳизаронӣ менамояд. Мавсуф таъкид мекунад, ки шаклҳои омонимии сифати феълии II ва замони гузаштаи феълҳои дуруст дорои хусусиятҳои гуногуни тасвирии худ мебошанд, ки ин ду ҳодисаҳои грамматикии забони англисиро ҷудо мекунанд. Вақте ки шакли калима бо морфемаи - ed баъд аз феъли *to be* ё феъли ёридиҳандаи *to have* ҷойгир мешавад, он сифати феълӣ маҳсуб меёбад. Ва баръакс, ҳангоми пеш аз калимашакл бо морфемаи –ed мавҷуд набудани феълҳои *to be* ё *to have,* он шакли замони гузаштаи феълҳои дуруст ба ҳисоб меравад [42, 36].

Муҳаққиқ Ш.А. Сангинова дар рисолаи номзадии худ “Категорияи функционалӣ-семантикии соҳибият дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” оид ба баъзе хусусиятҳои морфемаҳои забони тоҷикӣ “ -ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон” ва морфемаи забони англисии «-’s» баъзе фикрҳоро баён намудааст. Муаллиф “морфемаи «-’s»-и забони англисиро як ҷузъи синтаксисӣ шуморидааст, ки барои муайян кардани алоқаи байни калимаҳо дар таркиби ҷумла хизмат мекунад ва мутааллиқ будани як предметро нисбати предмети дигар ифода мекунад. Воҳидҳои “ –ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон”-ро муҳаққиқ морфемаҳои шаклсози ифодакунандаи муносибати соҳибият меҳисобад. Онҳо дорои ду вазифа мебошанд: дар як вақт ҳам ба соҳибият ва ҳам ба шахсу шумора далолат мекунанд [92, 152].

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки дар низоми калимасозии тоҷику англис саҳми боризро Р.А. Сафарзода низ гузоштааст. Дар диссертатсияи номзадии ӯ таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» масъалаҳои асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ, таҳлили муқоисавии сохториву маъноии онҳо ва ҳамзамон, таснифоти воҳидҳои мураккаби луғавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба таҳлили морфологии калимаҳои мураккаб андешаҳои ҷолиб баён шудааст [94].

Гарчанде таҳқиқотҳои илмии зиёд роҷеъ ба масъалаи морфемаҳо дар низоми морфологияи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рӯйи кор омада бошанд ҳам, масъалаи морфемаҳои омонимии флективӣ дар низоми морфологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то ҳол дар доираи ду забони гуногунсохтор таҳлили амиқу дақиқи худро пайдо нанамудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот, муаммоҳои он, ки дар меҳвари диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, дар доираи самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қарор гирифта, ба масоили куллии барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи мазкур “Хусусиятҳои созмониву семантикӣ ва мухобиравии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва роҳу воситаҳои тарҷума аз забони англисӣ ба тоҷикӣ ва баръакс” робитаи хеле зич дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқ** аз таҳлили ҳамаҷонибаи омоморфемаҳои флективии забони англисӣ ва дарёфти муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ, ошкор кардани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи сохти омоморфемаҳои забонҳои муқоисашаванда дар ҷанбаи функционалӣ-маъноӣ ва расмӣ-грамматикӣ иборат мебошад. Ҳамзамон, нишон додани вазифаҳои асосии морфемаҳои омонимии флективӣ дар рисола мақсади тадқиқотро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявии морфемика дар забоншиносӣ;

- мулоҳизаҳо оид ба ҷойгоҳи мафҳумҳои асосии морфемика дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

- таҳқиқ дар таъйини фарқи байни морфема, морф ва алломорф ҳамчун воҳидҳои морфологӣ;

- таснифи морфемаҳо дар забонҳои муқоисашаванда;

- шарҳу тафсири омонимияи морфологӣ дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ;

- таҳлили воситаҳои ифодаи морфемаҳои омонимии флективии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ;

- таҳқиқи омоморфемаҳои флективии дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ.

**Объекти таҳқиқотро** роҳу воситаҳои ифодаи морфемаҳои омонимии флективӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ба асарҳои бадеии тоҷику англис такя карда шуда, таҳлили мисолҳо бештар дар заминаи асари Шарлотта Бронте “Ҷен Эйр” ба роҳ монда шудааст.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** аз таҳлили ҳамаҷонибаи чор морфемаи флективии забони англисӣ **“-er”, “-ed”, “-ing”, “-s (-es)”** ва дарёфти муодилҳои тоҷикии онҳо иборат мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** мавриди назарро асарҳои илмии пажӯҳишгарони бузурги ватаниву хориҷӣ, аз қабили Г.А. Воронсова, В.В. Виноградов, Бодуэн де Куртене, Т.И. Арбекова, И.В. Арнолд, П.М. Карашук, К. Бруннер, К.Г. Ишбаев, И.П. Иванова, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, М.Н. Ахмедова, М. Бобомуродов, М. Шакурӣ, О.Ҳ. Қосимов, М.Н. Қосимова, М. Муҳаммадиев, Ш. Кабиров, Д.М. Искандарова, К. Усмонов, Ч.А. Давлятова, Р.А. Сафарзода ва диг. дар бар гирифтаанд.

**Методҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур методҳои таснифот, муқоисаи сифатӣ, тасвирӣ-аналитикӣ, синхронӣ-тавсифӣ, муқоисавӣ-тазодӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил ва синтези маводи назарӣ аз рӯйи мавзуъ, мушоҳида, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотро** таълимгоҳҳои МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, алалхусус, кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** чунин муқаррар мешавад, ки бори аввал кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омоморфемаҳои флективии забони англисӣ, ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Нахустин бор омоморфемаҳои флективии забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои фарққунанда ва шабеҳи онҳо дар забони англисӣ нишон дода шудааст. Инчунин, ба истилоҳи “морфемика” чун қисми забоншиносӣ, ки сохт ва навъҳои морфемаро меомӯзад, таърифҳои мушаххас дода шуда, қайд карда мешавад, ки он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ низ дар оянда ҳамчун қисми алоҳидаи забоншиносӣ муайян гардида, мавриди омӯзиш қарор дода хоҳад шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳқиқи морфемика чун қисми алоҳидаи забоншиносӣ;

2. Шарҳу тафсири мафҳумҳои морфема, морф ва алломорф ҳамчун воҳидҳои морфологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

3. Муқоисаи морфемаҳои аффиксалӣ ва решагӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

4. Таҳлили омонимия ва омонимҳои морфологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

5. Баррасии хусусиятҳои сохториву семантикии морфемаҳои омонимии флективӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ;

6. Муқоисаи морфемаи омонимӣ (омоморфема)-и флективии “-er” ва муодилҳои тоҷикии он;

7. Муайян кардани вазифаҳои грамматикии омоморфемаи флективии “-ing” ва муодилҳои он дар забони тоҷикӣ;

8. Таҳқиқи омоморфемаи флективии “-ed” ва муодилҳои тоҷикии он;

9. Таснифи ваззифаҳои омоморфемаи флективии “- s (es)” ва дарёфти муодилҳои тоҷикии он;

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** тавассути мубрамӣ ва навоварии диссертатсия мушаххас гардидааст. Дар диссертатсия бори аввал морфемика ва омоморфемаҳои флективии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ омӯхта шуда, натиҷаҳои он муқаррар намудаанд, ки пажӯҳиши онҳо дар типологияи муқоисавии забонҳои гуногунсохт саҳми муайян хоҳад гузошт.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои дар рафти таҳлил бадастовардашуда метавонанд дар омӯзиш ва таълими фаъоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Маводи амалӣ ва натиҷаҳои таҳлили онро метавон дар омода кардани курсҳои махсус оид ба таълими морфемика ва калимасозӣ; таҳияи луғатҳои истилоҳоти англисӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-англисӣ; дастурҳои таълимӣ-методӣ аз забонҳои муқоисашаванда истифода бурд. Дар баробари ин, маводи назариявии диссертатсияро метавон ба сифати дастур дар таҳияи китобҳо аз морфологияи забонҳои муосири муқоисашаванда истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот дар дарсҳои амалӣ ва лексионии кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Масоили муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (солҳои 2017-2022),

дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назарявии кафедраҳои тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷии факултети забонҳои хориҷӣ баррасӣ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мавриди таҳқиқ таҳти унвони **“Морфемаҳои омонимии флективӣ дар системаи морфологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал морфемаҳои омонимии флективии забони англисиро ҳамаҷониба мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, муодилҳои тоҷикии онҳоро муайян намуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуқтаҳои асосии диссертатсия дар конференсияю семинар ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва илмию амалии ҳамасолаи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (солҳои 2017-2022), дар семинарҳои илмӣ-методӣ, илмӣ-назариявӣ ва маҳфилҳои илмии кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ тасвиб ва амалӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи таҳқиқот 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти ҶТ, 5 мақола дар маводи ҳамоишҳои конференсияҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ фасл, чор зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, 156 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МУАММОҲОИ НАЗАРИЯВИИ МОРФЕМИКА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

## 1.1.Таҳқиқи морфемика дар забоншиносӣ

Низоми морфологии забонро воҳидҳои гуногун ташкил медиҳанд, ки дар қатори онҳо калимаҳо мавқеи махсус доранд. Дар тамоми забонҳои гуногунсохт одатан калимаҳоро ба морфемаҳо ҷудо мекунанд. Дар забоншиносии муосир бори аввал забоншиноси рус И.А. Бодуэн де Куртенэ истилоҳи “морфема”-ро солҳои 80-уми асри XIX ворид намудааст. И.А. Бодуэн де Куртенэ мафҳумҳои алоҳидаи “реша”, “пешванд”, “пасванд” ва ғайраро ба морфема вобаста кардааст [19, 291].

Яке аз қисматҳои асосии системаи морфолии забонро морфемика ташкил дода, он бевосита бо сохти морфемаҳо, сохтори морфемавӣ ва шакли калимаҳо сарукор дорад. Муҳаққиқон морфемикаро ба таври мухталиф қаламдод менамоянд. Ба мафҳуми морфемика дар “Луғати энсиклопедии забоншиносӣ” чунин таъриф дода шудааст: “Морфемика -ин қисми морфемавии забон, маҷмуи морфемаҳои дар калима ҷудошуда мебошад; қисми забоншиносӣ, ки намуд ва сохти морфемаҳо, муносибати онҳоро нисбат ба якдигар ва ба калима дар умум меомӯзад. Объектҳои асосии таҳқиқи морфемика морфемаҳо ва шаклан тағйирёбии намуди онҳо, яъне морфҳо ва ба сурати хаттӣ тавъам будани онҳо (калима дар умум пайдарҳамии морфемаҳо аст; дар забонҳои флективӣ калима, реша ва ё шакли грамматикии калима мебошад) маҳсуб мешавад” [122, 313].

Бояд қайд кард, ки ба сифати қисми мустақили забоншиносӣ - морфемика қиёсан ба наздикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва дар бисёр асарҳои илмии муҳаққиқони соҳа ба таркиби морфология ё калимасозӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шудааст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ба дастовардҳо, натиҷаҳо ва хулосаҳо оид ба соҳаи морфемикаи забонҳои ба ҳам хеш диққати махсус дода шавад, зеро дар оянда ин ҷараён метавонад барои омӯзиши соҳаи мазкур замина гузорад.

Дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқи қисми “морфемика” дар алоҳидагӣ қабул нашудааст. Ин соҳа ба таркиби морфология ё калимасозии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дохил мешавад.

Дар забонҳои хориҷии дигар морфемика чун қисми алоҳидаи забоншиносӣ омӯхта мешавад. Аз ҷумла, дар забони русӣ морфемика ҳамчун қисми мустақили забоншиносӣ тақрибан 40 сол пеш аз ҷониби муҳаққиқон эътироф карда шудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар забоншиносии муосири илмӣ ва адабиёти назарӣ то ҳол тафсири гуногуни худи истилоҳи омӯхташаванда ҳамчун фан дар алоҳидагӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар “Луғати истилоҳоти забоншиносӣ”-и О.С. Ахманова морфемика чун “қисми морфология, ки бо тасрифи намунаҳои морфологии забон, яъне тасрифи сохтори морфемаҳо ва қоидаҳои ҷойгиршавии онҳо дар пайдарҳамии дохили калима сарукор дорад, омӯхта мешавад” [9, 62].

Муаллифони “Луғат – маълумотномаи истилоҳоти забоншиносӣ” Д.Э. Розентал ва М.А. Теленкова морфемикаро чун «таълими қисми маънодори калима ё шаклҳои алоҳидаи он (морфҳо)» шарҳ медиҳанд [91, 74].

В.В. Лопатин, ки ба таҳқиқи масъалаҳои сохтори калима ва калимасозии муосири русӣ шуғл меварзад, мафҳуми мазкурро васеътар маънидод мекунад. Таҳти мафҳуми морфемика муаллиф “омӯзиши муносибати қисмҳои маънодори калима ба ҳамдигар ва ба калима дар умум (ҷиҳатҳои расмӣ ва маъноӣ)”- ро мефаҳмад [63, 139 - 140]. Ба андешаи мо, морфемика на танҳо ба омӯзиши муносибати қисмҳои маънодори калима, балки дар умум ба тамоми калима равона карда шудааст, зеро дар он тамоми муносибати тамоми қисматҳои калима дар умум омӯхта мешавад.

Муҳаққиқи русзабон М.М. Козлова низ оид ба ин масъала таҳқиқот анҷом дода, чанд нуктаро пешниҳод намудааст:

1. Морфемика (аз калимаи юнонии morphe - шакл) омӯзиши қисмҳои маънодори калима (морфемаҳо), вазифаҳои онҳо ва муносибати байни онҳоро дар ҳудуди сохторӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

2. Аз сабаби он ки мавзуи омӯзиши морфемика калима ва шакли алоҳидаи он (шакли калима) чун ягонагии таркибӣ-луғавии қисмҳои маънодори он мебошад, вазифаҳои ин қисми забоншиносӣ ба таври зерин муайян карда мешавад:

- мафҳумҳои умумӣ: морфема ва морф, алломорф ва гунаҳои морфемаҳо;

- -таъсири мутақобилаи онҳо дар ҳудуди муносибати “калима – шакли грамматикии калима”;

- таснифи морфемаҳо дар забони муосири русӣ;

- омӯзиши маъно ва вазифаҳои морфемаҳо дар калима [56, 2 - 10].

К.Г. Ишбаев низ тадқиқоташро ба омӯзиши морфемаҳо, алалхусус калимасозии аффиксалӣ дар зар забони бошкирдӣ равона сохтааст. Маҳз истилоҳи морфемикаро бештар дар китобҳояш “Калимасозии забони бошқирдӣ” (1994) ва “Забони бошқирдӣ. Морфемика. Калимасозӣ” (2000) истифода намуда, дар қисмати калимасозӣ таркиби созмонии калимаҳородар забони бошқирдӣ дида баромадааст [48].

Мавриди қайд аст, ки истилоҳи “морфемикаи муқоисавӣ” дар асари Т.М. Гарипов “Забонҳои кипчоқии уралӣ-поволжӣ” мавриди истифода қарор дода шудааст, ки дар он ҷараёни таърихии грамматикаи забонҳои туркӣ таҳлил гаштаанд [31].

Забоншинос Г.Р. Абдуллина дар кори тадқиқотиаш морфемикаро қисмати мустақили забоншиносӣ қаламдод менамояд. Муҳаққиқ сохтори фоно-морфемавӣ, мафҳум ва вазифаҳои морфемаҳои решагӣ ва вандиро дар забони бошқирдӣ муфассал омӯхта, дар шакли монографияҳо ба хонандагон пешниҳод намудааст [1, 32].

Ба омӯзиши морфология ва калимасозии забони англисӣ муҳаққиқони даврони шуравӣ ба монанди П.М. Карашук, О.Д. Мешков, А.И. Смирнитский, Л.С. Бархударов ва диг. асарҳои мухталифи худро бахшидаанд, ки дар онҳо истилоҳи “морфология” (заб. юнонӣ morphe – шакл, logos – омӯзиш) чун қисми грамматика маҳсуб ёфта, сохт ва қисматҳои

калима, вазифаҳои онҳо, қоидаҳои сохтор ва тағйирёбии калимаҳо дар ҳудуди ҷумла омӯхташаванда шарҳ дода мешаванд.

Мафҳумҳои “морф”, “морфема”, “алломорф”, “калима” ва намудҳои мухталифи морфемаҳо дар “Очеркҳо оид ба морфологияи забони англисӣ” забоншинос Л.С. Бархударов низ васеъ қаламдод гардида, ин маҳфумҳо воҳидҳои асосии асосии морфология ҳисобида шудаанд [14, 145].

Забоншиносон О.Д. Мешков ва В.М. Карашук дар мавриди калимасозӣ ақидаи назарашонро пешниҳод намуда, масъалаҳои калимасозии забони англисиро як қисми алоҳидаи забоншиносӣ муайян намудаанд [70; 52].

Нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа оид ба лоиқ шуморидани морфемика ҳамчун қисми асосии грамматика, сохт ва қисматҳои калима, вазифаҳои онҳо ва тағйирёбии онҳо дар ҳудуди ҷумларо мо низ ҷонибдорӣ менамоем.

Мавриди зикр аст, ки ҳиссаи назарраси олимон ва забоншиносони тоҷик оид ба масъалаи мазкур басо муҳим ва доманадор аст. Аз ҷумла, Ш. Ниёзӣ дар яке аз асарҳои худ “Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ” роҷеъ ба сохти исм, воситаҳои созмони исм сухан карда, намудҳои калимасозиро таҳлил менамояд [75]. Гарчанде асари мазкур ба масъалаи исм бахшида шуда бошад ҳам, дар он ба масъалаҳои сохта шудани исм диққати бештар дода шудааст.

Дар баробари ин, асари забоншиноси маъруфи тоҷик Ш. Рустамов “Калимасозии исмҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик”, ки ба омӯзиши сохтори вожаҳо ва ҷойгиршавии морфемаҳо дар он бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар ин асар усулҳои калимасозии исмҳо, таркиби морфологии онҳо, таҳлили калимасозии омоморфемаҳое, ки исм месозанд ва калимасозии исмҳои омехтаро басо равшан тасвир намудааст. Барои тасдиқи фикр бо такя ба сарчашмаҳои гуногун ӯ далелҳои раднопазир овардааст [89, 54].

Дар таҳқиқоти махсуси ба ҳамин масъала бахшидашуда пас аз китоби “Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» китоби «Морфологияи забони тоҷикӣ”-и Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзодаро қадаме ба пеш шуморидан мумкин аст. Агарчи асарҳои номбурда тадқиқоти махсус набошанд ҳам, китобҳои дарсие

ба шумор мераванд, ки аз натиҷаи тадқиқот дар ин самт ба вуҷуд омада буданд. Баъдан, пас аз солҳои 50-уми асри XX чун дар ҳама қисматҳои илми забоншиносии тоҷик дар омӯзиши қисмати калимасозӣ низ пешравиҳо хеле назаррас буданд, аммо ҳанӯз ҳам заминаи асосии омӯзиш, нозукиҳои калимасозӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои забономӯзӣ ба шумор мерафтанд.

Дар забони тоҷикӣ пажӯҳишҳои то ба имрӯз бадастомада баҳри марҳалаи нави инкишофи грамматикаи забони тоҷикӣ ва дар умум китобҳои дарсӣ, дастурҳои забономӯзии имрӯза асос гузоштанд. Ҳамин тавр, китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1» низ дар мавриди инъикоси хусусиятҳои калимасозии ҳиссаҳои нутқ, махсусан исм ва сифат қадаме пеш ба шумор меравад [33, 51].

Яке аз асарҳои арзишманд дар соҳаи калимасозӣ ин рисолаи доктории профессор О.Ҳ. Қосимов “Луғати “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” маҳсуб меёбад. Дар он воситаи морфологии калимасозӣ дар созмони луғати исмии “Шоҳнома” таҳлил карда шуда, хусусиятҳои хоси морфемаҳои вандӣ (пешванд, пасванд ва интерфиксҳо) шарҳ дода шудааст, ки барои тадқиқотҳои минбаъда ҳамчун яке аз заминаи муҳим мусоидат менамояд [58, 54].

Зикр бояд кард, ки ташаккули калимасозӣ, морфемика ва морфология дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баробар ба амал наомадааст. Бо вуҷуди ин, дар айни замон морфемика дар забонҳои муқоисашаванда мавқеи устувор ва қавӣ дорад, зеро дар калимасозии ҳар ду забон масъалаҳои гуногуни морфемика дар қисми “Морфология” батафсил қарор мегирад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки объекти асосии морфемика дар забонҳои муқоисашаванда морфема буда, қисми таркибии калима ба шумор меравад ва мафҳуми марказии он тақсимшавии калима ба морфемаҳо мебошад. Морфема, морф ва калима воҳидҳои асосии морфемикаро муаррифӣ менамоянд. Таркиб ва хосияти морфемаҳо бевосита ба хусусиятҳои типологии забони муайян алоқаманд аст.

Дар забонҳои гуногунсохт муаммои морфемика ва дигар воҳидҳои морфологӣ дар системаи морфологӣ мавқеи махсусро ишғол кардаанд ва маҳз омӯзиши морфема аз нигоҳи муҳаққиқони тамоми забонҳои гуногун чун шаклан тағйирёбии намуд ва сохторҳои калимаҳо маҳсуб меёбад.

## 1.2. Мафҳумҳои морфема, морф ва алломорф ҳамчун воҳидҳои морфологӣ

Мусаллам аст, ки масъалаи омӯзиши морфема мавриди баҳси олимони зиёд қарор гирифта, дорои таърифҳои гуногун мебошад. Таърифи маъмули морфема дар “Луғати истилоҳоти забоншиносӣ”-и О.С. Ахманова чунин оварда шудааст: “Морфема воҳиди хурдтарини тақсимнашавандаи системаи ифода буда, мувофиқи қолибҳои забони дахлдор такрор ба такрор истифода мешавад ва ба элементи дахлдори системаи мазмун бевосита муносибат дорад” [9, 240-241].

Морфема ҳамчун воҳиди хурдтарини маънодор дар таркиби калима амал мекунад. Таснифоти морфемаҳо дар асоси таҳлили сохтори қаторҳои ба ҳам баробари калимаҳо, ки аз лиҳози маънои луғавӣ пурра, вале аз рӯйи маънои грамматикии худ андаке фарқ мекунанд, гузаронида мешавад. Мисол, калимаи *unfinished*-ро метавон ба се қисми маънодор ҷудо кард: *un-, finish* ва *-ed*. Ҳар яки ин қисмҳо хусусияти алоҳидаро ифода намуда, ба дигар воҳидҳои аз ин хурдтари маънодор ҷудо карда намешаванд. Аз ин рӯ, ҳамаи онҳо бо дигар калимаҳо низ омада метавонанд. Мисол: *Unclosed, unable; finishing, finishes; cried, helped, looked* ва ғ.

Мисолҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки морфемаи *un-* маънои лексикии калимаҳои *finish, close* ва *able* - ро тағйир дода, ба инкор далолат менамояд. Морфемаи *-ed* бошад, ба маънои луғавии калимаҳои *finish, close, cry, help, look* маънои грамматикии ба замони гузашта тааллуқ доштани амалро ифода намудааст.

Аз лиҳози маъно морфемаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: морфемаҳои калимасоз ва морфемаҳои шаклсоз. Морфемаҳои калимасоз қодиранд, ки маънои лексикии калимаро тағйир диҳан, ё ин ки тавассути чунин

морфемаҳои калимаҳои нав созмон меёбанд. Аммо морфемаҳои шаклсоз қодиранд танҳо ба калимаҳои маънои грамматикӣ илова намоянд. Аз ҳамин лиҳоз чунин морфемаҳоро дар забоншиносӣ морфемаҳои грамматикӣ низ меноманд [105, 12].

Аз ҳамин лиҳоз, профессор К.Усмонов дар китоби “Грамматикаи назарии забони англисӣ” таъкид менамояд, ки фарқи асосии байни **морфема** ва **морф** дар он зуҳур меёбад, ки морфема воҳиди забон маҳсуб мешавад ва дар тафаккури соҳибзабонон маҳфуз аст. Морф бошад, воҳиди нутқ аст ва он амалан дар занҷири гуфтор истифода шудани морфемаи мушаххасро дар назар дорад. Таркиби морфемаҳоро морфҳо ташкил медиҳанд [105, 23].

Дар забонҳои муқоисашаванда бо муқобилгузории сохтории амиқи калимаҳо ва морфемаҳо морф одатан чун таркиби калима-морфемаи бевосита баррасӣ мешавад. Дар калима-морфемаи «курсичаам» дар сатҳи графикӣ морфи решавии “курсӣ”, морфемаи “– ча” (ифодакунандаи маънои “хурд”) ва флексияи –ам (ифодакунандаи шахси якуми шумораи танҳо ва соҳибият) ҷудо мегардад. Дар ҳолатҳои бисёр калима-морфема метавонад аз як морф таркиб ёбад, масалан, «боз», «зуд», «магар», «ва», «акнун» ва “and”, “even”, “often”, “seldom”. Баъзан ба морфема сегменти ба таври моддӣ ифодашудаи овозӣ (ё графикӣ) мувофиқат наменамояд. Дар чунин ҳолат сухан оид ба морфемаи сифрӣ меравад ва аз рӯи мутаносибӣ бо дигар морфҳои функционалӣ муқобил гузошта шудааст, яъне он танҳо ҳангоми тазод ифода намудани онҳо муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, калима-морфемаи «дастам» аз морфи решавии “даст” ва морфемаи “-ам” таркиб ёфтааст, ки маънои соҳибиятро дар шумораи якуми танҳо ифода менамояд: даст-ø, даст-ам. Ё ин ки агар калима-морфемаи computer –ро бо калима-морфемаи computers тазод гузорем, морфемаи сифрии ифодакунандаи шакли танҳои калима-морфемаи аввал ифодакунандаи шакли ҷамъи морфемаи калима-морфемаи дуюмро равшан мекунонад.

Морфемаҳо дорои реша, аффиксҳо, префиксҳо ва суффиксҳо мебошанд. Аффикс дар забон ду вазифаро иҷро мекунад, ба ибораи дигар

барои калимасозӣ ва ташаккули шаклҳои гуногуни ҳамон як калима, яъне калиматағйирдиҳӣ хизмат менамояд. Забоншинос О.Қосимов дар тадқиқоти худ “Лексика “Шахнаме” Абулькасима Фирдоуси” ба аффиксҳо ва мавқеи онҳо дар ташаккули фонди луғавии забон аҳамияти махсус додааст. Аз ҷумла мавсуф қайд менамояд, ки дар адабиёти илмӣ роҷеъ ба аффиксатсия ақидаҳои олимон мухталифанд. Ин вазъият аз он бармеояд, ки дар ҷараёни аффиксатсия, ҳамчун як воситаи сермаҳсули калимасозӣ, асоси сохта ва морфемаи аффиксиалӣ (суффикс, префикс, инфикс) иштирок намуда, ба реша интихобан мутобиқи намунаи мавҷудаи сохториву семантикӣ пайваст мешаванд. Морфемаи аффиксиалӣ гуфта он морфемаро мешуморанд, ки маънои лексикиро ифода намекунад, шакли муайяни луғавӣ надорад, ядрои воҳиди лексикӣ шуда наметавонад, танҳо дар таркиби калима мавҷуд мебошад, мақоми пешоянд, пасоянд ё мобайниро дар доираи воҳиди лексикӣ доро мебошад ва аз ҳамин лиҳоз префикс, суффикс ё инфикс ном гирифтааст [58, 36].

Дар забоншиносӣ морфемаҳоро аз рӯйи сохт ба морфемаҳои решагӣ ва ёрирасон (вобаста) ҷудо мекунанд. Дар калимаи *unfinished* ҷузъи *finish* дар муқоиса ба *un-* ва *-ed* морфемаи решагӣ (озод) ба ҳисоб рафта, асоси калимаро ташкил медиҳад, ки маънои асосӣ дар он аст. Морфемаҳои *un-* ва –*ed* морфемаҳои вобаста мебошанд. Морфемаи озод метавонад мустақилона мавриди истифода қарор гирад, вале морфемаҳои вобаста мустақилона амал карда наметавонанд.

Дар забоншиносӣ ба ғайр аз мафҳуми морфема боз истилоҳи “морф” (морфа) низ арзи вуҷуд дорад. Морф миқдори ақаллии маҷмӯи фонемаҳост (баъзан ҳатто як фонема). Морф маънои муайянро ифода мекунад ва ба қисмҳои маънодор тақсим намешавад. Он метавонад дар вожаи гуногун мунтазам такрор меёбад.

Истилоҳи “морф” соли 1947-ум аз тарафи забоншинос Ч.Ф. Хоккет ба сифати муодил ба истилоҳи “(алло) фон” пешниҳод гардидааст: ба назар гирифта шуда буд, ки муносибати (алло) фон ба овоз ва муносибати морф ба

морфема монанд аст [133, 41]. Морфҳои гуногун, ки як морфемаро ифода менамуданд, алломорфҳои он номида шуда буданд (дар давраи миёна дар забоншиносии амрикоӣ дар ин маънӣ истилоҳи “алтернанти морфемавӣ” истифода бурда мешуд, дар забоншиносии даврони шуравӣ бошад, аз тарафи Г.О. Винокур истилоҳи “гунаи морфема” истифода бурда мешуд) [28, 64].

Дар забонҳои муқоисашаванда бо мутақобилгузории сохтории амиқи калимаҳо ва морфемаҳо морф, одатан чун таркиби шакли грамматикии калима бевосита дида баромада мешавад. Масалан, дар шакли грамматикии калимаи «духтарчаам» дар сатҳи графикӣ морфи решагии “духтар”, морфемаи “–ча” (бо ифодаи маънои “хурд”) ва флексияи *–ам* (бо ифодаи шахси якуми шумораи танҳо) ҷудо мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар фонди луғавии забони тоҷикӣ морфҳои яктаркиба мавҷуданд. Чунин морфҳо шакли грамматикии калимаро ташкил дода, дигар флексия қабул намекунанд: «боз», «зуд», «магар», «ва», «акнун». Вақте, ки ба морфема сегменти ба таври моддӣ ифодашудаи овозӣ (ё графикӣ) мувофиқат наменамояд, онро морфемаи сифрӣ мегӯянд. Морфемаи сифрӣ аз рӯйи мутаносибӣ бо дигар морфҳои функсионалӣ мутақобил гузошта шуда, морфҳои воқеии иштироккунанда ҷудо мегардад. Ҳамин тавр, шакли грамматикии калимаи «расмаш» аз морфи решавии “расм” ва морфемаи “-аш” таркиб ёфтааст, ки маънои соҳибиятро дар шумораи сеюми танҳо ифода менамояд: расм-ø, расм-аш. Ҳамон таҳқиқотчиёни аврупоӣ ва шуравӣ, ки консепсияи Ф.д. Соссюрро оид ба аломатҳо қабул намудаанд, одатан морфро ҳамчун воҳиди дутарафаи нутқ дар фарқият аз морфема ҳамчун воҳиди дутарафаи забон муайян намуданд [97, 68].

Дар забоншиносии амрикоии солҳои 40-ум морф ҳамчун воҳиди яктарафа, яъне элементи тарафи берунаи (шаклан) гуфторҳо фаҳмида мешуд. Ин фаҳмиш дар шаклбандии Ч.Ф. Хоккет инъикос ёфтааст, ки дар мусоидати он морф аз овозҳо (фонемаҳо) таркиб ёфтаанд (морфема бошад аз морфонемҳо) [133, 41].

Ба сифати мисол вожаҳои *harm, harms, harmed, harmly, harmful, harmless*–ро мегирем, ки дар онҳо маҷмуи фонемаҳои [ha:m] мунтазам ба такрор омада, он дорои маънои “зарар, зарар овардан” мебошад ва [ha:m]-ро дигар ба қисмҳои маънодор ҷудо кардан мумкин нест. Дар доираи [ha:m] якҷоягии фонемаҳои [ha:] ё [a:m] дар алоҳидагӣ ягон маъное надоранд. Аз ҳамин сабаб [ha:m] морф аст, вале [ha:] ё [a:m] морф буда наметавонад. Ғайр аз ин, дар калимаҳои боло баъд аз ҷудо кардани [ha:m] боз овозҳои - [s], [d], [li], [ful], [les] боқӣ мемонанд, ки онҳо метавонанд бо бисёр калимаҳои дигар низ тавъам оянд. Мисол, фонемаи [s] дар калимаҳои *plays* [pleiz], *shakes* [ʃeiks], *puts* [puts] ва ғайраҳо дучор меояд, ки дар ҳамаи онҳо [s] ба маънои грамматикии шахси 3-юми танҳои замони ҳозираи феъл ишора менамояд. Якҷоягии фонемаҳои [id] низ дар калимаҳои *added* [ædid], *copy* [kɔpid], *exited* [ɪkˈsaɪtid] ва ғ. низ ба назар мерасанд, ки дар онҳо [id] ба маънои замони гузаштаи феъл далолат менамояд. Якҷоягии фонемаҳои [li] низ дар дигар калимаҳо, ба монанди [kwikli], [fə:mli], [rʌfli] ва ғ. ба назар мерасанд, ки дар онҳо фонемаҳои [li] вазифаи муайяни лексики дошта, аз сифат зарф месозанд. Ҳодисаи зайл дар якҷоягии фонемаҳои [ful] низ ба чашм мерасад. Морфемаи [ful] аз исми *“harm”* (зарар) сифат сохтааст, ки маъноях “зараровар” аст. Мутаносибан, пайдарҳамии ҳар яке аз он қатори фонемаҳои [ha:m], [s], [d], [li], [ful], [les] *морф* маҳсуб мешаванд, аммо морфи [ha:m] аз морфҳои [s], [d], [li], [ful], [les] аз лиҳози маъно ва мавқеи истифода фарқ мекунад. Морфи [ha:m] дорои маънои конкретӣ буда, дар ҷумла мустақилона истифода шуда метавонад. Морфҳои [s], [d], [li], [ful], [les] мафҳуми абстракт дошта, мустақилона дар алоҳидагӣ истифода шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, морфҳои навъи [ha:t] морфҳои *озод* (free morphs) ва морфҳои навъи [s], [d], [li], [ful], [les] морфҳои вобаста (bound morphs) номида мешаванд.

Морфемаҳо ҳамчун воҳиди асосии морфологӣ аз морфҳо ташаккул меёбад. Аз ин бармеояд, ки морфема воҳиди забон буда, дар тафаккури соҳибзабонон маҳфуз аст. Дар занҷири гуфтор бошад амалан истифода шудани морфемаи мушаххасро маҳз морф дар назар дорад.

Он морфҳое, ки чун калимаҳои алоҳида, яъне бе пайвастшавӣ бо дигар морфҳо (шаклҳо) истифода шуда метавонанд, морфҳои озод номида мешаванд (Free morphs). Аз дигар тараф, морфҳои навъи *–ly, ness, -ed, -s, un-* наметавонанд дар алоҳидагӣ истифода бурда шаванд, онҳо ба таркиби калима ҳамеша ҳамроҳи дигар морфҳо дохил мегарданд. Чунин морфҳо морфҳои *алоқаманд* номида мешаванд (bound morphs). Масалан, дар калимаи *housewife* ҳар ду морф (шакл) – *house* ва *wife* озод мебошанд, зеро ҳар дуи онҳо метавонанд дар шакли ҷудогона низ оянд. Дар калимаи *lucky* морфи аввал *luck* озод мебошад, зеро он алоҳида низ омада метавонад, морфи дуюм бошад, аз *-y* вобаста мебошад, зеро он чун калимаи мустақили алоҳида истифода шуда наметавонад [126, 42].

Дар калимаи *signify* ҳар ду морф (шакл) *sign* – [sign] ва *ify* -алоқаманд мебошанд, зеро дар алоҳидаги онҳо онҳо ба сифати калимаи мустақил бе ҳамроҳии дигар морфҳо мавриди истифода қарор намегарданд.

Мо морфҳоро чун гурӯҳи хурдтарини маънодори фонемаҳо муайян кардем, лекин дар назар доштан лозим аст, ки маъно на ҳамеша худ аз худ меъёри устувори ҷудо намудани морфҳо гардида метавонад. Инак, гурӯҳи навбатии калимаҳои англисиро таҳлил менамоем: receive, conceive, perceive, deceive. Дар ҳамаи ин калимаҳо мунтазам ҳамон як пайдарпайии фонемаҳо -ceive [si:v] такрор мешавад. Гуфтан душвор аст, ки кадом маъноро ин пайдарпайии фонемаҳо доро мебошанд, (албатта агар ба таҳлили этимологӣ муроҷиат накунем). Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки ин пайдарпайии фонемаҳо морф мебошанд, зеро калимаҳои боқимонда пас аз тарҳ кардани -ceive пайдарпайии овозҳо [ri], [kən], [pə], [di] ҳамчунон мунтазам дар дигар калимаҳо вомехӯранд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Receive | Retain | Recur | reflect |
| Conceive | Contain | Concur | _ |
| Perceive | Pertain | _ | _ |
| Deceive | Detain | _ | deflect |

Ин дучоршавии қонуни мунтазами гурӯҳҳои овозии додашуда дар порчаҳои гуногуни нутқ баёнгари он аст, ки [ri], [kən], [pə], [di],инчунин, [tein], [kəə], [flekt]-ро морф шуморем.

Морфро чун воҳиди хурдтарини забон ва маънодор ҳисобида, мо дар таҳқиқоти мазкур бо ҳодисаи хеле паҳншуда дар забон, ки идиоматизм номида мешавад, рӯй меоварем. Ҳодисаҳои забонӣ аз он далолат менамоянд, ки маънои шаклан аз рӯйи пайдарпайии воҳидҳои забон ба қисмҳо ҷудошуда (морфҳо, калимаҳо, ибораҳо) яклухт ва ҷудонашаванда мебошанд. Чунин пайдарпайӣ ба маъноҳои таркибии морфҳо таъсири якхела намерасонанд.

Таҳлили вожаи *foxglove* , ки маънои растании “панҷаиалӣ”-ро дорад, аз ду сегмент иборат аст. Дар алоҳидагӣ ҳар яке аз ин вожаҳо тамомане мафҳумҳои дигаррор ифода мекунанд, яъне маъноҳои таркибии морфҳои *fox* ва *glove* баробар намешавад. Маънои умумӣ дар ин ҳолат аз маънои таркибии он бароварда намешавад. Зеро морфи *fox* маънои *рӯбоҳ ва* морфи *glove* маънои дастпӯшакро дорад, ин морфҳо дар алоҳида лексемаи комиланд ва ба маънои растанӣ тамоман далолат намекунанд

Яқинан, маҳз ҳамин ҳодиса калимаҳои дар боло овардашудаи намуди *receive, conceive, retain, contain,* ва ғайраро тавсиф медиҳад, ки барои онҳо ягонагии маъно аз маънои таркибии калимаҳои додашудаи морфҳо хос аст.

Дар ин муносибат сохтори боз ҳам мураккабтари семантикии калимаҳои забони англисӣ ба монанди *strawberry - қулфинай, gooseberry – бектошӣ* ва амсоли инҳо номҳои буттамеваҳоро ифода мекунанд. Калимаҳои мазкур дорои ду морф мебошанд: straw-berry, goose-berry ва дар ин ҳолат морфи дуюм ба пуррагӣ ҳамон маънои «буттамева»-ро нигоҳ медорад, ки ҳангоми дар алоҳидагӣ истифода шудан ба сифати калимаи алоҳида омада метавонад.

Морфемаҳои аввал дар ин калимаҳо: *straw-* ва *goose-* маъмулан он маъноеро, ки калимаҳои алоҳидаи мустақилмаънои *straw -пахол* ва *goose - ғоз* дорад, надоранд. Аз ин таҳлил метавон ба чунин хулоса омад, ки сохтори семантикии калимаҳои *strawberry, gooseberry* ва монанди инҳо дар худ

маънои дуюми морфи таркибии *berry –буттамева*-ро доранд, аммо морфҳои якум *straw* ва *goose* дорои чунин хусусият нестанд.

Аз дигар тараф, на ҳар як пайдарпайии овозҳои бисёр дучоршаванда морф мебошанд. Масалан, гурӯҳи зерини калимаҳои забони англисиро дида мебароем: *stop, stoop, step, strike, steam*. Дар ҳамаи ин калимаҳо ва аксари дигар пайдарпайии овозии ҳамон як [st] такрор мегардад. Лекин ба ин такроршавии мунтазам нигоҳ накарда, мо наметавонем [st]–ро морф шуморем, зеро аввалан дар таркиби якҷояшавии овозҳои [st] дар забони англисӣ ягон маънои асосӣ мавҷуд нест. Аммо бояд қайд кард, ки худ аз худ мавҷудият ва ё набудани маънӣ наметавонад омили ҳалкунанда барои мансубияти ин ё он гурӯҳи овозҳо ба шумораи морфҳо бошад. Дар ин муносибат муҳиммияти бештар дар он мебошад, ки ҳангоми ҷудокунии якҷояшавии st- аз таркиби калимаҳои додашудаи гурӯҳҳои боқимондаи *-op, -oop, -ep, -rike, -earn* ягон хел такроршавии мунтазам дар забон мавҷуд нест, яъне онҳо дар таркиби дигар калимаҳо ҳангоми ҳамроҳшавӣ бо ягон дигар морфҳо вонамехӯранд.

Дар ҳақиқат калимаҳои *stand* ва *strange* пас аз якҷояшавии ҳарфои st- гурӯҳи овозҳои [ənd] ва [reindʒ] боқӣ мемонанд, ки бо чунин калимаҳо ба монанди and ва range мувофиқат менамоянд, аммо ин истисно мебошад, чунки байни ***stand*** ва ***and, strange*** ва ***range*** ягон хел алоқаи семантикӣ ва ё грамматикӣ вуҷуд дошта наметавонад. Бо ин гурӯҳи додашудаи калимаҳо ба таври принсипиалӣ аз калимаҳои дар боло овардашудаи намуди receive, conceive, perceive ва дигар калимаҳое, чунон ки мо дидем, пас аз ҷудо намудани –ceive боқимондаҳои қисми дигари калимаҳоро мунтазам дар таркиби дигар калимаҳо вохӯрдан мумкин аст, зеро худи онҳо морф мебошанд.

Аз ҳамаи ин гуфтаҳо метавон ба ду хулосаи муҳим омад:

а) пайдарпайии овозҳо ё худи фонемаҳо дар таркиби тамоми вожаҳо ба одатан ин ё он морф дохил мешавад;

б) дар ҳолати таҳлили қисмҳои таркибии вожаҳоро таҳлил намудан, ҳар як сегменти он морф ё гурӯҳи морфҳо шуморида шавад.

Таҳлили калимаҳои бисёрсегмента аз он далолат медиҳад, ки дар вожаҳои *strawberry, gooseberry, raspberry, bilberry, cranberry, whortleberry* ва амсоли инҳо қисми дуюм, яъне *berry* морф бошад, он гоҳ аз ин бармеояд, ки қисми аввали ин калимаҳо (straw-, goose-, rasp-, bil-, cran-, whortle-) новобаста аз мушкил будан морф мебошанд. Айнан ҳамин ҳодиса бо морфҳои re-, con-, per - ба назар мерасад, ки дар якҷоягӣ бо -ceive, -tain, -cur дар калимаҳои receive, conceive, perceive, retain, contain, pertain, recur ва дигарҳо низ морф мебошанд ва ё баръакс ҳангоми морф ҳисобидани пайдарпайии ceive, -tain, -cur, мо бояд ceive, -tain, -cur-ро низ морф шуморем.

Баъзан ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳамон як овоз, ҳамзамон, ба таркиби ду морфҳои омехта дохил мешавад. Масалан, калимаи англисии *really [riəli]* - ро таҳлил менамоем. Ин калимаро бо чунин вожаҳо ба монанди *real, realize* муқоиса намуда, мо бе душворӣ мавҷудияти морфи *real [riəl]*-ро дар он муайян менамоем. Аз дигар тараф *really*-ро ба мисли калимаҳои *obviously, strangely, truly*, муқоиса намуда, мо дар он морфи дуюми -1y [li] -ро ҷудо менамоем.

Табиист, ки ин фонемаи [1], ҳамзамон, ба таркиби ҳам морфи аввали [riəl] ва ҳам дар морфи дуюми [li] дохил мешавад, яъне ба таври нақшавӣ сохти калимаи really ҳамчун [riəli] тасвир карда мешавад. Чунин морфҳои омехтае, ки дар таркиби худ як ё якчанд овозҳои умумӣ доранд, морфҳои фузорӣ (fused morphs) номида мешаванд, аммо худи ҳодисаро (мансубияти як овоз ё гурӯҳи овозҳоро, ҳамзамон, ба ду морфҳои омехта) фузия (fusion) меноманд. Чунин ҳодисаи мураккаби фузия аз мисоли фавқ дар чунин калимаҳо дучор мегардад, масалан, discussion [diskəʃən], confusion [kənˈfjuːʒən], pressure [´preʃə], erasure [i'reiʒə] ва монанди инҳо. Ин калимаҳо бешак аз ҳосили discuss [dɪsˈkʌs], confuse [kənˈfjuːz], press [pres], erase [i'reiz] ташкил ёфтаанд. Аз тарафи дигар, чунин калимаҳоро ба монанди rebellion [ri'belyən] (муқ. rebel), opinion [ə´pinjən], failure ['feiljə] таҳлил намуда, мо

мавҷудияти морфҳои -ion [jən] ва [jə]-ро дар забони англисӣ муайян менамоем. Аз ин лиҳоз, пайдоиши калимаҳои discussion, confusion, pressure, erasure-ро ба таври зерин шарҳ медиҳем:

[dɪsˈkʌs] + [ʃən]→ [dɪsˈkʌʃən]

[kənˈfju:z] + [ʃən]→[kən´fju: ʒən]

[pres] + [ʃə]→['preʃə]

[i'reiz] + [ʒə]→[i´reiʒə]

Ҳангоми таҳлили мисолҳои боло бояд қоидаҳои зеринро ба хотир орем:

1. Якҷоягии фонемаҳои si – пеш аз садоноки безада [ʃ] хонда мешавад:

Permission – [pə 'miʃn]  Asia – [eiʃə]

2. Якҷоягии фонемаҳои si – баъд аз садоноки заданок [ʒ] хонда мешавад:

Division – [di'viʒn]  occasion – [ə'keiʒn]

3.Таркиби sure - [ʒə] хонда мешавад:

Leisure – [leiʒə]  pleasure – [pleʒə]  measure – [meʒə]

Истисно:  sure – [ʃuə]; sugar – [ʃugə]; pressure – [preʃə]

Аз ин бармеояд, ки фонемаҳои [ʃ], [ʒ]-ро дар таркиби калимаҳои дар боло овардашуда, ҳамзамон, ба морфҳои аввал (ба реша) ва дуюм (ба пасванд) мансубанд, яъне дар калимаҳои discussion, confusion, pressure, erasure ҷудокунӣ аз рӯйи морфҳо ҳамчун [dɪsˈkʌʃən], [kən´fju: ʒən], ['preʃə], [i´reiʒə] ифода мегарданд.

Дар фарқият аз мисоли пешинаи (really) дар ин калимаҳо овози [ʃ], [ʒ] умумӣ барои ду морфҳои омехта бо овози охирони морфи аввал ва овози ибтидоии морфи дуюм дар ҳамон намуде, ки дар шакли ниҳоӣ пешкаш шудаанд, мувофиқат намекунанд.

Дар хулоса боз ду мулоҳизаро қайд кардан зарур аст, ки муҳиммияти принсипиалиро дар таҳлили морфемавӣ доранд:

а) ҳамон як пайдарпайии овозҳо дар гуфторҳои гуногун метавонад аз худ ду ва ё зиёда морфҳои гуногунро боқӣ монад. Чунончи, ҳамон як

пайдарпайии овозҳои *[tu:]* дар забони англисӣ дар ду гуфторҳои гуногуни зерин вомехӯранд:

*I have two children [ai həv ˊtu: ˊtʃildrən];*

*I am too tired [ai əm 'tu: 'taiəd].*

Ба монандии таркиби овозӣ нигоҳ накарда, *[tu:]* дар гуфторҳои якум ва дуюм ду морфи гуногунро ифода менамояд.

Асос барои чунин фикр кардан, аввалан, ҳамон далеле, ки байни ин ду вожа [tu:] ягон хел маънои умумӣ мавҷуд нест, мебошад: ( two - “ду”; too - “хеле ҳам”); дуюм, фарқият дар хусусияти грамматикии онҳо ба назар мерасад: [tu:]-и якум дар ҳамон муҳите, ки ҳам three, four ва ғайраҳо вомехӯранд, дучор мешавад ва он ба синфи ҳамон калимаҳои дигар низ мансубият дорад. Ҳамзамон,[tu:] –и дуюм дар муҳити мутлақо дигар дучор мегардад, ки дар он ҷо, ҳамчунин, ба ҷойи вай метавонанд калимаҳои very, awfully, extremely ва ғайраҳо истифода шаванд. Фарқ дар навишти two ва too, ки дорои шарҳи таърихӣ мебошанд, дар забони англисии муосир тафовути грамматикӣ ва семантикиро мушоҳида кардан мумкин аст.

б) ҳамон як пайдарпайии овозҳо дар яке аз гуфторҳо морф мебошад. Масалан, калимаҳои англисии зеринро муқоиса менамоем:

*cutter, roller, slider, hammer, thunder.*

Дар калимаҳои *cutter, roller, slider,* албатта -er [ə] морф нест, зеро ин калимаҳо дар муносибатҳои дериватсионӣ (калимасоз) бо феълҳои (to) cut (cuts, cut, cutting), (to) roll (rolls, rolled, rolling), (to) slide (slides, slid, sliding) қарор доранд. Яъне дар онҳо аниқ морфҳои [kʌt], [roul], [slaid] ҷудо мегарданд ва аз рӯйи қоида, албатта фонемаи [ə] низ бояд морф пазируфта шавад.

Калимаи *hammer* бошад, дар муносибатҳои калимасозӣ на бо (to) ham, балки бо (to) hammer (hammers, hammered, hammering) ифода мешавад; *thunder* дар алоқаҳои калимасозӣ на бо (to) thund-и мавҷуднабуда, балки бо (to) thunder (thunders, thundered, thundering) корбурд мешавад. Ҳамин тавр, дар калимаҳои hammer, thunder мувофиқатан танҳо як морф ['hamə], [Өəndə],

ҷудо мешавад, албатта -er [ə] дар онҳо на морфема, балки қисми морф мебошад.

Ҳамин тавр, воҳиди ақаллии омӯзиши морфология морф аст. Морфҳои маънои якхеладошта, ки аз рӯйи муҳити истифода фарқ мекунанд, морфемаро ташкил мекунанд. Мисол, шаклҳои калимаҳои *books, hands, dishes, oxen, men, feet* – ро дар муқоиса бо дигар шаклҳои *book, hand, dish, ox, man, foot* гирем, зуд пай мебарем, ки морфемаи -s дар калимаҳои books чун морфи [s], дар *hands* [z], дар dishes [iz], дар oxen [n], дар man [e], дар foot [i] зуҳур кардааст, вале онҳо ҳама маънои ҷамъи исмро ифода мекунанд. Бинобар он, ҳамаи он морфҳо морфемаи шакли ҷамъи исмро ташкил менамоянд. Ҳар яки он морфҳо [s], [z], [iz], [n], [e], [i:] дар муҳит ва ҳолатҳои муайян истифода мешаванд, яъне морфи [s] пас аз ҳамсадои беҷаранг, [z] пас аз ҳамсадоҳои ҷарангнок ё садонокҳо, [iz] пас аз овозҳои шавшувӣ ва ғ. истифода мешаванд. Дар муҳите, ки [s] вомехӯрад, дучор омадани фонемаҳои [z] ё [iz] ё [n] ва ғ. мумкин нест. Яъне ҳар яке аз онҳо дистрибутсияи (муҳити синтаксисии) худро доранд.

Морфҳое, ки ба як морфема дохил мегарданд, алломорфҳои ҳамон морфема номида мешаванд. Гунаҳои як морфемаро алломорф меноманд. Мисол, дар забони англисӣ [s], [z], [iz] алломорфҳоянд, ки онҳо дар якҷоягӣ морфемаи шакли ҷамъсози исм -s (es)-ро ташкил медиҳанд. Ё худ [t], [d], [id] алломорфҳои як морфема мебошанд: онҳо дар якҷоягӣ морфемаи созмондиҳандаи *Past Indefinite* «-ed»-ро ба миён меоваранд.

Дар қатори морфемаҳои мусбат, ки нишонаи зоҳирӣ доранд, морфемаҳои сифрӣ низ мавҷуданд. Онҳо дар муқоиса бо морфемаҳои мусбат нишонаи зоҳирӣ надоранд, вале дорои маънои муайянанд. Мисол, муқобилгузории шаклҳои *picture* ва *pictures* ба он далолат мекунад, ки морфи [s] зоҳиран вуҷуд дорад ва маънои ҷамъ доштани исмро мефаҳмонад. Вале дар вожаи [ˈpɪktʃə] морфи мусбат мавҷуд нест. Бо вуҷуди он, бе морфи мусбат ҳам ба маънои шакли танҳои исм далолат мекунад. Аз рӯйи ин маънои грамматикӣ шакли *picture* ба шакли *pictures* муқобил меистад. Аз ин хотир,

мавҷуд набудани морфемаи мусбат низ маъное дорад, ки ин ҳолатро морфемаи сифрӣ меноманд. Дар муқоиса бо морфемаи мусбат морфемаи сифриро бо нишонаи «∅» ишора мекунанд. Масалан: boy ∅ - boys, house ∅ - houses, knife ∅ - knives, child ∅ - children ва ғ.

Калимаҳои сутуни якум морфемаи сифрӣ доранд, ки аз рӯйи маъно танҳо будани мафҳумҳои зикршавандаро мефаҳмонанд. Дар сутуни дуюм морфемаи мусбат ҳаст, ки он зоҳиран аён буда, ба маънои ҷамъ далолат мекунад.

Тавре ки қайд гардид, дар забон морфемаҳоро аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ ва вазифаашон ба морфемаҳои шаклсоз ва калимасоз ҷудо мекунанд. Морфемаҳои шаклсоз воҳидҳоеанд, ки дар занҷири нутқ бо калимае ҳамроҳ омада, барои барқарор кардани муносибати грамматикии он бо дигар калимаҳо хизмат мекунанд. Мисол, дар ҷумлаи *He reads Aini's works* морфҳои [z] дар [ri:dz], [z] дар [ainiz] ва [s] дар [wə:ks] воҳидҳои шаклсозанд, зеро онҳо калимаҳои фавқро бо дигар вожаҳо алоқаманд намуда, барои сохтани ҷумлаи болоӣ восита шуда, хизмат кардаанд. Морфи [z] дар [ri:dz] калимаи *read-ро* бо *he* алоқаманд кардааст. Морфи [z] дар [ainiz] барои робита пайдо кунонидани калимаи *Aini* бо *works* восита шудааст. Морфи [s] дар *works* барои барқарор намудани муносибати миқдории байни асарҳо (*work*) кӯмак расонидааст, яъне ин морф ишора менамояд, ки Айнӣ на як асар, балки асарҳои зиёд навиштааст.

Ҳамин тавр, морфемаҳои навъи номбурда барои сохтани шакли грамматикии калимаҳо хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, чунин воҳидҳоро морфемаҳои шаклсоз меноманд. Онҳо маънои лексикии калимаро тағйир намедиҳанд ва аз як калима дигар вожа намесозанд, балки барои ифодаи муносибатҳои гуногун хизмат мекунанд.

Агар калимаҳои *longer* ва *teacher*–ро ба воҳидҳои ақаллии маънодор тақсим кунем, мебинем, ки дар ҳар ду калима дутогӣ морф мавҷуд аст, яъне *longer = long + er* ва *teacher = teach + er*. Бо вуҷуди якхела будани морфи дуюмашон (яъне-*er)* дар он ду калима -er аз лиҳози вазифа фарқ мекунад. Дар

*longer* морфи -er воҳиди шаклсоз аст, зеро барои ифодаи муносибати байни як аломати предмет бо аломати предмети дигар хизмат мекунад. Мисол, *long* ва *longer* – ро муқоиса кунем, калимаи дуюм дарозтар будани аломати предметро нишон медиҳад ва бинобар он, - er маънои грамматикӣ дорад. Баръакс дар калимаи *teacher* морфи - er воҳиди шаклсоз нест, зеро маънои калимаи *teach* (омӯзонидан)-ро тағйир дода, барои сохтани калимаи нав (омӯзгор) хизмат кардааст. Мутаносибан, морфи - er дар калимаи *teacher* воҳиди калимасоз аст. Аз ин рӯ, дар забони англисӣ ду морфемаи шаклан якхелаи – *er* мавҷуд аст, ки онро, аз ин хотир омоморфема мегӯянд. Аз ин нуқтаи назар, морфемаи калимасоз гуфта, чунин морфемаеро меноманд, ки он барои аз як калима сохтани калимаи дигар восита шуда хизмат мекунад ва на муносибати грамматикии байни калимаҳо, балки муносибати дериватсиониро нишон медиҳад. Боз як мисол: Дар калимаи *worked* [t] морфи шаклсоз аст. Дар калимаи greatly [li] морфи калимасоз аст. Ё худ морфи – *ing* дар ҷумлаҳои *He is not feeling well* ва *His feelings were deep* ду морфи гуногунвазифа аст. Дар ҷумлаи аввал – *ing* воҳиди шаклсоз ва дар ҷумлаи дуюм воҳиди калимасоз мебошад, зеро дар як маврид, вай шакли *Participle* I – и феъли *feel* – ро сохта бошад, дар мавриди дуюм, аз феъли *feel* (ҳис кардан) исм (ҳиссиёт) сохтааст.

Дар илми забоншиносӣ морфемаҳои шаклсоз мавзуи баҳси грамматика мебошанд ва онҳоро морфемаҳои флективӣ (*inflectional*) низ меноманд.Дар хусуси табиати морфемаҳои калимасоз бошад, фикри муҳаққиқон мухталифанд. Баъзеҳо калимасозиро дар қатори морфология ва синтаксис як қисми дигари забоншиносӣ мешуморанд. Дигарҳо онро як рукни морфология ва баъзеҳо як қисми луғатшиносӣ меҳисобанд. Чанде забоншиносон калимасозиро на ба луғатшиносӣ ва на ба грамматика дохил мекунанд, балки чун як қисми алоҳидаи илми забоншиносӣ қаламдод мекунанд [57, 6]. “Созмонҳои мураккаб ва таркиби луғавии забон ҳамчун вазифаи асосии илми забоншиносӣ дар ҷараёни омӯзиш қарор гирифтааст. Дар қатори дигар забонҳои пешрафтаи дунё, забони англисӣ серистеъмол мебошад ва ҳамчун

забони муошираги байнифарҳангӣ ва таъсири омилҳои гуногун мунтазам фонди луғивии он бой мегардад, роҳу воситаҳои хоси ташаккули калимаҳои нав, алалхусус калимаҳои мураккабро дорад, ки дар раванди забономӯзӣ ва тарҷума дар чаҳрорчӯбаи забонҳои англисиву тоҷикӣ мушкилиҳои махсус эҷод мекунанд” [94, 21].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки калимасозӣ ва аз ҷумла морфемаҳои калимасоз ҳам ба грамматика ва ҳам ба луғатшиносӣ рабт доранд, ки дар умум ҳардуи ин ҷузъи забоншиносӣ маҳсуб меёбанд. Морфемаҳои калимасозро барои он бо морфология алоқаманд мекунанд, ки ба ин ё он ҳиссаи нутқ мансуб будани калима аз рӯйи морфемаҳои калимасоз низ муайян карда мешавад. Морфемаҳои калимасозро дар он хусус ба лексикология дохил мекунанд, ки морфемаҳои калимасоз ба маънои лексикии калима далолат мекунанд, яъне аз як калима калимаи нав бунёд мекунанд. Якҷоягии асоси калима ва морфемаи флективӣ шакли калима (word form) номида мешаванд [14, 41].

Масалан, дар маҷмуи вожаҳои *speak∅, speaks, spoke, spoken, speaking* асоси калима speak аст. Ҳар кадоме аз шакли грамматикии калимаи *speak* бо ягон морфема ифода шудааст, ки онро шакли калима номидан мумкин аст. Ҳар яки онҳо аз лиҳози маънои грамматикӣ мухталифанд. Вожаи *speak∅* дар муқоиса бо *speaks* морфемаи сифрӣ дорад ва ба шахси якуми шумораи танҳои замони ҳозира далолат мекунад. Вожаи *speaks* бошад, шахси сеюми танҳои замони ҳозираро ифода мекунад. Дар вожаи *spoke* суплептивизм ба назар мерасад ва он дорои морфемаи табодулӣ мебошад, зеро ба воситаи табдилёбии ҳарфҳои *-ea* ба *-o* сохта шудааст: *speak – spoke*. Дар вожаи *spoken* морфемаи *Participle* II (-en) ва дар *speaking* морфемаи *Participle* I (-ing) ба назар мерасад. Ҳамин тавр, ҳамаи шаклҳои феъли *speak*, ки дар боло оварда шуданд, бо гуногунии морфемаҳояшон ба ҳамдигар муқобил гузошта шуда, шакли калима номида мешаванд. Дар он ҳол мавҷудияти ҳар яке аз чунин шаклҳо эътироф карда мешавад, ки агар он шакл танҳо набуда, таззоди худро дошта бошад. Аз ин лиҳоз, зарфҳои *often, always, seldom, after, here,* ва ғ. шакли калима нестанд, зеро таззоди худро надоранд, яъне ба он калимаҳо

ҳамроҳ кардани морфемаҳои шаклсозе, ки маънои грамматикии онҳоро тағйир медода бошанд, мавҷуд нест.

Ҳамин тавр, дар забоншиносӣ мафҳумҳои морф, морфема ва алломорф яке аз воҳидҳои хурдтарини маънодори забонро ташкил дода, вазифаҳои мухталифро иҷро мекунанд. Гарчанд назари олимон оид ба морфемаҳо гуногун бошанд ҳам, дар умум, аз лиҳози маъно дар системаи морфологии забонҳо, асосан ду намуди морфема серистеъмол буда, ҳамчун воҳиди морфологӣ барои тағйир додани шакли грамматикӣ (бештар дар забонҳои флективӣ) ва бунёди вожаҳои нав истифода мешаванд. Омӯзиши тафриқаи морфемаҳои забонҳои омӯхташаванда дар қисматҳои минбаъдаи диссерататсия таҳлилу баррасӣ хоҳад шуд.

### 1.3. Таснифоти морфемаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Морфема дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳиди морфологӣ маҳсуб меёбад. Дар забони англисӣ морфемаҳо ба ду гурӯҳ: решагӣ (root-morphemes /roots/) ва аффиксалӣ (affixal morphemes /affixes/) ҷудо мешаванд.

Морфемаҳои решагӣ маънои аниқ ва “моддӣ”-и калимаро ифода менамоянд. Тавре ки Л. Блумфилд ишора мекунад, морфемаҳои решагӣ дар таркиби калима мавқеи марказиро дорад. Морфемаҳои решагӣ дар забон аз лиҳози сохт якранг мебошанд [24, 167].

Омӯзиши таркиби вожаҳои нишон медиҳанд, ки морфемаи решагӣ нисбат ба морфемаи аффиксалӣ маънои мушаххасро ифода менамоянд. Дар забони англисӣ бештар чунин воҳидҳои якҳиҷогӣ ба назар мерасанд, муодили тоҷикии онҳо аз миқдори ҳиҷо якзайл нестанд: *boy - писарак, day - рӯз; man - инсон, мард, to run - давидан, to go -рафтан, hot - гарм, red - сурх, rich - бой, six - шаш, in - дар, for - барои ва г.*

Морфемаҳои аффиксалии забони англисӣ ба *калиматағйирдиҳанда (inflectional)* ва *калимасоз (derivational)* ҷудо мешаванд. Морфемаҳои калиматағйирдиҳанда маънои грамматикии калимаро, вале морфемаҳои калимасоз бошанд, маънои лексикии онро тағйир медиҳанд [6, 99].

Ба ақидаи М.Я. Блох ба ғайр аз намудҳои анъанавии морфемаҳои дар боло қайдшуда, дар забони англисӣ чунин морфемаҳои ҷуфт ба ҳам муқобил тасниф карда мешаванд: морфемаҳои озод ва вобаста, пурра ва холӣ, маълум ва номаълум, сегментӣ ва ғайрисегментӣ, аддитивӣ ва субституцсионӣ, пайваста (пай дар пай) ва ҷудо [17, 56-62].

**Морфемаҳои озод (free)** метавонанд калимаҳои алоҳида созанд, аммо морфемаҳои вобаста (bound) танҳо ба сифати қисми калима истифода мешаванд, мисол: дар калимаи: ‘books’ – book – морфемаи озод, -s – морфемаи вобаста аст.

**Морфемаҳои маълум (overt - открытые)** ба морфемаҳои номаълум (covert - скрытый) муқобил гузошта мешаванд. Дар бисёр истилоҳоти анъанавӣ он чун муқобилгузории шаклҳои сифрӣ ба шаклҳои мусбат маъмул аст. Мисол: дар калимаҳои *egg - eggs* шакли ҷамъ тавассути морфемаи аён: *egg-s,* шакли танҳо бошад, бо ёрии морфемаи ниҳонӣ *egg Ø*.

**Морфемаҳои пурра (full) ё маънодор** ба морфемаҳои холӣ (empty) муқобил гузошта мешаванд. Дар ҷараёни инкишофи таърихии забонӣ бархе аз морфемаҳое маънои худро гум кардаанд. Чунин морфемаҳо аз вазифа ва маъно орӣ буда, онҳоро морфемаҳои “холӣ” меноманд. Масалан дар вожаи англисии *children – child* – решаи калимае, ки маънои асосии онро ифода мекунад, *-en* – пасванди шумораи ҷамъ, *-r-* бошад, морфемаи холие, ки ягон маъно надорад. *-r- дар таркиби калимаи children* нишонаи шакли кӯҳнаи морфологӣ маҳсуб меёбад.

**Морфемаҳои сегментии (segmental)** аз фонемаҳо иборат буда, ба морфемаҳои ғайрисегментӣ (suprasegmental) муқобил гузошта мешаванд, ки шакли фонемавии калимаро тағйир надода, маънои онро тавассути воҳидҳои гуногуни забонии суперсегментӣ дигаргун месозанд, масалан: *protest [`prəutest]* (исм) − *protest [prəu`test]* (феъл)*, suspect [`sʌspekt]* (исм) – *suspect [sʌs`pekt]* (феъл) ва ғ.

**Морфемаҳои аддитивӣ** гуфта, пасвандҳои грамматикии шакли калимаҳоро меноманд. Масалан: *say+s, look+ed, kind+er, cold+est, play+ing,*

*ох-en:* Дар морфемаҳои субституцсионӣ бошанд, ивазшавии фонемаҳои асос ҳангоми тағйирёбии флексияҳои дохилӣ ба амал меоянд. Масалан: sing-sang-sung, man- men, goose- geese ва ғ.

**Морфемаҳои бефосила (continuous)** бо якдигар дар чаҳорчӯбаи як калима пайваст мешаванд, масалан: helped, works, sees ва ғ.

**Морфемаҳои ҷудошуда (разрывные, discontinuous)** аз ду қисмат иборат буда, ҳангоми сохтани шаклҳои аналитикии калима мавриди истифода қарор мегиранд: have helped, is helping [17, 56-62].

М.Л. Лешёва дар тадқиқоташ боз як намуди дигари морфемаро муайян намуда, онро псевдо-морфема номгузорӣ намуд. Псевдо-морфемаро маҷмӯи фонемавӣ, ки ба сифати морфемаи вандӣ дар як калима ба назар мерасад ва метавонад ба сифати қисми ҷудонашавандаи морфемаи решагӣ дар дигар забонҳо ё дар калимаҳо иштирок намояд, ташкил медиҳанд. [62, 62]. Масалан:

а) re-: дар калимаҳои to regroup - таври дигар ба гурӯҳҳо тақсим (ҷудо) кардан, to reheat – аз нав гарм кардан, to rehouse - ба истиқоматгоҳи нав кӯчондан, to remake – аз нав иҷро кардан re- пешванд ба ҳисоб рафта, дар калимаҳои respect ‘ҳурмат, ҳурмат кардан’, to remit ‘бахшидан, авф кардан, to retain ‘нигоҳ доштан; дастгирӣ кардан ***re-*** қисми ҷудонашавандаи морфемаи решагӣ мебошад;

б) in-: дар вожаҳои inability - ноқобилӣ, беҳунарӣ, inattentive – бедиққат, беаҳмият, informal - ғайрирасмӣ, inanimation – беҷон, беруҳӣ in- пешванд ба ҳисоб меравад, аммо дар мисолҳои index- индекс, ишоракунанда, to inspect – бодиққат аз назар гузаронидан аз худ кардан, to inspire – талқин кардан, рӯҳбаланд кардан, to instigate - водор кардан, фитна ангехтан ***in*** - ҷузъи ҷудонашавандаи калима мебошад.

Дар калимаҳои сохтаи забони тоҷикӣ ду навъи морфема мушоҳида карда мешавад: 1) морфемаи решагӣ; 2) морфемаи ёридиҳанда.

Ба морфемаи решагӣ асоси аслӣ дохил мешавад, ки унсури ҳатмӣ ва таъминкунандаи маънои калима мебошад. Суффикс, префикс ва интерфикс ба гурӯҳи морфемаҳои ёридиҳанда медароянд [39, 130].

Бандак (ин ҷо сухан дар бораи бандаки феълӣ меравад) низ ба қатори морфемаҳои ёридиҳанда дохил мешавад ва дар ҷумла барои ифодаи шаклҳои синтаксисии ҳамон як калима хизмат мекунад. Бандак дар охири калима меояд: хонам, хонӣ, хонад; хонем, хонед, хонанд. Морфемаҳо дар таркиби калима ҷойи муайян ва устувор доранд.

Дар баъзе феълҳои сохта дар байни пешванд ва асос морфемаҳои - *на-* ва *-ме-* ҷой мегиранд: *барнамегардад, дарнамегирад, бознамеистад, вонамехӯрад*, ки дар ташаккули сохти синтетикии забон мавқеи хоса доранд.

Дар системаи морфологии забони муосири тоҷикӣ низ морфемаҳо серистеъмол буда, гарчанд ҳамон як вазифаро иҷро кунанд ҳам, тавассути шаклҳои гуногун инъикос меёбанд. Шаклҳои мухталиф ва гунаҳои морфемаро алломорф меноманд: *-он ва -ён, -вон, -гон*. Дар қатори алломорфҳо боз морфемаи синонимӣ ё синоморфемаҳо мавҷудвнд ва аз алломорф фарқ мекунад. Ҳар ду дорои як маъно ва ҳатто муносибати дистрибутивии иловагӣ бошанд ҳам, аз якдигар вобаста ба пайдоиш ва ё аз лиҳози фонетикӣ мухталифанд. Ба ин гуна воҳидҳои морфологӣ дар забони тоҷикӣ пешвандҳои - *ба* ва - *бо,* - *на* ва - *но*, пасвандҳои - *ча,* - *ак* ва ғайраро метавон ворид намуд. Масалан: *бадавлат, боадолат, ноинсоф, нарафтан, бозича, духтарак* ва ғ. [39, 134].

Морфемаҳо бо асос тавъам гирифта муносибати муайяни маъноиро ифода менамоянд. Маҳз сатҳи истифодаи онҳо ба ҳамин муносибат алоқаманд аст. Вобаста ба вазифа ва маъноянон аффиксҳо метавонанд серистеъмол ва камистеъмол бошанд, ки айнан чунин ҳолат дар забони англисӣ низ ба назар мерасад. Аз ҳамин ҷиҳат, алоқаи морфемагии аффиксҳои ёридиҳанда ба маъно, сохт ва хусусияти фонетикии асос вобаста аст.

Ҳамаи морфемаҳои решагӣ ва ёридиҳанда, ки барои сохтани калима истифода мешаванд, ҳиссаи маънодор буда, аз ҷиҳати моддӣ дар шакли овоз ва ё маҷмӯи овозҳо ифода меёбанд.

Асоси аслӣ дар байни дигар морфемаҳо морфемаи асосӣ ва зарурӣ ба шумор меравад. Асоси аслӣ ба сифати морфемаи решагӣ маркази маъноӣ ва калимасоз ба шумор рафта, аз бисёр ҷиҳат хусусияти номинативии калимаро муайян мекунад.

Муҳаққиқ А.А. Ривлина кайд менамояд, ки дар забони англисӣ сохти морфемавии калима метавонад ба таври хатти амудӣ инъикос ёбад, масалан, сохти мисолҳои *under+estimate+s* - *дуруст ба эътибор нагирифтан*, *dis+orient+ed* - *гумроҳ кардан* чунин тасвир карда мешавад: W= [Pr +(R+L)]+Gr, ки дар он W (word) – калима, Pr (prefix) – пешванд, R (root) – реша, L (lexical suffix) – пасванди лексикӣ, Gr – (пасванди граматикӣ) [87, 11].

Ҳамин тавр, таърифҳои дар маохизи забоншиносӣ пешниҳодшудаи морфема ва намудҳои он, алалхусус оид ба “морфемаи холӣ” мухталифанд, бо вуҷуди ин як қисми зиёди олимон бобати ҷудонашавандагӣ (тақсимнопазирӣ) ва дорои маъно будани морфемаҳо ҳамчун унсури забон ҳамфикранд. Дар пайравӣ ба ақоиди бештари забоншиносон, мо низ чунин мешуморем, морфема воҳиди хурдтарини забон буда, он аз рӯи сохт сода, дериватсионӣ (сохта) ва мураккаб шуда метавонад. Морфема барои сохтани шакли грамматикии калимаҳо хизмат мекунад.

Морфемаҳо дар забонҳои муқоисашаванда хосиятҳои мухталифро доро мебошанд. Дар низоми морфологии забони англисӣ морфемаи флективӣ ва дериватсиониро ҷудо мекунанд, ки намуди аввал барои ифодаи хусусиятҳои грамматикӣ ва намуди дуюм барои тағйир додани категорияи грамматикӣ хизмат мекунад.

Дар забони тоҷикӣ морфемаҳо муносибати дистрибутивиро инъикос намуда, решагӣ ва ёридиҳанда мешаванд. Морфемаҳои решагӣ унсури ҳатмии калима маҳсуб ёфта, ба қатори морфемаҳои ёридиҳанда суффиксҳо,

префиксҳо ва аффиксҳо дохил мешаванд. Дар ҳар ду забон морфемаҳои сифрӣ мавҷуданд, ки аз лиҳози фонетикӣ ифода намешаванд, аммо ҳангоми муқобилгузорӣ шакли грамматикӣ месозанд.Дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи морфемаҳои калимасоз ва шаклсоз префиксҳо ва суффиксҳо дохил мешаванд, аммо дар забони англисӣ тавассути префиксҳо шакли грамматикӣ сохта намешавад ва миқдори морф ва суффиксҳои шаклсоз низ каманд.

Аз далелҳои дар боло овардашуда метавон хулоса кард, ки ҳам дар системаи морфологии забони муосири тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ калимаҳо аз морфемаҳо иборат буда, аз лиҳози маъно ба морфемаҳои решагӣ ва вандӣ ҷудо мешаванд. Дар забоншиносии англис ба ғайр аз морфемаҳои анъанавии ишорашуда, боз морфемаҳои озод ва вобаста, пурра ва холӣ, аён ва ниҳон, сегментӣ ва ғайрисегментӣ, аддитивӣ ва субституцсионӣ, пайваста (пай дар пай) ва ҷудо арзи вуҷуд доранд.

Омӯзиши муқоисавии морфемаҳо дар сохтори морфологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳад, ки сохти морфемавии забонҳои таҳқиқшаванда қисман бо якдигар мувофиқ меоянд.

### 1.3.1. Морфемаҳои аффиксалӣ (вандӣ) ва решагӣ дар забони англисӣ

Аслан морфема аз морф, алломорф ва аффиксҳо иборатанд. Аффикс (affix) морфемае, ки дар таркиби шакли грамматикии калима ҷудо карда шуда, қисми боқимондаи калимаро тағйир медиҳад. Вобаста ба мавқеи истифодаашон аффиксҳо дар аввал, мобайн ё охири калима (префикс, интерфикс ва суффикс) ҷойгир мешаванд [9, 58].

Тафриқаи аффиксҳо дар асоси вазифа дар таркиби калима чунин ба роҳ монда мешавад: аз ҷиҳати ҷойи онҳо дар калима вобаста ба решаи он; аз рӯйи хусусияти ифодаи расмӣ; аз лиҳози дараҷаи маҳсулнокӣ. Дар забонҳои муқоисашаванда аффиксҳо аз лиҳози маъно ва вазифа ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) шаклсоз (word-changing affixes, inflections, inflectional endings), ки барои тағйир додани шакли грамматикии ҳамон як калима хизмат мекунанд;

2) калимасоз (word-building/derivational affixes), ки барои сохтани калимаҳои нав истифода бурда мешаванд.

Аффиксҳои шаклсоз (word-changing affixes) умумӣ (универсалӣ) мебошанд, яъне бо ҳама ё бисёр калимаҳои категорияи грамматикии мазкур истифода мешаванд. Онҳо вазифаи грамматикиро адо намуда, ба маънои луғавии калима таъсир намерасонанд. Омӯзиши сохти морфологии забони англисӣ аз он далолат менамояд, ки шаклсозии морфологӣ назар ба аналитикӣ ба дараҷаи олӣ инкишоф наёфтааст: Аффиксҳои сермаҳсули морфологӣ дар забони англисӣ танҳо панҷтоанд:

1) -s/-es дорои чунин нишондиҳандаҳо мебошад;

а) шакли ҷамъи исмҳо: student-s

б) шакли падежи соҳибӣ: sister’s hat

в) шакли шахси сеюми танҳои феъл дар замони ҳозира: she speaks.

г) шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ: ours, theirs

д) шакли шумораи ҷамъи ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ: ourselves, yourselves

2) (e)r – нишондиҳандаи шакли дараҷаи қиёсии сифат ва зарф мебошад: nicer- зеботар, earlier - барвақттар

3) (e) st- ба шакли дараҷаи олии сифат ва зарф ишора менамояд: nicest - зеботарин, earliest - барвақттарин

4) (e) d – барои сохтани шакли замони гузаштаи феълҳои дуруст ва сифати феълии замони гузашта (Participle II) -и феълҳои дуруст истифода мешавад: asked – пурсид; asked - пурсидашуда

5) ing- шакли сохташавии герундий: reading - хониш; хондан ва сифати феълии замони ҳозира (Participle I) : reading - хонда истода мебошад.

6) en- барои сохтани шакли ҷамъи баъзе исмҳо, барои сохтани сифати феълии замони гузаштаи як қатор феълҳои нодуруст ва ғ.: hidden- пинҳоншуда, ripen – пухта расида, oxen - говҳои шохдор, children – кӯдакон.

Аффиксҳои калимасоз (word-building/derivational affixes) ба морфемаи решагии калима маънои нави луғавиро ворид менамоянд. Чунин аффиксҳо

хусусияти универсалӣ надоранд, гарчанде онҳо мунтазам дар созмони калимаҳои нав бо ҳамон асос истифода мешаванд. Масалан, аффикси -ess бо осонӣ бо асосҳои иқтибосӣ мисли пасванди дорои маънои ҷинси занонабуда дар калимаҳои зерин баробар мешавад: *actor "актер; ходим" – actr-ess "актриса", cloisterer "*роҳиб, шайх*" – cloister-ess "роҳиба" ва г.*

Дар забони англисии муосир аффиксҳои калимасоз нишондиҳандаи мансубияти калима ба ҳиссаи муайяни нутқ ба шумор мераванд. Тавассути аффикси калимасоз мансубияти категориалии калимаро муайян кардан мумкин аст. Масалан, аён аст, ки калимаҳои *susceptibil<u>ity</u>, relegat<u>ion</u>* – исм, *egregi<u>ous</u>, supervacane<u>ous</u>* – сифат, *exerc<u>ise</u>, extempor<u>ise</u>* – феъл мебошанд.

Аффиксҳои флективии омонимӣ наметавонанд ҳамчун нишондиҳандаҳои мансубияти категориалии калима ифодашаванд, зеро чунин морфемаҳо полифункционалианд, яъне бисёрвазифаанд.

Дар забони тоҷикӣ то ин дам оид ба таҳқиқи пасванду пешвандҳои калимасоз фикру ақоиди гуногун ба даст омадааст. Як гурӯҳ олимон пешвандҳои шаклсоз ва дигар воҳидҳои грамматикиро ба қатори вандҳои калимасоз дохил мекунанд. Аз ҷумла, дар мисоли поён забоншинос М. Қосимова артикли -е-ро пасванди ҷонишинсоз меҳисобад: "Якеро писар ҳаст ва якеро духтар. Дар мисоли мазкур шумора вазифаи исмро адо намуда, категорияи грамматикии исм (артикли -е)-ро қабул намудааст. Ин тарзи ифода дар забони ҳозираи тоҷикӣ маъмул буда, дар назму наср серистеъмол аст ва ба саволи исм (кӣ?, киро?) ҷавоб мешавад" [59, 133].

Масалан: Яке гӯру яке кон меканад боз, яке девори зиндон меканад боз. Ин ҷо -е артикл аст, на пасванди калимасоз [Лоиқ].

Забошинос Қосимов О. дар таҳқиқоти илмиаш "Луғати "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ" мавқеи на он қадар муҳим доштани вандҳоро дар сохтани луғати субстантивӣ дар "Шоҳнома" ишора намудааст. Зеро яке аз хусусиятҳои хоси таркиби луғавии забони "Шоҳнома" ин тавассути решаи аслӣ ифода ёфтани исмҳои конкрет буда, чунин исмҳо, асосан тавассути морфемаи "-а" сохта шудаанд: гарм-об-а [58, 62].

Ба ақидаи забоншинос Х. Муҳаммадзод пасвандҳои шаклсози *ме-, би-, бу-* ба қатори пешвандҳои калимасоз дохил мешаванд: *бигуфт, бирехт, бидод, металабам, мешунавӣ, бубахш* [74, 10-11].

Бархилофи ақидаҳои боло, забоншиноси маъруфи тоҷик Ш. Рустамов дуруст қайд мекунад, ки «ҳам маънои асос ва ҳам маънои аффикс маҳз дар калимаҳои сохта равшан зоҳир мешавад» [88, 21]. Ақидаи мазкурро мо низ ҷонибдорӣ менамоем ва гарчанде дар ифодаи аффиксҳо мисли асоси калима маънои алоҳида ниҳон набошад ҳам, дар созмони калима онҳо маънои мушаххасро ифода мекунанд ва дар низоми калимасозӣ мавқеи хосаеро касб намудаанд. Аммо ин хосиятро на ҳамаи муҳаққиқон ба назар мегиранд.

Аз лиҳози вазифаи грамматикӣ пасвандҳо ва пешвандҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: шаклсоз ва калимасоз. Ба пасванду пешвандҳои шаклсоз тағйир додани шакли калима хос аст. Пасванду пешвандҳои калимасоз бошанд, метавонанд ба асос ҳамроҳ шуда, маънии луғавии калимаро дигар кунанд ва мафҳуми нав ба амал оваранд. Калимаҳои сохта метавонанд, ки аз пешванду пасванд, аз як пасванд ё пешванд ва ё аз ду пасванд иборат бошанд. Масалан: но+адолат+ӣ, пос+бон+ӣ, дӯст+она, фоида+нок, но+инсоф+она, саховат+манд+ӣ.

Ба ақидаи Ш. Рустамов як гурӯҳ калимаҳо дорои “ду пояи калимасозӣ“ мебошанд. Вандҳои калимасоз дар созмони як ва ё якчанд ҳиссаҳои нутқ иштирок менамоянд. Вандҳои калимасозе, ки якчанд ҳиссаҳои нутқ месозанд, ***вандҳои калимасози муштараквазифа*** номида мешаванд. Баъзе вандҳои калимасоз аз лиҳози вазифаи калимасозиашон ба омоморфема ва синоморфема ҷудо карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ метавон пасвандҳои -а, -ӣ, -она, -ак пешвандҳои бар-, боз- ва ғайраро дохил кард. Аз рӯйи дараҷаи истифодашавӣ вандҳои калимасоз сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд [88, 22].

Дар китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” (фонетика ва морфология. Қ. 1.) вандҳои калимасози исм аз лиҳози дараҷаи истифодашавӣ ба ду гурӯҳ: сермаҳсул ва каммаҳсул ҷудо карда мешаванд. Ба гурӯҳи сермаҳсул

пасвандҳои -ӣ, -чӣ, -а, -гоҳ, -зор, -истон, -иш ва ғ. ва ба гурӯҳи каммаҳсул -ок, -лох, шан- шомил гашта, пасвандҳои -ча, -ак- чун пасвандҳои шаклсоз ишора шудаанд [77, 74].

Тавассути пасвандҳои гуногун аз як асос метавон калимаҳои навро бо маъноҳои мухталиф офарид. Аз ҷумла, аз исми “даст” бо пасвандҳои -а, -ак, -ӣ, -акӣ калимаҳои дорои маънии луғавии гуногундошта сохтан мумкин аст: даст+а, даст+ӣ, даст+акӣ, даст+ак. Дар мақолаи забоншинос Д. Хоҷаев “Қайдҳои сарфии Хоҷа Ҳасани Нисорӣ” таърихи қадимаи калимасозии вандҳо таҳлил гашта, 35 вандҳои калимасозӣ дарҷ шудаанд, ки аксари онҳо имрӯз низ серистеъмоланд: -осо, -нок, -ак, -аш, -ваш, -дор, -зор, -бор, -бар, -вар, -вор, -сор, -ор, -гар, -гор, ӣ, -чӣ, -ҳо, -ин, -шон, -гон, -фон, -дон, -бон, -истон ва ғ. [114, 74].

Морфемаҳои ёвар, ки пеш аз асос истифода шуда, маънои грамматикӣ ва калимасозиро ифода мекунанд пешванд номида мешаванд (аз калима лотинии praefixus – ба пеш пайваст кардашуда) [103, 667].

Дар забонҳои муосири мавриди таҳқиқ пешвандҳо дар қатори дигар морфемаҳои флективӣ серистеъмоланд. Пешванд дар забонҳои муқоисашаванда ванде мебошад, ки пеш аз асос ё пеш аз дигар пешванд қарор мегирад. Бояд қайд кард, ки дар забонҳои мазкур пешвандҳо, одатан ба калима маънои инкор ё муқобил зам намуда, баъзан маънои онро тақвият медиҳанд.

Дар забони англисӣ пешвандҳо танҳо чун морфемаҳои калимасоз истифода шуда, дар шаклсозӣ иштирок намекунанд. Ҳангоми пайваст кардани пешванд ба калима маънои он ба миқдори муайян тағйир меёбад.

Пешвандҳоро шартан метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард:

1) аслии англисӣ: fore-, be-, by-, in-, mis-, out-, over-, semi-, un-, under- и т.д.;

2) аз забонҳои лотинӣ ва юнонӣ иқтибосшуда: a-, ab-, ante-, anti-, arch-, auto-, bi-, co-, col- (con-, cor-), contra-, counter-, de-, demi-, dis-, en-, ex-, extra-, hyper-, in-, inter-, intra-, intro-, macro-, micro-, mal-, male-, multi-, non-, omni-,

pan-, post-, pre-, pro-, pseud(o)-, re-, sub-, super-, trans-, ultra-, vice- и др [46, 20; 18, 131].

Дар таркиби аффиксҳои забони англисии муосир пешвандҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- пешвандҳои субстантивӣ: anti-, non-, pre-, post-, sub-, dis-, arch-, hemi- и др;

- пешвандҳои феълӣ: dis-, re-, under-, over-, de-, fore-, mis-, co- ва ғ.;

- пешвандҳои адъективӣ: a-, un-, anti-, be-, en-, re-, in-, pre-, non- ва ғ.

Муҳаққиқ С. Низомова пешвандҳои калимасозро дар алоқамандӣ ба ҳиссаҳои нутқ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад:

1. Пешвандҳои ҳиссаҳои номисоз: бо-, ба-, бе-, но-, ҳам-;
2. Пешвандҳои феълсоз: бар-, боз-, дар-, фар- //фур-, во-;

Пешвандҳои калимасоз аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд.

1. Пешвандҳои сермаҳсул: бар-, бе-, дар-, ҳам-;

2. Пешвандҳои каммаҳсул: боз-, бо-, но;

3. Пешвандҳои бемаҳсул: во-, ба-, фур /фар- [78, 124].

Шумораи пешвандҳои калимасоз дар забони тоҷикӣ зиёд набошад ҳам, дар сохтани калимаҳои нав ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон нақши муҳимро мебозанд.

Пасванд (морфемаи пасвандӣ) (англ. suffix, фр. suffixe, нем. Suffix, Nachsilbe, исп. sufijo.) морфемаи аффиксалии баъди решагӣ буда, дар таркиби шакли калима ҷудо карда мешавад [9, 454].

Дар забони англисии муосир суффиксатсия чун воситаи калимасозӣ дар ҷараёни созмони калима бо ҳиссаҳои асосии нутқ ба таври васеъ истифода мешавад ва яке аз хусусиятҳои муҳими сохти (система) пасвандӣ ин озод будани пасвандҳо дар пайвастшавӣ бо асосҳо ба ҳисоб меравад.

Пасвандҳо дар забони англисӣ аз рӯйи вазифа ба гунаҳои луғавӣ ва грамматикӣ ҷудо мешаванд, масалан:

а) activate-s “ба кор медарорад; ба амал меорад, васл менамояд” – пасванди -ate луғавӣ мебошад, зеро калимаи active “фаъол; зинда; ташаббускор” аз исми act “кор, рафтор, корнамоӣ” сохта шудааст, пасванди -s бошад, гунаи грамматикист: он шакли феъли to activate-ро тағйир дода, маънои грамматикии шахси сеюми шумораи танҳоро ифода мекунад.

б) summarized “хулоса баровад (кард), ҷамъбаст кард” -ize маънои луғавӣ дорад, аффикси -ed – дорои маънои грамматикӣ буда, чун нишондиҳандаи шакли замони гузашта адои хизмат менамояд;

в) shortens “кӯтоҳ мекунад, мухтасар (ихтисор) менамояд”– пасванди -en маънои луғавиро ифода мекунад, -s – маънои грамматикиро таҷассум намуда, чун нишондиҳандаи шахси сеюми шумораи танҳо баромад менамояд.

Пасвандҳои грамматикӣ инчунин флексияҳо (бандакҳо) (inflexions, inflections, inflectional endings) номида мешаванд.

Дар забони англисӣ меъёрҳои зиёди тавсиф ва гурӯҳбандии пасвандҳо мавҷуданд.

Муҳаққиқон А.Н. Илина ва С.Г. Кибасова дар сохти морфемавии калимасозӣ намудҳои зерини гурӯҳбандии пасвандҳоро ҷудо менамоянд [46, 17]:

1. Таснифи пасвандҳо вобаста ба ҳиссаи нутқе, ки ба он калимаи сохта тааллуқ дорад. Ҳангоми ҳамроҳ шудан ба асос пасванд вазифаи категориалиро ба дӯш мегирад ва дар ин ҳолат калимаи сохта ба дигар ҳиссаи нутқ мубаддал мешавад. Дар асоси таснифи мазкур чунин намудҳои пасвандҳо ҷудо карда мешаванд:

• пасвандҳои номӣ пасвандҳое мебошанд, ки аз асосҳои гуногун исм месозанд: er, ist, ness, acy, age, al, ian, ment, ing, ship, hood, arian, ence, ancy, ism, ee, ion, dom, ard, cy, ist, iana, ster ва ғ.;

• пасвандҳои адъективӣ гуфта, он пасвандҳоеро меноманд, ки аз асосҳои гуногун сифат месозанд: y, ish, ful, less, ed, ic, ous, able, ive, esque, ory, some ва ғ.;

• пасвандҳои феълӣ аз асосҳои гуногун феъл месозанд: ize, ate, ify, en;

• пасвандҳои адвербиалӣ аз асосҳои гуногун зарф месозанд: ly, ward, wise, fold, most.

2. Таснифи пасвандҳои калимасоз вобаста ба ҳиссаи нутқе, ки ба он калимаи сохта тааллуқ дорад.

• Пасвандҳои дохилиномӣ пасвандҳое мебошанд, ки ба асосҳои исмӣ васл мешаванд: ful, ish, y, like, less, let, ian, ship, ess, ese, al, ous, esque, en ва ғ;

• Пасвандҳои дохилисифатӣ пасвандҳое ҳастанд, ки ба асосҳои сифатӣ ҳамроҳ мешаванд: ish, y, ness, ity, en, hood, ism, most ва ғ.;

• Пасвандҳои дохилифеълӣ пасвандҳое ба шумор мераванд, ки бо асосҳои феълӣ тавъаманд: ion, er, ment, ing, able, ive, al, ence, ory, ant, age ва ғ.

Миқдори муайяни пасвандҳои калимасоз бо асосҳои решаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ мувофиқ меоянд, зеро онҳо хусусияти нимвалентӣ доранд. Аз рӯйи қоида пасвандҳои мазкур полисемантикӣ мебошанд.

3. Таснифоти маъноӣ вобаста ба умумияти маънои категориалии абстрактӣ, ки ба пасвандаи калимасоз хос аст. Дар байни пасвандҳои номӣ гурӯҳҳои маъноии зерин ҷудо карда мешаванд:

а) пасвандҳои агентивӣ: -ant, -er, -ee, -ess, -eer;

б) пасвандҳои ифодакунандаи мансубияти миллат ё ҷуғрофӣ: -ian, -ese;

в) пасвандҳои ифодакунандаи маънои ҷомеъ: -dom, -age;

г) пасвандҳои ифодакунандаи хурдӣ: -ie, -let, -ling, -ette.

4. Пасвандҳои калимасоз аз рӯйи пайдоиш ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

а) англисии қадим: -d, -ed, -dom, -en, -fold, -ful, -hood, -ing, -ish, -less, -let, -like, -lock, -ly, -ness, -ock, -red, -ship, -some, -teen, -th, -ward, -way, -wise, -y;

б) аз забонҳои романӣ иқтибосшуда, алалхусус аз забони лотинӣ: -able, -ible, -al, -ant, -ent; фаронсавӣ: -age, -ance/-ence; -ance/-ency, -ard, -ate, -sy; греческого: -ist, -ism, -ite. Пасвандҳои иқтибосшуда ҳангоми сохтани

калимаҳои нав дар забон пурра ассимилятсияшуда ба ҳисоб мераванд [8, 127].

5. Таснифи пасвандҳои калимасоз аз лиҳози сермаҳсулӣ ё каммаҳсулӣ, яъне пасванҳои “зинда” ё “мурда”. Пасвандҳои “зинда” бо осонӣ аз асос ҷудо мешаванд, пасвандҳои “мурда” бошанд, пурра аз истифода баромадаанд ва аз ҳамин сабаб, чун қисми ҷудонашавандаи калима қабул карда мешаванд [46, 18].

Калимасозӣ тавассути пасвандҳо дар давраи қадима ва миёнаи забони эронӣ низ маъмул буд. Дар маҷмӯи пажӯҳишҳо оид ба грамматикаи давраи қадима ва миёнаи забони эронӣ аз ҷумла, дар монографияҳои якҷояи “Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки” [97, 263-265] ва “Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки.” [85, 53] ин хусусиятҳо инъикос ёфтаанд.

Дар забони муосири тоҷикӣ ҳиссаҳои гуногуни нутқ махсусан исм, сифат ва зарфҳо тавассути вандҳо бештар калимаҳои нав меофаранд. Усули мазкури калимасозӣ дар давраи нави инкишофи забони форсии дарӣ – тоҷикӣ маъмултар гаштааст. Дар забоншиносии муосир пасвандҳо яке аз маъмултарин роҳҳои сохтани калимаҳои нав дар ин забон ба шумор меравад.

Миқдори пасвандҳои калимасоз дар сарчашмаҳои забони тоҷикӣ ба таври гуногун оварда шудаанд, аммо дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” 62-тои онҳо қайд карда шудаанд, ки ин аз хосияти ташаккули сохти флективии ин забон дарак медиҳад [33, 59].

Дар забони тоҷикӣ пасвандҳо вобаста ба мавқеи категориалии калима ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд:

А) пасвандҳои исмсоз: -чӣ, -гар, -гор, -бон, -ор, -а, -ак, -ча, -она (ёна), -дон, -гоҳ, -зор, -во, -андар, -навард ва ғ.

б) пасвандҳои сифатсоз: -и, -нок, -манд, -она, -гун, -ак, -ин, -онӣ, -осо, -ваш, -ур;

в) пасвандҳои зарфсоз: -ан (ян), -о, -нокӣ, -ак (-акак), -акӣ, -она, -вор, -е, -ҳо, -ӣ (-гӣ), -сон ва ғ.;

г) пасванҳои феълсоз: -ид, -он [33, 59].

Аз лиҳози дараҷаи калимасозӣ пасвандҳои забони тоҷикӣ бемаҳсул, каммаҳсул ва сермаҳсул мешаванд. Муайян намудани сабабҳои бемаҳсул, каммаҳсул ва сермаҳсулии аффиксҳо яке аз масъалаҳои душвори забоншиносист. Вобаста ба тағйироти лексика ва тағйироти системаи номии предметҳо аффикс бемаҳсул ва каммаҳсул шуда метавонад. Қолибҳо низ кӯҳна ва аффикс архаистӣ мешавад. Алоқамандона бо сабабҳои соф забонӣ низ аффикс бемаҳсул ва ё каммаҳсул шуда метавонад. Масалан, пайдо шудани синоним аффиксро аз доираи морфемаҳои маҳсулнок ё сермаҳсул танг карда мебарорад [33, 60].

Ҳамин тавр, мавқеи аффиксҳо чун морфемаҳои калимасоз яке аз воситаҳои ғанӣ гардидани таркиби луғавии забон буда, дар калимасозӣ ва роҳу воситаҳои сохта шудани калимаҳо дар забонҳои муқоисашаванда мавқеи хосаро ишғол мекунанд. Дар ҳар ду забон пасванду пешвандҳо аз рӯйи вазифаи грамматикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: шаклсоз ва калимасоз. Аз рӯйи дараҷаи калимасозӣ ба гунаҳои бемаҳсул, каммаҳсул ва сермаҳсул ҷудо мешаванд.

Морфемаҳои решагӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври алоҳида мавриди таҳқиқи забоншиносон қарор гирифтааст. Вобаста ба истифодаи морфемаҳо дар забони англисӣ асарҳои зиёд бахшида шудаад. Аз ҷумла, дар китоби “Морфологияи таърихии забони англисӣ” қайд карда шудааст, ки морфемаи решагӣ дар калимаҳое, ки ба гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ-грамматикӣ дохил мешаванд, ягона ва доимӣ мебошанд [121, 15]. Масалан, дар чунин калимаҳои якрешагӣ мисли green “сабз”, green-er “навёдгир; коргари бетаҷриба; шахси сода”; green-ery “кабудӣ, рустанӣ; гулхона, гармхона”; green-ing “себи сабз (навъ)”; green-ish “сабзчатоб”, green-ness “кабудӣ”; нопухта, бетаҷрибагӣ, ноозмудакорӣ’, green-y “сабз” морфемаи решагии green- ҷудо карда мешавад.

Забоншиносони англис И.П. Иванова, В.В. Бурлакова ва Г.Г.Почепцов дар китоби “Грамматикаи назариявии забони англисии муосир” морфемаи

решагиро воҳиди якҳиҷогӣ дар сиситемаи морфологӣ қаламдод менамоянд. Дар мавриди реша бошад, онҳо ишора менамоянд, ки дар калима назар ба морфемаи аффиксалӣ реша маънои аниқтарро ифода мекунад. Дар калимаҳои мустақилмаъно морфемаи решагӣ қисми маънои яклухти луғавиро ифода карда, ядрои маъноии калимаро ташкил медиҳад, яъне маҳз аз морфемаи решагӣ калима асос мегирад [43, 6].

Мувофиқ омадани морфемаи решагӣ бо асоси калима одатан аз рӯйи таркиби овозии худ бармеояд, ки дар ҳар ду забони муосири муқоисашаванда якхел ҷараён мегирад. Дар давраи нави инкишофи худ забони англисӣ чун таркиби якморфемагии калима шарҳ дода мешавад, масалан: *kind* – морфемаи решагӣ, ки ба асос баробар аст, пасванди *-ness* ба асос ҳамроҳ мешавад, ки реша – асос номидан мумкин аст: *kindness* "некӣ, некӯӣ; меҳрубонӣ". Феъли забони англисии *read* «хондан» аз рӯйи шакли овозии худ ҳам бо морфемаи решагии *read* ва ҳам бо асоси *read* - хондан, ки ба онҳо морфемаҳои пасвандӣ ҳамроҳ мешаванд, мувофиқат мекунад, масалан: read-able "хоно, равшан; хуб навишташуда, шавқовар; read-ability "хоно, равшан"; read-er "хонанда, китобдӯст; қироаткунанда; суханвар нотиқ; муқарриз; омӯзгор (дар донишгоҳ); лектор"; readership "вазифаи омӯзгорӣ дар донишгоҳ"; хонандагон; гурӯҳи хонандагон; read-ing "хониш; фозил будан".

Аз рӯйи таркиби фонетикӣ решаҳо аз маҷмӯи овозҳо иборат мебошанд. Дар забони тоҷикӣ решаҳо одатан серовозанд. Решаи калима аз лиҳози овоз тағйир ёфта метавонад, ки асосан дар феъл ба назар мерасад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик тағйирёбии асоси феъл аз рӯйи қонуну қоидаи фонетикии анъанавию таърихӣ ба амал меояд. Баъзе асосҳои феъл куллан дигаргун мешаванд: кун-кард, бар-бурд, о(ой)-омад, гир-гирифт, рав-рафт ва ғ.

Дар ҷараёни иштирок дар калимасозӣ решаҳо аз ҳамдигар фарқ, мекунанд, зеро онҳо дар калимасозӣ фаъоланд ва гурӯҳи калимаҳои ҳам-решаро офаридаанд: чойхона, меҳмонхона, китобхона ва ғ. Гурӯҳи дигари решаҳо фаъол набуда, танҳо дар созмони калимаҳои алоҳида мавриди

истифода қарор мегиранд: бойбача, колхозчиписар, коргардухтар, падарандар, модарандар ва ғ.

Дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихи забони тоҷикӣ дараҷаи иштироки калимасозии асосҳои аслӣ ва сохта ранги гуногунро мегиранд. Дар як давра баъзе асоси аслӣ ва дар давраи дигар баъзе асоси сохта фаъол шуда метавонанд [33, 60 – 61] .

Морфемаҳои решагӣ дар забони англисӣ чун дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: озод (free morphemes) ва вобаста (связанные (bound morphemes). Ба морфемаҳои озод аксарияти морфемаҳои решагие, ки новобаста аз калимаҳои амалкунанда бо шакли калимаҳо мувофиқат мекунанд, дохил мешаванд. Масалан, *help-ful "фоида-бахш", play-ground "майдончаи бозии бачагона"*). Морфемаҳои решагии вобаста дар якҷоягӣ бо дигар асосҳо ё бо вандҳои калимасозанда истифода шуда, гунаҳои аввали чунин решаҳо мустақилона истифода намешаванд. Масалан: *mono-graph "монография", geo-logy "геология"* [127, 18-20 ; 62, 62].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазифаи морфемаҳои вобастаро дар баъзе ҳолатҳо морфемаҳои решагӣ ба иҷро мерасонанд. Омӯзиши таркиби калимаҳои *phobia* "тарс, бим, ҳарос", *inept* "беақл, бефаросат", *defunk "мурда; вуҷуд надошта"а*з далолат медиҳанд, ки , морфемаҳои phob-, -ept, -funk дар забон дар алоҳидагӣ арзи вуҷуд надоранд, ва аз ҳамин лиҳоз, вобаста ба шумор мераванд. Аз ин ҷо бармеояд, ки морфемаҳои решагии вобаста он морфемаҳое мебошанд, ки бо шакли калимаҳои мустақил баробар шуда наметавонанд. Дар забони англисӣ чунин морфемаҳои решагии вобаста мавҷуданд:

scrib- / scrip- : describe "тасвир кардан, тавсиф намудан"; inscribe "ба болои (ба рӯйи) чизе навиштан; кандан, кандакорӣ кардан, сангтарошӣ кардан"; prescribe "таъин кардан, маслиҳат додан, фармудан (дору); subscribe "садақа кардани пул; имзо кардан (гузоштан), даст мондан; обуна шудан; ба фикри касе розӣ шудан"; ascription "нисбат додан(и); пиндоштан(и)"; prescription "таъинот, маслиҳат; дорухат"; inscription "хат, навиштаҷот";

graph-: нависандаи тарҷумаи ҳол, биограф; calligraphy “хаттотӣ, хушхатӣ, хушнависӣ; ҳусни хат”; cartographer “картограф, харитакаш”; chronograph “хронограф, солномаи қадимӣ, таърих”; monograph “монография; навиштани монография”;

circ- : circle “давра; гирду атроф; гурӯҳ; доира, соҳа”; circulate “гирд гаштан, давр (чарх) задан; паҳн шудан; рафтуомад кардан”; circulation “гардиш, даврзанӣ, чарх-занӣ; хунгардӣ”; circulator “паҳнкунанда; circus сирк”.

Дар забони англисӣ, инчунин, морфемаҳои нимозод/нимвобаста (полусвязанные/ полусвободные морфемы (semi-bound /semi-free/ morphemes) мавҷуданд. Морфемаҳои нимозод/нимвобаста (ё аффиксоидҳо) метавонанд чун вандҳо мавриди истифода қарор гиранд ва калимаҳои мустақилро ифода намоянд [62, 62].

Ғайр аз морфемаҳои озод ва вобаста дар забони англисӣ, инчунин, морфемаҳои ҷудогона (алоҳида) (unique morphemes) мавҷуданд, яъне морфемаҳое, ки танҳо дар як калима новобаста аз мавҷудияти қолаби доимии калимасозӣ ҷудо кардан мумкин аст [127, 19; 37, 33; 62, 62]. Морфемаҳои решагии зерин ҷудогона шуморида мешаванд: cran- дар калимаи *cranberry* “навъи рустании буттагии шимол-ӣ ва меваи нордони он”, bil- дар калимаи *bilberry “черника (*буттаи ҷангалҳои шимол, ки меваash монанди ангури сагак аст)”, whortle- дар калимаи *whortleberry “меваи черника”*. Гарчанде калимаҳои мазкур аз рӯйи сохт бо лексемаҳои *blackberry “марминҷон”, blueberry “черника”, raspberry “тамашк”, strawberry* “тути заминӣ (қулфинай)”*, bilberry “черника”, bog-berry “навъи растаиии буттагии Шимол ва меваи нордони он”, cowberry “меваи заминии брусника”, gooseberry “бектошӣ”, dogberry “меваи буттагии нохӯрданӣ”, dewberry “марминҷон”* монанд бошанд ҳам, онҳо морфемаҳои озоди решагӣ маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили морфемаҳои решагӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ метавон ба хулосае омад, ки дар забонҳои

муқоисашаванда таърифи морфемаи решагӣ мувофиқ меояд. Реша қисми асосии калима буда, дар он маънои асосии луғавии калима ҷой дорад.

Дар ҳар ду забон морфемаи решагӣ аз рӯйи таркиби овозӣ бо асос мувофиқ меояд: ба ин намуд аксарияти мутлақи калимаҳои мустақилмаъно – исм, сифат, шумора ва феълҳо дохил мешаванд.

Дар забонҳои муқоисашаванда аз рӯйи дараҷаи мустақилии морфемавӣ ва луғавӣ решаҳои озод ва вобаста ҷудо карда мешаванд.

Дар забони англисӣ ба ғайр аз решаҳои озод ва вобаста морфемаҳои нимозод/нимвобаста арзи вуҷуд доранд.

## Хулосаи боби якум

Аз таҳлили масъалаҳои боби якум метавон ба хулоса омад, ки морфемика як қисми забоншиносӣ буда, дар он сохти морфемаҳо, сохтори морфемавӣ ва шакли калимаҳо омӯхта мешаванд, яъне морфема, морф ва калима воҳидҳои асосии морфемикаро муаррифӣ менамоянд. Морфемика дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ таҳқиқи ҳамчун як қисмати алоҳида ҳоло  қабул нашудааст. Ин сатҳи забон ба таркиби морфология ё калимасозии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дохил мешавад.

Инкишофи калимасозӣ, морфемика ва морфология дар забонҳои қиёсшаванда дар як вақт ба амал наомадааст. Аммо морфемика дар забонҳои мавриди таҳқиқ мавқеи устувор ва қавӣ дорад, зеро дар калимасозии ҳар ду забон масъалаҳои гуногуни морфемика дар қисми “Морфология” батафсил қарор мегирад.

Тафриқаи мафҳумҳои морфема, морф ва алломорф ҳамчун воҳидҳои морфологӣ дар боби мазкур мушаххас аён карда шудааст.

Дар забоншиносии муосир мафҳуми  морфро миқдори ақаллии маҷмӯи фонемаҳо қаламдод менамоянд. Фонемаҳо маънои муайян доранд ва ба қисмҳои маънодор тақсим намешавад. Он морфҳое, ки чун калимаҳои алоҳида, яъне бе пайвастшавӣ бо дигар морфҳо истифода шуда метавонанд, морфҳои озод меноманд.

Морфҳое, ки ба як морфема дохил мегарданд, алломорфҳои ҳамон морфема номида мешаванд. Алломорф гуфта, гунаҳои як морфемаро меноманд.

Тавре, ки қайд гардид морфема қисми маънодори калима маҳсуб меёбад ва дар забонҳои муқоисашаванда аз лиҳози маъно ва вазифааш ин воҳиди забонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: морфемаҳои калимасоз ва морфемаҳои шаклсоз. Инчунин, дар забоншиносӣ морфемаҳоро аз рӯйи сохт ба морфемаҳои решагӣ ва ёрирасон (вобаста) ҷудо мекунанд.

Дар қатори морфемаҳои мусбат, ки нишонаи зоҳирӣ доранд, морфемаҳои сифрӣ низ мавҷуданд. Онҳо дар муқоиса бо морфемаҳои мусбат нишонаи зоҳирӣ надоранд, вале дорои маънои муайянанд.

Дар забони англисӣ аз рӯйи сохт морфемаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: решагӣ ва аффиксалӣ. Морфемаҳои решагӣ маънои аниқ ва “моддӣ”-и калимаро ифода намуда, дар он калима мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Морфемаҳои аффиксалии забони англисӣ ба калиматағйирдиҳанда (inflectional) ва калимасозанда (derivational) ҷудо мешаванд. Морфемаҳои калиматағйирдиҳанда маънои грамматикии калимаро, вале морфемаҳои калимасозанда бошанд, маънои лексикии онро тағйир медиҳанд.

Дар забони англисӣ якчанд морфемаҳои қӯшаи ба ҳам муқобил ба мушоҳида расиданд, ки дар забони тоҷикӣ арзи вуҷуд надоранд. Морфемаҳои озод метавонанд калимаҳои алоҳидаро созанд, аммо морфемаҳои вобаста танҳо ба сифати қисми калима истифода мешаванд.

Морфемаҳои аён ба морфемаҳои ниҳон ва морфемаҳои пурра ё маънодор ба морфемаҳои холӣ муқобил гузошта мешаванд. Морфемаҳое, ки маънои худро дар ҷараёни инкишофи таърихии забонӣ гум кардаанд, морфемаҳои холӣ номида мешаванд. Дар забони англисӣ боз морфемаҳои ба ҳам тазоди сегментӣ ва ғайрисегментӣ; аддитивӣ ва субститутсионӣ; бефосила ва ҷудошуда арзи вуҷуд доранд, ки аз сермаҳсул будани морфемаҳои ин забон шаҳодат медиҳанд.

Дар забони тоҷикӣ бошад, ду навъи морфема амал менамояд: морфемаи решагӣ ва морфемаи ёридиҳанда. Ба морфемаи решагӣ асоси аслӣ дохил мешавад, ки унсури ҳатмӣ ва таъмиркунандаи маънои калима мебошад. Ба гурӯҳи морфемаҳои ёридиҳанда пешванд, пасванд ва интерфикс дохил мешаванд.

# БОБИ 2. МАФҲУМИ ОМОНИМИЯ ВА МОРФЕМАҲОИ ОМОНИМӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

## 2.1. Омӯзиши омонимия дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ

Ҳодисаҳои забонӣ дар ташаккули сатҳҳои мухталифи забон ва умуман забоншиносии муосир мавқеи басо муҳимро доранд. Мавҷудияти қонуниятҳои зиёд дар забоншиносӣ, ки зарурияти таҳлил, синтез ва ҷамъовариро барои дарки сохтори хусусии ҳар яки онҳо мусоидат менамояд барои муқоиса намудани онҳо кӯмак мерасонад ва имконияти тафриқаву тасвир намудани ҷабҳаҳои онҳоро фароҳам меовард.

Омонимия ҳамчун яке аз ҳодисаҳои табиӣ дар забон буда дар ташаккули фонди луғавии он тасир мерасонад. Дар забоншиносӣ таснифоти гуногуни омонимия ба назар мерасад: аз рӯи монандии шакл шартан омонимияи пурра, омофонҳо, омографҳоро ҷудо мекунанд, аз лиҳози маъно гунаҳои луғавӣ, грамматикӣ ва луғавӣ - грамматикӣ мавҷуданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки бештар дар луғатҳо чун дар ҳайти рӯзмарра ва забони маъмул омонимҳои грамматикӣ бо назардошти ба вуҷуд омадани конверсия (исм - феъл) во мехӯранд.

Масъалаи омонимия ва морфемаҳои омонимӣ дар илми забоншиносӣ васеъ истифода шуда, барои истифодаи дуруст ва мукаммали воҳидҳои забонӣ мавқеи густурдаеро соҳиб гаштаанд. Ҳамчун ҳодисаи маъмули забонӣ омонимия дар маркази таваҷҷӯҳи забоншиносон қарор гирифта, он на танҳо дар сатҳи лексикология, балки дар сатҳи морфология низ мавриди тадқиқот гузошта мешавад.

Дар байни забоншиносони ҷаҳон то ҳол дар бораи нақши омонимҳо дар забон баҳсу мунозира вуҷуд дорад. Бархе бар ин назаранд, ки ин падида табиист ва ба рушди забон ба ҳадди ақал халал ворид намекунад. Дигарон майл доранд, ки омонимҳо як падидаи тасодуфӣ ва ҳатто зараровар аст ва бо мурури замон он кӯҳна мешавад. Ҳамин тавр, дар бораи қонунияти нигоҳ доштани омонимҳои ҳосилшуда дар натиҷаи таѓйироти фонетикӣ, маъноӣ,

инчунин дар натиҷаи гирифтан ё калимасозӣ ва каму беш дар забон нигоҳ доштани онҳо фикру ақидаҳои гуногун баён карда шудааст.

Вожаи омоним аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз лиҳози шакл монанд, вале аз лиҳози маъно мафҳумҳои гуногунро ифода менамояд. Гурӯҳбандии омонимҳо аввалин бор аз ҷониби профессор А.И. Смирнитский амалӣ карда шуда, ба омонимҳои лексикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, омонимҳои пурра ва нопурра ҷудо карда шудааст [99, 120].

Дар фишурдаи рисолаи номзадии Л.В. Саркисян оварда шудааст, ки омонимияи грамматикӣ хусусияти муҳимми типологии аломати забонро доро мебошад [93, 16].

Муаммои омонимия дар забоншиносӣ, ки дар давраҳои қадим ва асри миёна оғоз гардидааст, дар замони ҳозира низ дар мадди назари забоншиносон қарор дорад. Дар таҳқиқотҳои забоншиносии муосир, ки ба муаммои омонимия бахшида шудаанд, истилоҳи омоним мазмуни устувор надорад. Дар забоншиносӣ ба омонимҳо ду хел таъриф дода шудааст. Тафовути байни онҳо ҳангоми шарҳ додани омонимҳо ба назар мерасад. Дар ҳамаи таърифҳои мавҷуда гуфта мешавад, ки омонимҳо калимаҳои якхелаи бо мундариҷаи гуногун ифодашуда мебошанд. Аммо баъд аз иброз доштани ин омил дар байни олимон гуногунақидагӣ ба амал омадааст, ки бо ҷустуҷӯйи ҷавоб ба суоли кадом сабабҳо ба вайроншавии сарҳади маъновии як лексема, яъне тавлиди омонимҳо оварда мерасонанд, ба миён меояд.

Мусаллам аст, ки дар давоми муддати тӯлонӣ таҳқиқотҳо дар доираи омонимия, махсусан, ба таҳқиқи омонимияи луғавӣ маҳдуд гардида буданд. Дар натиҷаи омӯзиши нуқтаҳо вобаста ба ин ҳодисаи забонӣ, алалхусус, нисбат ба омонимияи луғавӣ се нуқтаи назар акси худро ёфтаанд:

1. Мувофиқи ақидаи аввал, ки хеле пештар пайдо шудааст, танҳо омонимҳои этимологӣ (гетерогенӣ) мавриди эътироф қарор мегиранд, ки дар натиҷаи тасодуфан мувофиқ омадани маҷмӯи овозҳо пайдо шудаанд.

2. Мувофиқи ақидаи дуюм омонимияи луғавӣ ду сарчашма дорад:

а) таҳаввулоти бадалшавии фонетикии калима ё шаклҳои гуногун (ҳамчунин иқтибосҳо);

б) таҳаввулоти семантикиву дивергентии як калима;

3. Минбаъд олимон ба ақидае меоянд, ки сохтани омонимҳо дар натиҷаи ҷараёнҳои калимасозӣ низ имконпазир мебошанд.

Ин се ақидаро мо таҳлил намуда, пешниҳод менамоем, ки омонимҳо дар натиҷаи ҷараёнҳои калимасозӣ аз ҳам ба вуҷуд наомада, монандии овозӣ ва грамматикии воҳидҳои забониеанд, ки мазмунан аз ҳам фарқ мекунанд.

Яке аз мақолаҳои В.В. Виноградов дар мачаллаи “Муаммоҳои забоншиносӣ” “Роҷеъ ба омонимия ва ҳодисаҳои ба он монанд” маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шудааст. Дар мақолаи худ В.В. Виноградов таърифи омонимияро пешниҳод намуда, ҳодисаҳои ба он монандро ҷудо мекунад. Чуноне, ки ӯ шарҳ медиҳад, омонимҳои луғавӣ калимаҳое мебошанд, ки якхела садо дода, маъноҳои комилан гуногун доранд ва таърифи зерини омонимияро чунин қайд кардааст: “Омонимия тавъампазирии овозӣ ва грамматикии воҳидҳои забонӣ буда, бо ҳам аз рӯйи маъно алоқамандӣ надоранд” [26, 3].

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши омонимҳо, пайдоиш ва инкишофи онҳо дар забонҳои алоҳида, инчунин дар оилаҳо ва гурӯҳҳои забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба омӯзиши вазифаи омонимҳо, намудҳо ва шароити пайдоиши онҳо корбурд ва ҳатто дар давраҳои гуногуни таърихи илми забон аз байн рафтааст. Ба ақидаи академик В.В. Виноградов – ба муаммои омонимия дар мафҳумҳои гуногуни забоншиносӣ ва дар соҳаҳои гуногуни тадқиқоти забоншиносӣ аҳамияти калон дода мешавад” [26, 3].

Доираи масъалаҳои марбут ба омонимия хеле васеъ аст: роҳҳои ҷудо кардан ва равшан кардани омонимҳои маъноӣ, морфологӣ, калимасозӣ, синтаксисӣ дар асоси тафовути шаклҳои мувофиқат, аксуламали забон ба омонимия, аз сабаби омонимӣ гум шудани калимаҳо, аз байн рафтани он бо роҳи вомгирии луғавӣ, номунтазам тағйир ёфтани шакли садоии калимаҳо аз

ҳисоби омонимӣ, табдили таркиби морфологии калимаҳо барои пешгирӣ аз омонимӣ, шаклҳои нав дар усулҳои ба ҳам пайвастани морфемаҳо ва калимаҳое, ки аз ҷониби омонимҳо кашол додани амали ибораҳои фразеологӣ ҳангоми аз байн рафтани омонимҳо, дараҷаи таҳаммул будани забонҳои гуногун ба омонимия, ҳодисаҳои ҷалб кардан ё олуда шудан бо омонимҳо, тафовути маъноҳо дар омонимҳо ва шаклҳои омонимӣ; тафовути сохтории омонимия ва полисемия, маҳдудияти имкони омонимия дар низоми аломатҳо ва ғ.

А.А. Реформатский муаммои омонимия ва паронимияро дар забонҳои ба ҳам хеш мавриди тадқиқ қарор додааст. Ӯ иброз медорад, ки як зумра асарҳои ба омӯзиши ҳодисаи омонимия дар забонҳои гуногун ба монанди ҳиндӣ, қарачой-балқорӣ, аварӣ ва кумикӣ бахшида шудаанд. Дар адабиёти илмӣ ва забоншиносӣ моҳияти омонимия ҳар гуна шарҳ дода шудааст [86, 48-49].

Дар ҳама таърифҳои “семантикӣ” тафовутҳои гуногун нишон дода шудаанд. Ба таърифҳои намуди “семантикии” омонимия мисолҳо меорем: “Омонимҳо – калимаҳое мебошанд, ки маънои гуногун ва таркиби овозии якхела доранд”. Норасоии ин гуна таъриф дар он зоҳир мегардад, ки чӣ гуна будани хусусияти тафовутҳои семантикӣ норавшан боқӣ мемонад, зеро бисёрмаъноӣ низ маъноҳои гуногунро фарогир буда метавонад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми таъриф додан ба омонимҳо тафовути маъноии онҳоро нишон додан кифоя нест. Як қатор таърифҳое вуҷуд доранд, ки муаллифонашон дар онҳо барои нишон додани хусусияти тафовутҳои семантикии омонимҳо кӯшиш намудаанд. Барои мисол метавон таърифи зеринро овард: “Омонимҳо гуфта, ду ё якчанд калимаҳои якхела садодиҳанда, вале маъноҳои мухталифдоштаро меноманд” [82, 150].

“Омонимҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки тарзи талаффуз ва навишти якхела дошта, аз лиҳози маъно онҳо дар байни худ ягон хел алоқамандӣ надоранд ва яке аз дигаре барнаомадааст” [116, 54], ки мо низ ҷонибдори ин ақидаем. Дар таърифҳои овардашуда талаботи асосие, ки

далели мавҷудияти калимаҳои омонимиро пеш меорад, ин мавҷуд набудани алоқаи семантикӣ мебошад.

Аз сабаби он, ки таърифи семантикӣ тафовути мутлақи маънои омонимҳоро пешниҳод менамояд, тафовутҳои грамматикӣ аз мадди назар дур мемонанд. Ба назари мо муносибати семантикӣ-грамматикӣ бештар дуруст ва мувофиқи матлаб аст, зеро он ҳолати объективии ҷараёнҳои рухдодаистодаро инъикос мекунад: омоним на танҳо сарҳади луғавӣ-семантикӣ, балки сарҳади грамматикии калимаро низ ташкил медиҳад.

Аксари тадқиқотчиёне, ки бо омӯзиши муаммои омонимия сарукор доранд, муносибати семантикӣ-грамматикии онро инъикос менамоянд. О. С. Ахманова [9], В.В. Виноградов [26, 27], А.А. Реформатский [86], А.И. Смирнитский [98, 98] ва дигарон аз зумраи олимоне ҳастанд, ки чунин ақида доранд. Ҳангоми ин гуна муносибат дар вақти ҷудо кардани омонимҳо ба омили семантикӣ аҳаммияти хоса дода мешавад ва тафовутҳои грамматикӣ дар мавридҳои нисбат додани сохторҳои аз лиҳози талаффуз ба ҳам монанд ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар ҳолатҳои ногузир будани сохтори морфологӣ баромад мекунанд.

Ҳамин тариқ, О.С. Ахманова омонимҳоро чун «ду ва ё зиёда калимаҳое, ки аз гурӯҳи фонемаҳои ба ҳам монанд иборат буда, танҳо аз лиҳози маъно ва хусусиятҳои грамматикӣ фарқ мекунанд» таъриф медиҳад. Муаллифи таърифи мазкур аломатҳои фарққунандаро ба як қатор гузошта, дар байни онҳо аломатҳои якумдараҷа ва дуюмдараҷаро ҷудо намекунад [9, 4].

Дар ин асно О.С. Ахманова намудҳои зерини омонимҳои луғавиро ҷудо мекунад:

1) бо хусусиятҳои барҷастаи сохтори морфологӣ (омонимия сабаби номувофиқати қисми асосӣ ё расмӣ, ё дар вақт номувофиқати қисмҳои асосӣ ва расмӣ мегардад);

2) омонимҳое, ки номувофиқати семантикии онҳо аз хусусияти тимсолҳо муайян карда мешавад, яъне онҳо, аслан калимаҳои гуногун мебошанд;

3) натиҷаи аз байн рафтани сермаъноӣ мебошанд [9, 28].

Дар забоншиносӣ мафҳуми “омонимия” натанҳо дар сатҳи лексикология, балки дар сатҳи грамматика низ васеъ истифода бурда мешавад.

Забоншинос Р.А. Будагов ибрози ақида менамояд, ки норавшанӣ ва духӯрагии маъноӣ дар луғатшиносии муосир ба омилҳои муайян намудани омонимҳо ба мушкилоти ҷиддӣ ҳангоми тафриқаандозии худи омонимияи луғавӣ ва ҳодисаҳои ба он монанд оварда мерасонад. Ба таърифҳои назарии забоншиносон такя намуда, таҳқиқотчии мазкур фаҳмиши худро оид ба омонимҳои пурраи луғавӣ иброз медоранд. Талаботҳои асосии муайян намудани омонимҳои луғавӣ аз нуқтаи назари Р.А. Будагов инҳо мебошанд:

а) мансубияти калимаҳо ба як ҳиссаи нутқ,

б) мувофиқат дар ҳамаи шаклҳои грамматикӣ дар талаффуз,

в) мувофиқат дар ҳамаи шаклҳои грамматикӣ дар навишт,

г) доштани комилан маъноҳои гуногун.

Р.А. Будагов қайд менамояд, ки номувофиқ омадани ҳатто яке аз талаботи нишондодашуда боис мегардад, ки калима аз доираи омонимҳои пурраи луғавӣ хориҷ ва ба гурӯҳи омонимҳои нопурра ё худ ба гуруҳи ҳодисаҳои ба он монанд шомил карда шавад. Мавсуф бар он ақида аст, ки гуфтори хулосавии С.В. Вороничев доир ба сарҳадҳои гурӯҳбандии байни калимаҳои омонимӣ ва ба ҳам наздик шартан қабул карда шудаанд, аммо принсипҳои ҷудо кардани ҳодисаҳои ба ҳам монанд коркарди бениҳоят дақиққоронаро талаб доранд [22, 58].

Аксарияти таҳқиқотчиён якхела будани табиати омонимияро дар сатҳи луғавӣ ва фразеологӣ ҷонибдорӣ менамоянд, аммо хусусияти воҳидҳои фразеологӣ (ташаккули ҷудогона, яклухтии маъновӣ), хусусият ва

қонуниятҳои мавҷудияти муносибатҳои омонимиро дар фразеология муайян месозанд.

Дар таркиби муаммои ишорашуда масъалаҳои табиати омонимия, сарчашмаҳо ва механизми ташаккули омонимҳо, талаботи ҷудо кардани сермаъной ва омонимҳо, намудҳои омонимҳо инъикос гардидаанд.

Аз мадди назари таҳқиқотчиён дур мондани бисёр ҷабҳаҳои муаммои мазкур аз он бармеояд, ки роҷеъ ба омонимия таърифҳои мухталиф ва инчунин типологияи омонимҳои луғавӣ ва фразеологӣ мавҷуд мебошанд.

Омонимҳо зоҳиран як шакл дошта, ҳам аз лиҳози маъно ва ҳам аз лиҳози пайдоиш тафовут доранд. Ин гуна калимаҳо дар натиҷаи тағйиротҳои овозии решаҳои таърихӣ, ворид шудани калимаҳои иқтибосии аз рӯйи шакл бо калимаҳои аслӣ якхелабуда ё худ аз тарафи лексемаҳои истеъмолии забон иқтибосшуда, пурра аз ҳам дур шудани маъноҳои луғавии калимаҳо аз ҳамдигар ва монанди инҳо ба амал омадаанд.

Омонимия муддати тӯлонӣ “чун беморие” омӯхта мешуд, ки “бояд табобат карда шавад”. Ба ибораи дигар, мувофиқи ақидаи олимон монандии калимаҳо як навъ “низоъ” – и омонимҳоро тавлид намуд, ки дар натиҷа тамоюли аз байн рафтани онҳо дар забон ба вуҷуд омад. Ақидаи маъмуле вуҷуд дорад, ки ҳаммаъной ва сермаъной ҳодисаи қонунӣ дар забон буда, худи истифодашавии забон чун воситаи муошират ва дарки олам бидуни ин ҳодисаҳо имконнопазир мебошад. Дар хусуси омонимия бошад, зикр намудан ҷоиз аст, ки бисёр олимон ин ҷабҳаи асимметрияи аломати забониро ҳодисаи нодурусти забонӣ ва халалдоршаванда ба муошират ҳисоб мекунанд. Бисёр мавридҳое ба назар мерасанд, ки дар он гӯянда ҳангоми интихоби якчанд маъноҳои гуногун ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки бо шакли мазкури забонӣ ифода шуда, дар вақти интихоби фаҳмиши дурусти маълумот мушкилӣ фароҳам меорад. Ҳангоми аз назар гузаронидани рӯйхат ва луғати омонимҳо муносибати графикии У. Скит ва муносибати фонетикии дигар забоншиносони хориҷиро қайд кардан муҳим аст [148, 106].

В.И. Абаев ақидаи худро доир ба омонимия чун ҳодисаи ба забон ғайриҳатмӣ ва ба таҳқиқоти алоҳида ниёзнадошта иброз намуда, ҳамзамон, омонимияро бо сермаъноӣ муқоиса намудааст. Ӯ менависад, ки “Сермаъноӣ – ҳодисаи шавқовартарини забон аз лиҳози муаммои забон ва тафаккур мебошад. Таҳти сермаъноӣ ҳамеша кӯшиши ақидаҳои инсон дар ҷустуҷӯи воситаҳои нав ба нави ифодаи шуур, баён ва ифоданокӣ ниҳон мебошад. Дар зери омонимия ҳеҷ чизе ба истиснои бозии ҳодисаҳо пинҳон намегардад. Аз ҳамин сабаб, шавқу ҳаваси бошууронаи сермаъноӣ бузург мебошад. Шавқу ҳаваси маърифатии сермаъноӣ ниҳоят кам аст” [2, 71–76].

С.И. Ожегов низ ҳамин гуна ақидаро иброз намуда, чунин меҳисобад, ки омонимия ё худ омонимияи этимологӣ – на “масъалаи забоншиносӣ, балки масъалаи дастаҷамъона” ва “масъалаи тасодуфияти таърихӣ” мебошад [80, 9].

Ҳамаи гуфтаҳои боло имкон медиҳад ба хулосае омад, ки омонимия натиҷаи ногузир, табиии инкишофи забон аст ва аз ин рӯ, умумии мутлақи забонӣ мебошад.

Дар охир таъкид кардан мехостем, ки масъалаи нақши мусбат ё манфии омонимҳо дар як забонро дар ҷудо аз низоми забонӣ умуман ҳал кардан мумкин нест. Дар муқоиса бо забонҳои дигар хеле рушдёфта ва пайваста афзояндаи омонимҳо дар забони англисии муосир бо шароити таърихии рушди он алоқаманд аст. Агар омонимҳо возеҳи коммуникативии изҳоротро вайрон накунанд, онҳо метавонанд дар забон муддати тӯлонӣ ҳамзистӣ кунанд. Агар возеҳияти коммуникативӣ вайрон шавад, он гоҳ забон кӯшиш мекунад, ки мувозинати воҳидҳои худро бо роҳҳои дохилӣ барқарор созад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки масъалаи тасодуфияти таърихӣ ё қонунияти омонимҳо дар забон масъалаи ниҳоят нозук мебошад. Аз як тараф, ба ҳамагон маълум аст, ки омонимҳо дар забон бо сабабҳои мухталиф пайдо шудаанд. Аз тарафи дигар, далели паҳншавии васеи омонимия дар забонҳои дунё нуқтаи назари омонимияро ҳамчун ҳодисаи тасодуфӣ зери шубҳа мегузорад ва ба фикри қонуниятҳои истифодаи он дар

забон мебарад. Ошкор намудани мафҳуми ба ҳамагон маълуми омонимияро низ мураккаб номидан мумкин аст [80, 9].

### 2.1.1. Омонимҳои морфологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Мавҷудияти қонуниятҳои зиёд дар забоншиносӣ, ки зарурияти таҳлил, синтез ва ҷамъовариро барои фаҳмиши сохтори хусусии ҳар яки онҳо мусоидат менамояд, барои муқоиса намудани онҳо кӯмак мерасонид ва имконияти ҷудо кардан ва тасвир намудани ҷабҳаҳои онҳоро фароҳам меовард, ки ба қонуниятҳои илми забоншиносӣ вобаста буд.

Дар забоншиносӣ таснифи гуногуни омонимия ба назар мерасад: аз рӯйи монандии шакл шартан омонимияи пурра, омофонҳо ва омографҳоро ҷудо мекунанд, аз лиҳози маъно гунаҳои луғавӣ, грамматикӣ ва луғавӣ-грамматикӣ мавҷуданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки бештар дар луғатҳо чун дар ҳаёти рӯзмарра ва забони маъмул омонимҳои грамматикӣ бо назардошти ба вуҷуд омадани конверсия вомехӯранд.

Омонимҳои морфологӣ (ё худ омонимҳои грамматикӣ) гурӯҳи воҳидҳои калимавӣ мебошанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мутааллиқанд. Ю.Д. Апресян ақидаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки “омонимҳои грамматикӣ ё морфологӣ омонимҳое мебошанд, ки аз ҳамовозии тасодуфии калимаҳои мутааллиқ ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ дар шаклҳои мухталиф пайдо шудаанд” [4, 39].

Р.А. Османова чунин менависад: омонимҳои грамматикӣ чунин ҷуфтҳои калимаҳоянд, ки аз лиҳози маънои луғавӣ мувофиқ омада, аз рӯйи шаклҳои грамматикӣ фарқ мекунанд. Дар исм фарқи категорияи шумора ва падеж, дар феъл бошад категорияҳои замон, сиға, намуд ва ғ. фарқ мекунанд, ки ба таври дигар онҳоро омонимҳои шаклҳои грамматикӣ меноманд” [79, 15].

М.П. Попова ба омонимҳои грамматикӣ чунин таъриф медиҳад: “Таҳти омонимҳои грамматикӣ мо чунин калимаҳоеро дарк менамоем, ки аз рӯйи ифодаи ҳуруфотӣ ва овозӣ дар ҳамаи шаклҳои худ шабеҳанд, аммо аз рӯйи

вазифаи синтаксисии худ дар ҷумла ва инчунин, аз рӯйи маънои грамматикӣ фарқ мекунанд” [84, 18].

Роҷеъ ба омонимияи грамматикӣ И.Б. Хлебникова одатан мувофиқ омадани пасвандҳои калимасоз ва шаклсози ҳиссаҳои гуногуни нутқ, инчунин созмонҳои синтаксисиро қайд менамояд [112, 56 - 57].

П.А. Соболева ибрози ақида менамояд, ки “Омонимҳои грамматикӣ на танҳо омошаклҳо, балки мутлақо калимаҳои гуногун бо флексияҳои омонимӣ (омоморфемаҳо) мебошанд” [95, 10].

Яке аз забоншиносони маъруф, англисшинос В.Д. Аракин ба омонимҳои грамматикӣ шаклҳои омонимии ҳамон як калима, морфемаҳо ва созмонҳои омонимӣ, инчунин, ҷузъҳои омонимие, ки байни калимаҳои мустақил ва ёридиҳанда ба амал меоянд, дохил менамояд [5, 22].

Дар ҳақиқат омонимҳои грамматикӣ гуфта, калимаҳоеро меноманд, ки аз рӯйи ифодаи ҳарфӣ ва овозӣ монанданд, вале аз рӯйи вазифаи синтаксисиашон дар ҷумла ва ҳамзамон, аз рӯйи маънои грамматикӣ фарқ мекунанд. Чунон ки дар боло қайд карда шуд, ду намуди омонимҳои морфологӣ ҷудо карда мешаванд: пурра ва нопурра. Ба омонимҳои пурра калимаҳое дохил мешаванд, ки дар ҳамаи шаклҳои грамматикӣ мувофиқ меоянд. Омонимҳои пурра ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, як парадигмаро доранд: match – гӯгирд (спичка), match – бозӣ (матч). Омонимҳои нопурра калимаҳое мебошанд, ки ба ҳамон як ҳиссаи нутқ мансуб буда, аммо дар сохти шаклҳои грамматикӣ мувофиқат намекунанд.

Омонимҳои нопурра бо якчанд хусусиятҳояшон аз омонимҳои пурра фарқ мекунанд. Дар забони англисӣ омонимҳои нопурраро метавон ба се зергурӯҳ ҷудо кард:

1. Омонимҳои нопурраи луғавӣ-грамматикии сода. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд, аммо бо парадигмаи худ фарқ мекунанд: to lay – гузоштан, lay - замони гузаштаи (past indefinite) феъли “to lie”; to found - мондан, ниҳодан, асос гузоштан, found -

замони гузашта ва сифати феълии замони гузаштаи феъли “to find” (past indefinite, past participle of the verb “to find”);

2. Омонимҳои нопурраи луғавӣ-грамматикии мураккаб – калимаҳое мебошанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ доранд, вале аз рӯйи сохт ба якдигар монанданд: clear adj. - тоза, равшан, фаҳмо, clear v. - **кушода (равшан) шудан, соф (мусаффо, зулол) шудан**; rose n. – гули садбарг; rose - бархест, замони гузаштаи феъли to rise;

3. Омонимҳои нопурраи луғавӣ. Калимаҳоеанд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, сохти якхела доранд. Масалан: play- 1. бозӣ; 2. gambling - қимор; 3. драма, намоиш; 4. ҳазл, шӯхӣ ва ғ.

Дар забоншиносии тоҷик муҳаққиқ А. Муминов омонимҳоро ба ду навъ ҷудо мекунад [71, 269].

1) Омонимҳои пурра калимаҳое мебошанд, ки дар ҳамаи шаклҳои худ оҳанги якхела дошта, – аз лиҳози маънои парадигматикӣ ва хусусиятҳои морфологӣ, синтаксисӣ ва луғавӣ фарқ мекунанд: ***пул*** – сӯм, танга ва ***пул*** – кӯпрук, ***can*** – тавонистан, ***can*** – шишаи консерв.

2) Омонимҳои нопурра – омонимҳое мебошанд, ки ба гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ-грамматикӣ дохил мешаванд, аммо сохти парадигматикии монанд надоранд ва аз лиҳози луғавӣ ва синтаксисӣ пурра фарқ мекунанд ***rose*** – садбарг, ***rose*** – шакли замони гузаштаи феъли ***to rise***.

Дар забонҳои муқоисашаванда гуногунӣ дар пайдоиши омографҳо ба назар мерасад. Калимаҳое, ки новобаста аз тарзи навишт талаффузи якхела доранд, омофонҳо номида мешаванд: lie – дурӯғ = lye – ишқор; pray – ибодат кардан, дуо хондан = prey – қурбонӣ; need – зарурат, **эҳтиёҷ, мӯҳтоҷӣ** = knead – хамир кардан, soul – ҷон, рӯҳ, инсон = sole – ягона; route – роҳи сафар = root – реша; cent – сент = sent – замони гузаштаи феъли to send; cell – ҳуҷайра = sell – фурӯхтан;

Ҳамин тавр, омографҳо калимаҳое мебошанд, ки дар навишт шакли якхела доранд, аммо ба таври гуногун талаффуз карда мешаванд: record n. [ˈrekɔ:d], record v. [riˈkɔ:d]. Омофонҳо бошанд, талаффузи якхела доранд,

вале дар тарзи навишт фарқ мекунанд: pare [pɛə] – тоза кардани пӯст, нохун гирифтан; pair [pɛə] – ҷуфт; pear [pɛə] – нок.

Оид ба мувофиқоии овозӣ ва таркибии омонимҳо Ш. Кабиров ибрози ақида намуда, дар забонҳои муқоисашаванда омонимҳои зеринро пай мебарад: *омад* (омади кор) ва омад (шахси сеюми замони гузаштаи феъли *омадан*); *пар* – асоси замони ҳозираи феъли *паридан*; шахси дуюми шумораи танҳои сиғаи амрӣ ва *пар* - қанот, бол; *book* - китоб ва *book* – банд кардан, фармудан; асоси замони ҳозираи феъли *book (фармудан);* шахси дуюми шумораи танҳои сиғаи амрӣ; look - нигоҳ, назар ва look – нигар, нигоҳ кун, асоси замони ҳозираи феъли *look (нигоҳ кардан);* шахси дуюми шумораи танҳои сиғаи амрӣ [49, 45].

Дар забони тоҷикии муосир дар бештари ҳолатҳо асоси замони ҳозираи феъл дар алоқамандӣ бо дигар воҳидҳои забонӣ соҳиби хусусиятҳои омонимикӣ мегарданд. Ҳодисаи мазкури омонимшавии воҳидҳоро дар мисоли зерин метавон мушоҳида намуд:

Соз I 1. асбобу анҷом; ҷиҳоз, сомон; 2. тартиб, вазъ; 3. тайёрӣ, омодагӣ, таҳия; 4. созиш, мадоро, мувофиқат;

Соз II 1. яке аз асбобҳои мусиқӣ, монанди танбӯр, чанг, тор ва ғ.; 2. оҳанги мусиқӣ; 3. ҷӯр, мувофиқ, созгор кардан (оид ба оҳанг дар мусиқӣ) [Фарҳанг, 256].

Омоними мазкур дар диссерататсия номзадии Ч.А. Давлятова чунин омадааст:

соз I 1. Асбоби мусиқавии торӣ (танбӯр, дутор ва ғ.); соз – навохтан Асбоби мусиқавии торӣ – навохтан; 2. оҳанг, ҳавои суруд; созу овоз суруд хондан таҳти навои асбоби мусиқавии торӣ; ба сози касе рақсидан ба нақораи касе рақсидан; созу сӯз сӯхтан ва нишон додани тамкин ва тоқатпазирӣ (дар ғам, андуҳ ва ғ.);

соз II 1. таҷҳизот, ҷойгиршавӣ; тартиб; 2. ризоият; мувофиқат, ҳамоҳангӣ; 3. мувофиқ, мутобиқ; боб; ҷои соз макони қулай; 4. мувофиқоянда, мутобиқаткунанда, мураттаб, мутобиқ; 5. гуфтугӯӣ: дуруст,

мувофиққунанда; хушоҳанг; соз навохтан, дуруст навохтан; соз кардан а) таъмир кардан, дуруст кардан; ба тартиб овардан; барқарор кардан;

соз III – решаи замони ҳозираи феъли сохтан – бунёд кардан;

соз IV – хуб, дар меъёр, хеле хуб, аъло - Коро соз? (Корҳоят соз?) – корҳоят чӣ хел? (таҳтуллафзан – корҳоят хубанд?) Соз шудӣ? – Саломатиат хуб шуд? (Беҳтар шудӣ?) [34, 97].

Ҳодисаи омонимия дар сатҳҳои мухталифи забон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Мувофиқи ақидаи баъзе забоншиносони тоҷик (Муҳаммадиев М. [73], Тоҷиев Д. [101], Джураев Р. [35]) ҳодисаи омонимия беш аз ҳама ба исм хос мебошад. Мувофиқи ақидаи мо, ин гуна ақоиди олимон оид ба хусусиятҳои исмро доро будани омонимҳо таърифи каме маҳдуд мебошанд, зеро дигар ҳиссаҳои нутқ низ дар мисолҳои бисёр омоним доштани худро собит намудаанд. Ин мисолҳо ба сифати маводи айёнӣ барои нишон додани ҷараёни омонимшавии калимаҳо, ки на танҳо ба калимаҳои мустақилмаъно, балки ба ҳиссаҳои ёрирасони нутқ низ тааллуқ доранд, алоқаманд мебошанд.

Омонимҳои морфологӣ (ё худ омонимҳои грамматикӣ) гуруҳи воҳидҳои калимавӣ мебошанд, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мутаалиқанд. Аслан низоми морфологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки ба он тадқиқоти мо нигаронида шудааст яке аз қабатҳои серҷабҳаи сохтори забонӣ маҳсуб меёбад. Низоми аффиксиалии ин забонҳои гуногунсохт маҷмӯи воситаҳои морфологиро ташкил медиҳанд. Яъне ҳодисаи омонимия танҳо ҳодисаи лекискӣ набуда, балки дар сатҳи морфология низ ба назар мерасад [108, 106].

Омоморфҳо қобилияти иҷро намудани вазифаи воситаҳои инъикоси гурӯҳҳои гуногуни мафҳумҳо ва ҳодисаҳои ҳақиқати объективӣ ҳангоми сохтори таркибии якхелаи овозӣ-ҳарфидоштаро дороянд.

Онҳо дар шароити ҳаҷми маъновии худ амал намуда, ҳангоми ҷудо ва муайян шудан дар системаи луғавии забон нақши маълумотӣ-пуррагардонӣ ва бойгардонӣ иҷро мекунанд [111, 115]. Онҳоро дар доираи васеи

амалкуниашон муносибати мафҳум ва маънои забонӣ, шакл ва мундариҷа, категорияҳои тафаккур ва типи калимаҳо метавон дарёфт. Масалан:

Боз I - паррандаи шикории нӯлдароз, ки чанголҳои қавӣ дорад ва паррандагону ҳайвоноти майдарро шикор мекунад;

Боз II - 1. бори дигар, аз нав, такроран; 2.ҳанӯз, низ, то ҳол;

Боз III 1. кушода; яла; 2. Нишеб, ба нишеб

Боз IV. Масофаи байни сари ангушти миёнаи дасти рост ва чап дар вақти рост кушодани дастҳо, қулоч;

Боз V. Шакли дигари боҷ [109, 194].Маълум аст, ки яке аз шартҳои омонимшавӣ дар забони тоҷикӣ мутобиқшавии сохторӣ ва овозии воҳидҳои луғавӣ ба ҳисоб рафта, дар категорияҳои мазкури (яъне морфологии) омонимҳо риоя мегардад:

Пар I. париш, паридан, парвоз;

Пар II. - 1. найчаҳои бо муяк ва тибит фаро гирифташуда, ки тану боли паррандагонро мепӯшонанд; 2. бол, қанат, шаҳпар; 3. паре, ки ба буни (думи) тир камон барои суръат додан ба ҳаракати тир баста мешавад; 4. паре, ки барои зинат ба кулоҳи шоҳона мехалонданд; 5. канори ҳар чизе (мас. парраи биёбон, парраи доман, парраи бинӣ); 6. ҳимоят, паноҳ;

Пар III. - шакли кӯтоҳшудаи парниён;

Пар IV. - шуоъ, нур партав [109, 25-26]

Мисоли дигарро таҳлил менамоем:

бор I - 1.ҳамле, ки бар пушт ниҳода аз ҷое ба ҷое мебаранд; 2. вазнинӣ, гаронӣ; 3. ғам, ғусса, андӯҳ;

бор II - бар, мева, самар; ҳосил;

Бор III- қабул, пазиро̄ӣ (дар боргоҳ); иҷозат, рухсат барои даромадан ба ҳузури подшоҳ, ҳозиршавӣ дар назди подшоҳ;

Бор IV - дафъа, карат; мартаба.

Бор V - шоха, шохи дарахт; шохи наботот [109, 202-203].

Таҳлили маводи забонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сатҳи луғавӣ-маънои воҳидҳои омонимии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳиссаҳои нутқ ба

монанди исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф ва феъл нақши муҳимро мебозанд. Боз чанд мисоли дигарро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Тор I - 1. нах, ришта;2. нахе, ки дар бофандагӣ асоси газворро ташкил медиҳад; муқобили пуд; 3. риштае, ки аз рудаи ҳайвонот тайёр карда шуда, ба асбоби мусиқӣ мекашанд ва ҳангоми навохтан садо медиҳад.

Тор II - торак, фарқи сар;

Тор III - торик, тира; сиёҳ [109, 372].

Маводи омӯхташуда имконият медиҳанд, ки тамсилаҳои зерини омонимҳо вобаста аз таркиби морфологиашон ҷудо карда шаванд:

1. Тамсилаи исм / ҷонишин: он – вақт; вақти он расидааст, ки; лаҳза. он – ҷонишин, шахси 3-юми танҳо. Ё худ:

чаро I – ҷонишини саволӣ барои чӣ, аз чӣ сабаб?;

чаро II - чаридан, чариш [109, 526].

2. Тамсилаи исм / сифат:

Маймун I - масъуд, саодатманд, хуҷиста, муборак;

3. Маймун II – бузина [109, 624].Тамсилаи исм / феъл:

Дод I - 1. бахшиш, ато; инъом; 2. адл, инсоф, адолат; 3. ростӣ, ҳақиқат;

Дод II - 1. фиғон, нола; шикоят; 2. калимаи нидо вой! фарёд! (изҳори таассуф) [109, 382-383].

4. Тамсилаи бисёрҷузъаи пешоянд/исм/феъл:

Бар I - 1. боло, фавқ, баланд;

Бар II - пешоянд: 1. ишора ба сӯй, тараф; ба, ба сӯи..., ба тарафи...; 2. дар, дар рӯи..., дар тарафи...; 3. барои..., дар ҳаққи...;

Бар III - 1. 1. бор, мева, самар; 2. маҷ. ҳосил, натиҷа.

Бар IV - 1. оғуш, бағал; паҳлӯ; 2. тан, бадан;

Бар V - васеӣ, паҳноӣ; мас. бари хона, бари газвор;

Бар VI - хушкӣ, замин, қитъа; дашт, биёбон [109, 140-141].

Дар асоси таҳлилҳо метавон чунин ҳисобид, ки дар ташаккули доираҳои луғавӣ-маънои воҳидҳои омонимии забони тоҷикӣ чунин

ҳиссаҳои нутқ ба монанди исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф, феъл, ҳиссача, нидо ва пешояндҳо нақши бузург мебозанд.

Ҳамин тариқ, омошаклҳо омонимҳои нопурра буда, дар онҳо талаффуз ва маҷмӯи овозҳои калима дар натиҷаи мувофиқат намудани як калима бо сохтори грамматикии муайяни калимаи дигар ба мушоҳида мерасад.

## 2.2. Хусусиятҳои сохториву семантикии (грамматикии) морфемаҳои омонимӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

### 2.2.1. Морфемаҳои омонимии флективӣ дар забони англисӣ

Дар даврони муосир роҳу воситаҳои омӯзиши муқоисавии забонҳои гуногунсохтор ба таври васеъ ва паҳншуда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар сохтори забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, ки ҳар ду ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ мансуб мебошанд, ҳодисаҳои забонии шабеҳ ва таззод бениҳоят зиёд ба назар мерасанд.

Зербоби мазкури диссерататсия маҳз ба омӯзиши муқоисавии омоморфемаҳо дар системаи морфологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Забоншинос К.У. Усмонов дар забони англисӣ 13 морфемаҳои флективиро ҷудо кардааст, ки ҳар яки онҳо дорои зиёда аз як вазифа мебошанд [106, 21].

Дар забони муосири англисӣ морфемаи “-*s*” ё “-*es*” амал мекунад. Дар ин забон, морфемаи мазкур хусусиятҳои хоси худро дошта, якчанд вазифаҳоро бар дӯш дорад. Алалхусус, дар таркиби калимаи “*pen<u>s</u>*” ба категорияи шумора, яъне ба шакли ҷамъи исми “*pen*” ишора мекунад. Дар калимаи “*writ<u>es</u>*” бошад, он барои ифодаи шахси сеюми танҳои феъли “*to write*” хизмат мекунад.

Ҳамзамон, морфемаи “-*s*” ё “-*es*” боз се вазифаҳои дигари гуногунро иҷро мекунад: *sister’s hat, ourselves, ours.*

Дар мисоли аввал “*sister’s hat”* морфемаи “-*s*” нишондиҳандаи падежи соҳибӣ ба ҳисоб рафта, ба падежи умумӣ, ки морфемаи сифрӣ дорад, муқобил гузошта мешавад.

Пайдоиши морфемаи «-’s» -ро И.П. Иванова, В.В. Бурлакова ва Г.Г. Почептсов бо он алоқаманд мекунанд, ки аз давраҳои қадим оғоз карда, ин созмон бо ҷонишини соҳибӣ арзи вуҷуд дошт (ба монанди Arthur his men = Arthur’s men) [43, 132]. Ин созмон аллакай дар асри XVII пай бурда мешуд: The General his departure. Аз имкон берун нест, ки шакли падежи соҳибиро- the General his departure- нависандагон баъзан ба шакли кӯтоҳи навъи General (hi)s departure меҳисобиданд ва апостроф метавонист қисми ихтисоршудаи ҷонишинро ифода кунад [43, 130]. Чунончи, Г.Н. Воронтсова «-’s» -ро чун морфемаи падеж намеҳисобад ва инро ӯ тавассути панҷ далел асоснок менамояд [30, 87]:

1) истифодаи апостроф «-’s» ихтиёрӣ буда, он метавонад бо пешоянди **of** иваз карда шавад;

2) он бо гурӯҳи муайяни исмҳо истифода бурда мешавад;

3) барои шумораи ҳам танҳо ва ҳам ҷамъ он як шакл дорад, ки хоси бандакҳои падежии дигар забонҳо нест;

4) он танҳо бо шакли ҷамъи шумораи исмҳое, ки шакли шумораи ҷамъи худро ба таври ғайр месозанд, ба кор мераад: oxen’s;

5) он таркиби ҷудонашавандаи калимаро ташкил намекунад ва ба ҳар ҳол он метавонад аз исме, ки ба он тааллуқ дорад, дар масофае ҷойгир шуда бошад:

Been reading that fellow what’s his name’s attacks in the „Sunday Times”?

Ба ақидаи ӯ морфемаи «-’*s»* пасванди падежсоз нест, зеро вай аз исм канда шуда, метавонад ба муайянкунандаи исм ва ҳатто ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ки исмро шарҳ медиҳад, кӯчад. Ҳол он ки пасванди падежсоз набояд аз исми худ дур шавад. Г.Н. Воронсова барои исботи ақидааш чунин мисолҳоро меорад: *the Oxford professsor of poetry’s lecture; yesterday’s newspaper* ва ғ. Бинобар он, ӯ «-’*s»* –ро на морфемаи падежсоз, балки пасоянд мешуморад ва вазифаи онро алоқаманд кардани калимаҳо дар ҷумла мешуморад. Ҳамин тавр, аз сабаби воҳиди шаклсоз набудани «-’*s*» Г.Н.

Воронсова мавҷудияти падежи соҳибӣ ва мутаносибан падежи умумиро инкор менамояд [30, 88].

Аз ин бармеояд, ки ӯ «-’s» -ро чун пасванде, ки ба сифати форманти алоқаи синтаксисӣ хизмат мекунад, таҳлил менамояд.

Соли 1957 забоншинос А.М. Мухин низ ақидаи анъанавиро роҷеъ ба -’s чун нишондиҳандаи падеж рад намуда, қайд менамояд, ки дар системаи исми забони муосири англисӣ «падежи родителный» мавқеи худро ба категорияи нав- категорияи соҳибият медиҳад [72, 26]. Ба ин ақида Р.Е. Ежкова [36, 21-22] ва инчунин, профессор В.Д. Аракин [6, 114] ҷонибдоранд.

Забоншиноси тоҷик, профессор К. Усмонов «-’s» - и забони англисиро нишондиҳандаи категорияи соҳибият намешуморад, зеро ба ақидаи ӯ агар дар забони англисӣ категорияи морфологии соҳибият амал мекард, форманти «-’s» бо ҳамаи гурӯҳҳои исм истифода бурда мешуд [107, 87]. Ғайр аз ин, омоморфемаи «-’s»-ро зарфҳои ба монанди *today* дар ибораҳои навъи *today’s newspaper* ва *else* дар таркибҳои навъи *somebody else’s duty* қабул намекарданд. Аз ин лиҳоз, онҳо апостроф «-’s» - ро чун формант ё чун ҷузъи синтаксисие, ки барои муайян кардани алоқаи байни калимаҳо дар таркиби ҷумла хизмат мекунад, дида мебароянд, зеро он мутааллиқ будани як предметро нисбати предмети дигар ифода мекунад.

Дар аввал бояд қайд кард, ки дар ин гуна созмонҳои забони англисӣ қисмати аввал субъекти соҳибиятро ифода карда, воҳиди пас аз он омада -’s ба маънои соҳибият ишора менамояд. Қисмати охирони созмон объекти соҳибиятро номбар мекунад. Ин аз он далолат мекунад, ки соҳибият муносибати ду предмети олами моддиро ифода мекунад. Чунин муносибат метавонад хусусияти якҷониба ё дуҷонибаро дошта бошад. Агар «father’s health – саломатии падар» гӯем, дар ин ҷо муносибати байни предмет ва сифати ӯ ифода карда шудааст, ки аз соҳибмулк ҷудонашаванда аст (падар), зеро саломатӣ - ин қисми таркибии шахсият аст.

Дар ибораи «the child’s punishment – танбеҳи кӯдак» муносибати объектӣ мавҷуд мебошад, зеро smb. punished the child – касе кӯдакро танбеҳ додааст.

Баръакс, дар мисоли «баргашти хоҳар - the sister’s arrival» муносибати субъектӣ ба назар мерасад, яъне хоҳар баргаштааст - the sister arrived.

Дар забони англисӣ чунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар он ду исм паси якдигар апостроф -’s қабул мекунанд. Дар ин ҳолат субъекти соҳибият дар як вақт чун объекти соҳибият барои дигар субъект баромад мекунад, яъне занҷири пайиҳамии соҳибият ба амал меояд. Мисол:‘No: Adele is not answerable for either her mother’s faults or yours: I have a regard for her; and now that I know she is, in a sense, parentless - forsaken by her mother and disowned by you, sir- I shall cling closer to her than before [159, 275].

Мисоли дигар,

After my mother’s death, I wash my hands of you: from the day her coffin is carried to the vault in Gateshead Church, you and I will be as separate as if we had never known each other. [159, 449].

Ғайр аз маънои соҳибият апостроф “-’s” боз дорои маъноҳои дигаре, мебошад, ки ин маъноҳо дар намудҳои гуногуни муносибатҳо байни қисматҳои денотати падежи соҳибӣ зоҳир мегарданд.

Морфемаи *‘s* ба муносибати субъективӣ далолат мекунад: father’s arrival - бозгашт**и** падар. Назар ба ду ҳодисаи аввал, дар ин ҷо дар нақшаи якум ақидае ба назар мерасад, ки дар «бозгашти падар» падар субъект аст ва бозгаштан амали ӯ ба шумор меравад. Барои ба забони тоҷикӣ тарҷума кардани апостроф “’s” боз бандаки «-**и»** истифода шуда, тартиби ҷойгиршавии он низ бетағйир боқӣ мондааст.

Воҳиди синтаксисии *‘s* барои ифодаи муносибати объективӣ низ хизмат мекунад: the soldier’s punishment - ҷазо**и** аскар. Дар ин ибора фаҳмидан мумкин, ки касе аскарро ҷазо додааст, яъне аскар ҳамчун объекти амал баромад кардааст, зеро ки ӯ аз тарафи амали каси дигар зарар дидааст. Аз тарҷума маълум гашт, ки дар ин ибора низ *‘s* ба забони тоҷикӣ тавассути бандаки изофии «- **и»** ифода ёфтааст.

Морфемаи *‘s* аз ашёе, ки ба касе ё чизе тааллуқ дорад, дарак медиҳад: *women’s shoe - пойафзоли зан**она**.* Дар ин мисол пойафзол зимнан аз они

занҳо фаҳмида намешавад, балки барои истифодаи занон равона карда шудааст. Дар ин ҳолат *‘s* ба забони тоҷикӣ бо дигар роҳ, яъне бо морфемаи -*она (-гона)* ифода шудааст. Пас, ибораи ин забонҳо сохти гуногун дорад: забони англисӣ: N+s+N.; забони тоҷикӣ: N+u+adj.

Морфемаи ‘s метавонад дар ҳолати муайян маънои сифатиро ифода кунад, яъне ба хусусияти ягон сифат ё воқеа равона мекунад: *girl’s voice* - *овози духтар**она***. Дар ин ҷо онро дар назар дорад, ки чунин овоз танҳо хоси духтарон, на писарон аст.

Морфемаи ‘s метавонад барои ифодаи муносибатҳои зарфӣ хизмат кунад: *today’s meeting*. Дар ин мисол *today’s* муносибати замониро ифода мекунад, яъне ба вақти гузаронидани вохӯрӣ далолат мекунад. Чунин морфема ба забони тоҷикӣ ба воситаи бандаки изофии **«-и»** ва пасванди **«-а»** ифода меёбад: *имрӯз* - *today, имрӯза* - *today’s*.

Морфемаи *‘s* метавонад барои ифодаи муносибатҳои миқдорӣ низ истифода шавад: an hour’s walk - роҳи яксоата. Ибораи додашуда ба он далолат мекунад, ки ба ягон ҷой роҳ гаштан як соатро дарбар мегирад. Дар чунин ҳолат морфемаи *‘s* ба забони тоҷикӣ ба воситаи морфемаи «-а» ва бо бандаки изофии *«-и»* ифода меёбад: *-а (роҳ**и** яксоата*).

Морфемаи *-s* метавонад, инчунин, ба сифати нишондиҳандаи шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ истифода шавад: *yours (аз они ту, шумо), his (аз они ӯ, вай), hers (аз они ӯ, вай), its (аз они вай), ours (аз они мо), theirs (аз они онҳо).* Шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ мустақилона истифода мешаванд. Ин шакл метавонад вазифаи мубтадо (My phone is old, *yours* is new), пуркунанда (I’ve lost my pen, I’ll take *hers*) ва қисми таркибии хабарро (That box is *ours*) адо намояд. Чунин шакл метавонад бо пешоянд истифода шавад: I found a pen *of yours*. Чи хеле ки мебинем, он чун исм адои вазифа менамояд ва аз ҳамин лиҳоз, онро шакли субстантивии ҷонишини соҳибӣ меноманд [92, 79].

Дар забони муосири англисӣ морфемаи флективии *“-en”* назар ба омоморфемаҳои зикргардида камтар истифода мешавад. Дар забони

англисии қадим то давраи тараққиёти худ пасванди мазкур аз асоси исм сифатҳое месохт, ки маънои сохташуда ё аз ягон чиз таркибёфтаро ифода мекард. Пасванди *“-en”*, ки дорои чунин хусусият буд, танҳо бо асоси исмҳои махсус васл шуда, маънои ашёи моддиро ифода мекард. Масалан: *hempen, liken, silken* ва ғайраҳо [12, 81].

Омӯзиши морфемаи флективии омонимии мазкур нишон медиҳад, ки ин пасванд ҳангоми инкишоф хусусиятҳои иловагиро пайдо намуда, доираи вазифаҳои он низ васеъ гардидааст. Дар умум, морфемаи флективии мазкур дар чунин ҳолатҳо истифода мешавад:

1. Барои бунёди сифатҳои нисбӣ омоморфемаи флективии *“-en”* хеле пурмаҳсул мебошад. Ин пасванд ба асоси исм ҳамроҳ шуда, сифатҳоеро месозад, ки маънои аз ягон ашё сохташударо ифода мекунад. Масалан: gold-en “заррин; тиллогин; wood-en “чӯбин; беҷон, берӯҳ” ва ғ. Бо вуҷуди сермаҳсул буданаш, пасванди сифатсози *“-y (-ly)”* дар калимасозии сифат аз омоморфемаи *“-en”* афзалтар аст.

2. Барои сохтани шакли ҷамъи баъзе исмҳо, ки миқдори чунин исмҳо дар забони англисӣ зиёд нестанд: ox-en “говҳои шохдор”; child-ren (-r- морфемаи холӣ буда, дорои ягон маъно нест, он гунаи шакли кӯҳнаи морфологӣ аст) “кӯдакон”;

3. Барои сохтани сифати феълии замони гузаштаи як қатор феълҳои нодуруст: written - навишта; spoken - гуфта; broken - шикаста ва ғ.

4. Барои сохтани сифат аз дигар ҳиссаи мустақили нутқ. Масалан, аз феъл сифат месозад. Яъне он ба асоси феълҳои маънодори якҳиҷогӣ пайваст шуда, сифатҳои яктаркибаро бунёд мекунад. Мисол: black-en “сиёҳ кардан; ифлос кардан; сахт офтоб хӯрдан”; less-en “кам шудан; **кам баҳо додан**”; rip-en “пухтан, пухта расидан”; whit-en “сафед кардан; сафед шудан; ранг паридан” ва ғ. Аммо бояд қайд кард, ки ҳарчанд дар сохтори якчанд феълҳои забони англисӣ ба монанди *frighten, lengthen, strengthen* ва ғ. морфемаи *“-en”* мавҷуд бошад ҳам, ин феълҳо на аз сифат, балки аз исм ташаккул ёфтаанд [М-1].

Раванди таҳқиқ нишон медиҳад, ки дар сатҳи морфологияи забонҳои муқоисашаванда якчанд морфемаҳое мавҷуданд, ки вазифаҳои гуногуни грамматикиро иҷро мекунанд. Алалхусус, дар забони муосири англисӣ морфемаи *“-ed*” дар таркиби ҷумлаи *I played football* иҷрои амал дар гузашта ва дар шакли аналитикии *a played game* ба аломати мубтадо, далолат мекунад. Мутобиқи ақидаи П.М. Карашук морфемаи флективии омонимии “-*ed*” дар забони муосири англисӣ, вазифаи ишора намудан ба категорияи замон, яъне шакли феълии замони гузашта ва ба сифати феълии замони гузаштаи феълҳои дурустро иҷро мекунад [52, 7]. Дар умум, морфемаи “-*ed*” вазифаҳои гуногун ба монанди ишора намудан ба замони гузаштаи номуайян, сифати феълии дуюми феълҳои комил ва сиғаи ғайривоқеиро адо менамояд [108, 108].

Дар забоншиносии тоҷик дар низоми шаклҳо, ки ба воситаи морфемаҳои гуногун ифода карда мешаванд, гоҳо набудани бандаке низ аҳаммияти морфологӣ дошта метавонад. Дар забони тоҷикӣ дар феъли замони гузаштаи *хонд-ам* (шахси якум бо морфемаи “-*ам*”), дар феъли *хонд-ӣ* (шахси дуюм бо морфемаи “-*ӣ*”) ифода гардида бошад, дар феъли *хонд* набудани морфема, воситаи махсуси ифодаи шахси сеюми танҳо гардидааст. Чунин вазъиятро дар забони англисӣ морфемаи сифрӣ меноманд.

Морфемаи флективии “-*er*” дар забони англисӣ яке аз морфемаҳои сермаҳсул буда, вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Яке аз вазифаҳои ин морфема аз феъл созмон додани исми дорои маънои иҷрокунандаи амал мебошад. Масалан, дар калимаи *“teacher”* – муаллим морфемаи “-*er*” исмеро сохтааст, ки он тавассути ба асоси феъли *to teach* ҳамроҳ шудан мафҳуми шахси иҷрокунандаи амали таълим доданро гирифтааст. Вазифаи дигари ин морфема аз он иборат аст, ки ҳангоми пайваст шудан ба сифат низ метавон исмро созмон диҳад. Дар калимаи *greener*, ки асоси онро сифати “*green*” ташкил додааст, морфемаи флективии “-*er*” якҷоя шуда, исмро сохтааст, ки он ба донишҷӯйи дар курси якум таҳсилкунанда далолат мекунад.

Дар калимаи “*younger*”, ки асоси онро исми “*young*” – “*ҷавон*” ташкил додааст, пасванди “-*er*” ба категорияи дараҷаи аломат ишора менамояд. Ҳангоми якҷоя шудан бо исми *young* шакли синтетикӣ, яъне дараҷаи қиёсии сифати *young* сохта мешавад, ки ин вазифаро дар забони тоҷикӣ пасванди “-*тар*” иҷро мекунад. Мисол: *young – younger* ва *ҷавон – ҷавонтар*.

Нишондиҳандаҳои дар забони муосири тоҷикӣ вобаста ба вақти иҷроиши амал морфемаҳои шаклсоз маҳсуб меёбанд. Масалан морфемаи “-*ам*” дар калимаи “*мебинам*” барои ифодаи категорияи шахсу шумораи феъл, яъне ба шахси якуми шумораи танҳои феъли “*дидан*” ишора мекунад. Дар вожаи *“дорам”* низ ба замони ҳозираи шахси якуми танҳо далолат менамояд. Лекин дар калимаҳои “*либосам*” ё “*китобам*” морфемаи “-*ам*” а маънои грамматикии соҳибиятро ифода намуда, ба ки тааллуқ доштани ягон предметро ифода кардааст. Дар калимаҳои “*корам*” ва “*шинам*” ба вазифаи бунёди исми сохта омадааст. Дар ҷумлаи “*Гашт маълумам, ки меҳмон омадааст*” бошад, ба феъли гузарандаи “*маълум гаштан*” пайваст шуда, дар шакли тасрифи ба шахси якуми шумораи танҳо ишора менамояд. Бинобар ифода намудани вазъиятҳои гуногун ва иҷрои вазифаҳои мухталиф морфемаи флективии “-*ам*”,-ро ки дар мисолҳои овардашуда ба асоси калима пайваст шудаанд, морфемаи омонимӣ ҳисобидан дуруст мебошад.

Морфемаи дигари сермаҳсули забони тоҷикӣ “-*ӣ*” низ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Дар мавриди морфемаи мазкур якчанд забоншиносон ба монанди Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Ӯ. Аҳмадова, Н. Шукуров ва дигарон оид ба омоморфема маҳсуб ёфтани он ақидаҳои худро иброз кардаанд [88, 118].

Омоморфемаи флективии “-*ӣ*” ва омӯзиши он дар забони муосири тоҷикӣ нишон медиҳад, ки он на танҳо вазифаи исм, балки вазифаҳои сифат, сифати феълӣ ва зарфро адо мекунад. Мисол: *арабӣ, дастӣ, саҳарӣ*. Дар калимаи “*гуфтӣ*” як вазифаи дигари он низ равшан зоҳир мешавад. Яъне омоморфемаи “-*ӣ*” дар мисоли овардашуда ба шахси дуюми шумораи танҳои феъли “*гуфтан*” ва ба категорияи замони гузашта низ исми абстракт сохта

мешавад: *зебоӣ, осонӣ, чолокӣ, тезӣ*. Аз ҳамин лиҳоз, морфемаи “-*ӣ*” дар забони тоҷикӣ аз ҳама сермаҳсултарин омоморфема маҳсуб меёбад.

Таҳлили муқоисавии омоморфемаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки омоморфемаи флективии “-*er*” дар забони тоҷикӣ муодили зиёд дорад.

Агар дар забони англисӣ морфемаи “-*er*” дар калимаи “*buyer*” ба шахси сеюми шумораи танҳои исм ишора намояд, дар забони тоҷикӣ ин вазифаро пасванди “-*ор*” иҷро мекунад: *харидор*. Дар ин ҳолат, аз феъли *buy* исми шахс тавассути ҳамроҳ шудани морфемаҳои “-*er*” сохта шудааст ва дар забони тоҷикӣ ба асоси вожаи *харид* васл шудани морфемаи “-*ор*” ба вуҷуд омадааст. Морфемаи “-*er*”-и забони англисӣ ба асоси феъл ва морфемаи “-*ор*”-и забони тоҷикӣ ба асоси феъли замони гузаштаи шахси сеюми танҳо пайваст шуда, аз он исм месозад.

Инчунин, морфемаи “-*ор*” бо асоси замони гузаштаи феълҳои *рафтан, гуфтан, сӯхтан, куштан* ва ғайраҳо якҷоя омада, исмҳои феъли *рафтор, гуфтор, сӯхтор, куштор* ва ғайраҳоро месозад. Лекин бояд зикр намуд, ки дар ҳамаи мисолҳои овардашуда пасванди “-*ор*” ба калимаҳо пайваст гардида, танҳо ба навъҳои гуногуни исм ишора менамояд. Аз ҳамин лиҳоз, ин морфемаи флективиро мо ба гурӯҳи омоморфемаҳо ворид карда наметавонем.

Боз як морфемаи дигаре, ки бо морфемаи “-*er*”-и забони англисӣ ба ҳайси муодил баромад мекунад, пасванди исмсози “-*вар*” маҳсуб мешавад. Дар ҳар ду забон ин морфемаҳо ба асоси феъл ҳамроҳ шуда, ба исми шахси ифодакунандаи мафҳуми иҷрои амал далолат мекунад. Мисол: *шиновар* - *swimmer, суханвар* - *speaker*.

Вожаҳое, ки бо морфемами -*ing* сохта мешаванд, сифати феъли I, герундий ва исми феълӣ мебошанд. Сифати феъли I ва герундий аз асоси масдар тавассути морфемаи «-ing» сохта мешавад: going, taking, being. Онҳо зоҳиран монанданд, лекин ҳар яки ин вожаҳо хусусиятҳои хоси худро доранд:

1. Сифати феълӣ хосияти сифат, вале герундий аломатҳои исмро дорост. Бинобар он, Participle I дар ҷумла тавассути алоқаи ҳамроҳӣ вазифаи муайянкунандаро иҷро карда метавонад. Вале герундий дар ин вазифа бо исм тавассути пешоянд алоқаманд шуда, ба забони тоҷикӣ он чун масдар тарҷума мешавад. Мисол:

The day will close almost before you are aware it has begun; and you are indebted to no one ***for helping*** you to get rid of one vacant moment: [159, 449]. Ӯ ба ақиб баргашт ва дароз кашиду бо чашмони калон – калон кушодаи худ аз тиреза нигоҳ карда, офтоби **ғуруб карда истода**ро тамошо кард;

Feeling without judgment is a washy draught indeed; but judgment untempered by feeling is too bitter and husky a morsel for human deglutition. [159 450].

2. Герундий пешоянд қабул карда метавонад, аммо пеш аз сифати феълии I ҳаргиз пешоянд истифода намешавад. Мисол:

She said I oppressed her by leaning over the bed, and again demanded water. [159, 456].

3. Сифати феълӣ дар вазифаи ҳол ба забони тоҷикӣ ба воситаи сифати феълии қаблият тарҷума мегардад. Мисол:

Mrs. Reed was rather a stout woman; but, on hearing this strange and audacious declaration, she ran nimbly up the stair, swept me like a whirlwind into the nursery, and crushing me down on the edge of my crib, dared me in an emphatic voice to rise from that place, or utter one syllable during the remainder of the day. [159, 45].

4. Герундий метавонад бо ҷонишини соҳибӣ ё исм дар падежи соҳибӣ алоқаманд гардад, ҳол он ки Participle I ин хусусиятро надорад. Дар чунин ҳолат герундий бо масдар, вале Participle I тавассути сифати феълии забони тоҷикӣ тарҷума мешавад. Мисол:

I suppose I do come on; though in what fashion I know not; being scarcely cognisant of my movements, and solicitous only to appear calm [159, 465].

Ҳангоме ки вожаи бо «-ing» ифодаёфта хосияти исмро зоҳир мекунад ва ба вазифаи мубтадо ё пуркунанда меояд, вай герундий ё исми феълӣ мебошад. Фарқи байни исми феълӣ ва герундийро аз рӯйи шаклҳои грамматикиашон метавон ошкор кард. Алалхусус, исми феълӣ бо артикл меояд, вале герундий ба ин қодир нест. Гузашта аз ин, исми феълӣ метавонад бо адъюнкти исмӣ тавассути пешоянд алоқа зоҳир кунад, ки ин ба герундий хос нест.

Ҳамин тавр, дар байни сифати феълии якуми забони англисӣ ва сифатҳои феълии ҳамзамонию қаблияти забони тоҷикӣ бисёр монандиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, аммо дар забони тоҷикӣ баъзе ибораҳои синтаксисие, ки бо Participle I созмон меёбанд, мавҷуд нестанд ва аз ҳамин сабаб, ба воситаи шакли тасрифии феъли тоҷикӣ тарҷума карда мешаванд.

Исми феълӣ метавонад бо исм ё ҷонишин тавассути пешоянд алоқаманд гардида, дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии мубтадо ва пуркунанда ояд: The only sound in the darkness was the bubbling of the stream.

Ҳамин тавр, дар асоси омӯзиши хусусиятҳо ва вазифаҳои гуногуни морфемаҳои флективӣ метавон хулоса намуд, ки морфемаҳои омонимӣ гуфта, морфемаҳоеро меноманд, ки аз лиҳози компонентҳои овозӣ пурра бо ҳам мувофиқат намуда, маъно ва вазифаҳои гуногунро иҷро менамоянд.

Дар забони англисӣ омоморфемаҳои “-*s*” (“-*es*”), “-*er*” ва “-*ed*” ва *“-ing”*, ки дар таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, назар ба дигар морфемаҳои флективӣ дар бунёди калимаҳо сермаҳсул буда, барои сохтани шаклҳо ва категорияҳои мухталифи грамматикӣ хизмат мекунанд. Бинобар вазифаҳои гуногунро иҷро намудани морфемаҳои мавриди зикр, онҳоро ба гурӯҳи омоморфемаҳо ворид менамоянд. Ҳарчанд муодилҳои тоҷикии морфемаҳои “-*s*” (“-*es*”) ва “-*er*” дар забони тоҷикӣ миқдоран зиёд бошанд ҳам, лекин на ҳамаи онҳоро метавон ба гурӯҳи омоморфемаҳо вобаста намуд.

### 2.2.2. Морфемаҳои омонимии флективӣ дар забони тоҷикӣ

Дар баъзе воситаҳои грамматикӣ (пешвандҳо ва пасвандҳо) дар як қатор бо ҳодисаи ба ҳамагон маъмули омонимия монандӣ ба назар мерасад, ки ин аффиксҳоро омоморфемаҳо меноманд. Дар ин гуна мавридҳо на маъноҳои семантикӣ, балки маъноҳои грамматикии (вазифаҳои грамматикӣ) воҳидҳои забонӣ дар рафти омонимия асосӣ маҳсуб меёбанд.

Пешвандҳои ***во-, боз-, но-, бе-*** ва пасванҳои ***-ҳо, -он, -а, -ӣ*** ва чанде дигар мисоли ин гуна омоморфемаҳо шуда метавонанд

Д.М. Искандарова дар мақолаи худ, ки ба бисёрмаъноӣ ва ғайристандартияти (ғайриодӣ будани) аффиксҳои забони тоҷикӣ бахшида шудааст [47, 4-8], аломатҳои мазкурро чун талаботи нисбат додани забони тоҷикӣ ба навъи флективии забонҳо таҳлил менамояд. Муаллиф ғайриякмаъноӣ ё бисёрмаъноии аффиксҳоро чун синонимияи морфемавӣ ва ғайристандартияти аффиксҳоро омонимияи морфемавӣ меҳисобад.

Ҳамин тариқ, бисёрмаъноии пасвандҳои ***-ҳо*** ва ***-он*** ба мушоҳида мерасад. Муаллиф Д.М. Искандарова қайд мекунад, ки пасвандҳои додашуда нишондиҳандаи шумораи ҷамъ мебошанд ва менависад: “агар оид ба ғайри як маъноии аффиксҳои додашуда сухан намоем, қайд кардан ба маврид аст, ки пасванди ***-ҳо*** боз маънои номуайянӣ, наздикшавиро дорост” [47, 5]. Масалан:

***Соати 10*** – дар соати 10

***Соатҳои 10*** – қариби соатҳои 10, ба соати 10 наздик.

Ё худ: ***солҳои 50-ум*** – дар давоми солҳои 50-ум.

Ҳангоми пайваст намудани пасванди ***-ҳо*** ба ҷонишинҳои саволии ***кай*** ва ***кӯҷо***, маънои онҳо комилан тағйир меёбад. Муқоиса кунед: ***кайҳо*** - ким - кайҳо:

***Кайҳо нест*** – Ӯ кайҳо боз нест.

***Кайҳо, дар замонҳои қадим…*** -Ким - кадом вақтдар замонҳои қадим…‘ ва кӯҷоҳо:

***Кӯҷоҳо накофтем*** – *дар кӯҷоҳое, ки наҷустем;*

***Кӯҷоҳо нарафтем*** – *ба кӯҷоҳое, ки нарафтем* [47, 5-6].

Ҷонишини саволии ***кӣ*** ва ***чӣ*** – ро метавон ба ҳамин қатор ҷой дод, ки дар шумораи ҷамъи сохторҳои инкорӣ истифода мегарданд. Муқоиса намоед: ***киҳоро напурсидем, чиҳоро фикр накардем*** – аз киҳое, ки напурсидем, чиҳоеро, ки фикр накардем.

Бисёрмаъноӣ ва ё худ омонимияи аффикси ***-он*** хеле ҷолиби диққат аст. Нақши он ба сифати аффикси шумораи ҷамъ танҳо бо ҳамин маҳдуд намегардад. Ҳангоми аз наздик омӯхтани он маълум мегардад, ки он соҳиби маъноҳои зиёд аст. Масалан:

1. Илова кардани аффикси ***-он*** ба решаи феъл исм бо ифодаи маънои ҳолати эҳсосотиро месозад: ***хандон*** – *хандакунанда,* ***нолон*** – нолакунанда, ***гирён*** – гирякунанда.

2. Пасванди ***-он*** калимаи мураккаб бо маънои ҷараён ё ҳодисаи махсусро ташаккул медиҳад (маънои ивентуалӣ). Ин калима аз исм + решаи замони ҳозираи феъл + аффикси *-он* таркиб меёбад: ***рӯбинон*** аз ***рӯ(й)*** + ***бин*** (решаи замони ҳозираи феъли ***дидан***) + ***-он*** (*таҳт*. “рӯйро дидан” (маросими баъди базми тӯй, ки хешовандони наздиктарини шавҳар барои дидани наварӯс меоянд). Аз рӯйи ҳамин намуна метавон калимаҳои зеринро низ мавриди омӯзиш қарор дод:

***мӯйисаргирон*** – маросими бори аввал паст кардани мӯйи кӯдак;

***гаҳворабандон*** **–** маросими ба гаҳвора хобонидани кӯдак;

***чиллагурезон*** – зиёфат ба муносибати ба охир расидани чил рӯз аз тавлиди кӯдак ва ғ. [47, 6].

Табиист, ки дар раванди омонимшавии калимаҳо ба воситаи омоморфемаҳо аз лиҳози семантикӣ гуногун буда, аз рӯйи пайдоиш ва вазифаи воҳидҳо дар ҳар як мавриди мушаххас бо назардошти омилҳои забонӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ ба луғати воҳидҳои луғавии муайян бо роҳи омӯзиши тамоми маводи аёнии мавҷуда шомил кардан дуруст мебошад. Маводи омӯхташуда нишон медиҳанд, ки ҷудо кардани гурӯҳҳо дар байни омонимҳои нопурра низ вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, метавон оид ба омонимҳои нопурра низ сухан намуд, ки аз рӯйи баъзе хусусиятҳо онҳоро ба омофонҳо нисбат медиҳанд, аммо онҳо аз рӯйи баъзе хусусиятҳои хосаи худ, ки ба талаботи омографҳо ҷавоб медиҳанд, метавонанд баъзан ба худ омоморфемаҳоро дар бар гиранд. Вобаста ба ҳамин, мо онҳоро ба гурӯҳи умумии омонимҳои омехтаи нопурра шомил намудем.

Ҳамин тавр, ҷоизи қайд аст, ки дар забони тоҷикӣ дар контексти сатҳҳои гуногун миқдори зиёди калимаҳои гурӯҳи омонимӣ амал мекунанд, ки хусусиятҳои хоси морфологӣ ва синтаксисиро доро мебошанд.

М. Ахмедова чунин меҳисобад, ки “нақши воситаҳо ва аффиксҳои морфологӣ дар сохтани омонимҳо муҳим мебошад, зеро калима, ҳатто ҳангоми қабул намудани як пасванд маънои дигарро соҳиб мешавад, яъне дигар калима – омонимҳо пайдо мешаванд. Ин воситаҳо ба сохтори калима ворид шуда, дар инъикоси хаттии воҳидҳои забон дар қатори маънои аслии луғавии калима боз маънои муайянро фарогир мегарданд. Ин “чакидаҳои бегона” бо фишори дарккунандаи калон доир ба қувваи калони пасвандҳо дар сатҳи созмондиҳии калимаҳои нав бо маънои нав шаҳодат медиҳанд. Таъсири мусбат морфемаҳо ба бой кардани таркиби луғавии забонро низ қайд кардан муҳим аст, зеро он имконият медиҳад, ки онҳо чун воситаҳое гурӯҳбандӣ карда шаванд, ки истифодаи онҳо дар қатори маъноҳои аслии муодилҳояшон иловатан ба он далолат мекунад, ки ин гуна омонимишавии воҳидҳоро бояд ҷараёни хеле муҳим арзёбӣ намуд” [10, 18].

Морфемаи калимасози –ӣ (-гӣ) дар забони муосири тоҷикӣ яке аз пасвандҳои сермаҳсул ба ҳисоб меравад. Аз сабаби он, ки морфемаи калимасози –ӣ (-гӣ) сермаъно ва бисёрвазифа мебошад, он ба қатори омоморфемаҳо дохил мешавад.

Профессор Д. Хоҷаев дар китоби «Хӯҷа Ҳасани Нисорӣ ва ақидаҳои забонии ӯ» баъзе хусусиятҳои калимасозии морфемаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, чунин ибрози ақида намудааст: “Аён мегардад, ки

омоморфемаи “-ӣ” аллакай дар давраи классикӣ бисёрвазифа гашта, хусусияти омомфорфемагиро касб менамояд” [113, 67].

Ӯ. Аҳмадова мавқеи истифодаи морфемаи -ӣ (-гӣ) - ро дар ҳудуди се ҳиссаи нутқ таҳқиқ намуда, қайд мекунад: “Ғайр аз иштироки худ дар созмони шаклҳои грамматикӣ, чун пасванди калимасоз барои сохтани се ҳиссаи нутқ: исм, сифат ва зарф адои хизмат менамояд” [11, 18-21].

Э. Шоев дар қатори иштироки ин морфема дар калимасозии исм, сифат ва зарф, инчунин оид ба муносибати он дар сохти шумора ва ҷонишинҳо ишора мекунад [119, 22].

Дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик вобаста ба вазифаҳои грамматикии морфемаи -ӣ (-гӣ) чунин омадааст:

Дар истеъмоли пасванди –ӣ ва вариантҳои он –ӣ (гӣ, вӣ) чунин қонуният дида мешавад: а) агар калима бо ҳамсадо тамом шавад, пасванд дар шакли -*ӣ* меояд. Мисол: ёри абадӣ, мӯзаи солдатӣ, институти таҳқиқотӣ, чашмони бодомӣ, оинаи деворӣ, б) пас аз садоноки –о-йи талаффуз мешавад, аммо –ӣ навишта мешавад: баромади иҷтимоӣ, шурои илмӣ, саломи фидоӣ, в) пас аз садонокҳои а, е, ӯ ва йотбарсари *ё* дар шакли -*гӣ* навишта мешавад: соати кисагӣ, либоси хонагӣ, ғурури бачагӣ, г) пас аз садоноки *а* ва йотбарсари *я* низ морфемаи –*вӣ* меояд: илми дунявӣ, ҳаёти оилавӣ.

Пасванди –ӣ сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳое (алалхусус сифатҳои нисбӣ) месозад, ки аз ҷиҳати маъно рангоранг мебошанд: заминҳои колхозӣ, кишти тирамоҳӣ, шоири дарвозӣ, суфачаи сангӣ, кулоҳи аскарӣ, осиёи обӣ ва ғ.

Аз сифат, феъл ва сифати феълӣ пасванди –ӣ (-гӣ) исмҳои абстракти месозад: сурхӣ, сафедӣ, ташнагӣ, деҳқонӣ, мардӣ, нестӣ ва ғ.

Морфемаи -гӣ тавассути васл шудан ба шакли якуми сифати феълии замони гузашта шакли дуюми сифати феълии замони гузаштаро месозад: омада - омадагӣ, навишта - навиштагӣ, тобеъ шуда - тобеъ шудагӣ, хонда баромада - хода баромадагӣ ва монанди инҳо.

Ин пасванд аз зарфи тарзу замон ва аз шумораи нумеративи -то (-та) зарфи миқдор ва тарз месозад: ... ҳама якборагӣ корро партофтанӣ шуданд [148, 72]. Ӯ баъд аз савдо ва талоши бисьёре ду мардикорро ҳар кадом дутангагӣ (30 тинӣ), савдо карда овард [149, 55].

Омоморфемаи – **анд** дар чунин ҳолатҳо истифода мешавад:

1. барои ифодаи бандаки феълии шахси сеюми ҷамъи замони ҳозира ва гузашта: мераванд – рафтанд, менависанд – навиштанд, месозанд- сохтанд;

2. барои ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо (ба ҷойи -ед) кор фармуда мешавад. Ин ҳол дар муомилаи расмии гуфтугӯйӣ ва хаттӣ ба услуби махсус воқеъ мегардад: Канӣ, марҳамат кунанд, аз боло гузаранд... бифармоянд... Пурсидан айб надорад, тақсирамон аз кадом қишлок мешаванд? (Ҳаким Карим).

3. барои ифодаи шахси сеюми танҳо бо ду тобиши маъно истеъмол мешавад:

а) бештар барои ифодаи ҳурмат ба шахси танҳо:

Воқеан, Саркор хеле гапи ҳакро гуфтанд... - марҳамат, раис, биёед, ... шинос шавед, рафиқ Воҳидов, фронтовик, капитан, ҳозир мудири маорифи райони мо таъин шуда *омаданд*. Ана аз барои ҳамин, шавҳарам ҳамеша дар хонаанд ва корҳои майда-чуйдаро карда мешинанд;

б) барон ифодаи ҳиссиёти ҳазлу шӯхӣ, киноямез ва муносибати тамасхуромез нисбат ба шахси сеюми танҳо:

Наход ки келиншавандаамонро ба ҳоли худаш монем, — бо шӯхӣ ҷавоб дод отун, — он кас эркаи ҳама, даст ба даст *намерасанд*.

Ифодаи ин гуна тобишҳои маъноии киноямез бо бандакҳои хабарӣ, яъне ба шакли феъли нақлӣ низ воқеъ мешавад. Дар ин ҳолат ҳам, баъзе калима ва таркибҳо ба чунин тарзи баён ёрӣ мерасонанд:

- Ана, халос, боз **шон** роҳбари сиёсии колхози «Коммуна» — котиби ташкилоти партиявии колхоз будаанд...

4. Дар феълҳои тасрифӣ бандакҳои феълӣ одатан шахсҳоро далолат мекунанд ва аз ин сабаб, чунон ки дар баъзе мисолҳои боло ва ҷумлаҳои

зерин дида мешавад, ҷонишин чун фоил (мубтадо, субъект) зикр наёбад ҳам, вай ба воситаи бандакҳои феълӣ ифода мегардад [39, 231].

Масалан:

Тасаввур кунед, ки шуморо ба даруни як тобаи азими пур аз реги тафсон гузоштанд [153, 66].

Омоморфемаи **-ед** ба шахси дуюми шумораи ҷамъ дар замони ҳозира ва гузашта далолат менамояд: меравед – рафтед;

Инчунин, омоморфемаи **-ед** барои ифодаи сиғаи амрӣ истифода мешавад, ки изҳори хоҳишу супориш, фармону таъкид, водор кардан ва амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад, яъне шахси дуюми ҷамъи сиғаи амрӣ низ бо роҳи ба асос ҳамроҳ кардани морфемаи –ед сохта мешавад. Мисол: Акнун камтар арзи моро шунавед [155, 55]. То дарвозаи Имом мардумро аз роҳ дур кунед, шамъҳоро кушед ва роҳро катаҳан кунед, - гуфта фармон дод [149, 126].

Морфемаи –ед барои ифодаи ҳурмат нисбат ба шахси дуюми танҳо низ кор фармуда мешавад. Дар ин тарзи ифода ҳам бандаки феълӣ бо фоил (мубтадо) мувофиқат дорад, дар муомилот серистеъмол аст ва дар адабиёт низ айнан истеъмол меёбад:

Шумо ҳанӯз ҷавон ҳастед, аз дастатон корҳои бисёр меояд —гуфт ба Ситора [155, 133]. Ин тавр бошад, барои чӣ шумо дафъаи гузашта бо ман базӯр... хайру маъзур кардед? Ё аз ягон кори ман хафа шудед-мӣ? [155, 143].

Морфемаи -ин (пас аз садонок ва ҳамсадоҳои “ҳ” ва “м” -гин) аз исмҳои маънӣ баъзан конкрет сифатҳои аслие месозад, ки ба маънои решаи калима монанд ва доро будани предметро мефаҳмонад [33, 142]. Масалан: ғамгин, одами хашмгин, ҷавони шармгин, нигоҳи заҳрин, зулфи анбарин. Морфемаи -ин (-гин) аз исмҳои конкрет сифатҳое месозад, ки аз чӣ сохта шудани предметро мефаҳмонанд: дастпонаҳои нуқрагин, кӯпруки сангин, шишаҳои булӯрин, сарбанди абрешимин, чароғпояи чӯбин. Пасванди -ин// -гин бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, ҳам сифати аслӣ ва ҳам сифати нисбӣ месозад.

Морфемаи аффиксалии мазкур аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифат месозад:

а) аз сифати аслӣ сифати нисбӣ месозад. Масалан: Ба сабаби маҳрум монданатон аз ин тамошои муфти табиӣ, албатта, ғамгин мешавед... [149, 47].

б) аз зарфҳо сифат месозад, ки нисбияти замониро ифода мекунад: мулоқоти аввалин, дӯсти дерин, мактуби охирин.

Морфемаи -гин гунаи грамматикии морфемаи -ин буда, нисбатан каммаҳсул аст. Масалан:

Маҷлисро боз хомӯшии андӯҳгине пахш кард... [149, 273], ...дар даруни як хоначаи пастаки похсагини танг дар ду бемор мехобид [149, 142].

Ҳамин тавр, морфемаи –ин (-гин) дар калимасозии сифат мавқеи хоса дорад. Ин морфема бо морфемаи -гӣ муносибати муродифӣ дорад. Масалан: либоси пахтагин / либоси пахтагӣ, ороиши тиллогин / ороиши тиллогӣ, роши регин /роши регӣ ва ғ.

Аз таҳлили маводи забонӣ метавон ба хулосае омад, ки дар сатҳи луғавӣ-маъноии воҳидҳои омонимии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳиссаҳои нутқ ба монанди исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф ва феъл нақши муҳимро мебозанд.

## Хулосаи боби дуюм

Аз таҳлилу баррасии боби дуюми рисола метавон ба хулосае омад, ки омонимҳо зоҳиран як шакл дошта, ҳам аз лиҳози маъно ва ҳам аз лиҳози пайдоиш тафовут доранд. Ин гуна калимаҳо дар натиҷаи тағйиротҳои овозии решаҳои таърихӣ, ворид шудани калимаҳои иқтибосии аз рӯйи шакл бо калимаҳои аслӣ якхелабуда ё худ аз тарафи лексемаҳои истеъмолии забон иқтибосшуда, пурра аз ҳам дур шудани маъноҳои луғавии калимаҳо ва монанди инҳо ба амал омадаанд.

Омографҳо калимаҳое мебошанд, ки дар навишт шакли якхела доранд, аммо ба таври гуногун талаффуз карда мешаванд. Омофонҳо бошанд, талаффузи якхела доранд, вале дар тарзи навишт фарқ мекунанд.

Омошаклҳо омонимҳои нопурра буда, дар онҳо талаффуз ва маҷмӯи овозҳои калима дар натиҷаи мувофиқат намудани як калима бо сохтори грамматикии муайяни калимаи дигар ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тавр, ба таври возеҳ як зумра морфемаҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ омоморфемаҳои флективии худро доранд. Дар забони англисӣ:

- **(e) s** - морфемаи ҷамъсоз: books;
- **‘s** - морфемаи падежсоз: sister’s hat;
- **(e) s** - морфемаи шахси сеюми танҳои феъл дар замони ҳозира: she speaks;
- **s** - морфемаи шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ: ours, theirs;
- **(e) d** - морфемаи замони гузаштаи феълҳои дуруст: asked – пурсид;
- **(e) d** - морфемаи Participle II -и феълҳои дуруст: asked-пурсидашуда;
- **ing**- морфемаи герундий: reading - хониш; хондан;
- **ing** - морфемаи Participle I: reading - хонда истода;
- **(e) r**- морфемаи дараҷаи қиёсии сифат ва зарф: nicer- зеботар, earlier - барвақттар;
- **(e) st**- морфемаи дараҷаи олӣ: nicest- зеботарин, earliest – барвақттарин;
- **(e) n**- морфемаи Participle II: taken - гирифта (гирифташуда);
- **en** - морфемаи ҷамъсози исм: oxen - барзаговҳо, children - бачагон.

Дар забони тоҷикӣ миқдори чунин морфемаҳо зиёдтаранд:

- **ам -** омоморфемаи шахси якуми феъл дар замони ҳозира ва гузашта: меравам, рафтам;
- **ӣ** - омоморфемаи шахси дуюми замонҳои ҳозира ва гузаштаи феъл: меравӣ, рафтӣ;
- **ад** ва **Ø** - морфемаи шахси сеюми танҳо дар замони ҳозира ва гузашта: меравад - рафт **Ø**;
- **ем**- омоморфемаи шахси якуми ҷамъ дар замонҳои ҳозира ва гузашта: меравем - рафтем;
- **ед** - омоморфемаи шахси дуюми ҷамъ дар замони ҳозира ва гузашта: меравед - рафтед;
- **анд** - омоморфемаи шахси сеюми ҷамъ дар замони ҳозира ва гузашта: мераванд – рафтанд;
- **ҳо** - морфемаи ҷамъсози исм: китобҳо;
- **он** ва алломорфҳояш -гон, - вон, - ён: духтарон, бачагон, оҳувон, барқчиён;
- **тар**- морфемаи дараҷаи қиёсии сифат ва зарф: калонтар, барвақттар;
- **тарин**- морфемаи дараҷаи олии сифат: тангтарин;
- **т, д**- морфемаи созандаи асоси замони гузаштаи феъл: хонд, гуфт;
- **гист**- морфемаи сиғаи эҳтимолӣ: рафтагист;
- **а**- морфемаи сифати феълӣ: рафта, омада;
- **ан**- морфемаи масдар: хондан.

Ғайр аз ин морфемаҳо дар забони тоҷикӣ якчанд морфемаҳои флективии дигар низ мавҷуданд.

Аз муқоисаи морфемаҳои ин ду забон бармеояд, ки омоморфемаҳои флективӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ бештар аст. Аз ин рӯ, дар забони тоҷикӣ хусусиятҳои забонҳои навъи синтетикӣ нисбат ба англисӣ бештар ба назар мерасад. Дар забонҳои муқоисашаванда, новобаста аз он ки онҳо гуногунсохтор мебошанд, омоморфемаҳо дар ташаккули фонди луғавӣ, сохти морфологию грамматикӣ ва хусусиятҳои синтетикӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

# БОБИ 3. ОМОМОРФЕМАҲОИ ФЛЕКТИВӢ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ДАР СИСТЕМАИ МОРФОЛОГИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## 3.1. Омоморфемаи флективии “-er” ва муодилҳои тоҷикии он

Дар зербоби мавриди назар хусусиятҳои маъноии морфемаҳо, алалхусус, морфемаи “-*er*”-и забони англисӣ ва пасвандҳои “-ӣ, -ак, -гар -тар”-и забони тоҷикӣ ба риштаи таҳлил кашида мешаванд.

Дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ сермаъноӣ, синонимӣ ва омономии калимаҳо мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, як қатор масъалаҳои муҳими он ҳаллу фасли худро ёфта бошанд ҳам, баъзе хусусиятҳои омонимии морфемаҳои забонҳои омӯхташаванда ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд.

Морфемаҳои омонимии флективӣ гуфта, морфемаҳоеро меноманд, ки аз лиҳози компонентҳои овозӣ бо ҳам мувофиқат намуда, маънои гуногунро ифода менамоянд [108, 106].

Дар забони муосири англисӣ морфемаҳои омонимӣ ба таври васеъ истифода шуда, барои ташаккули шаклҳои грамматикӣ хизмат мекунанд. Морфемаҳо аз лиҳози морфологӣ мустақил нестанд ва ба ҷузъҳо ҷудо намешаванд [7, 7].

Дар забони муосири англисӣ пасванди ифодакунандаи иҷрокунандаи амал “-*er*” пасванди аз ҳама пурмаҳсули калимасоз маҳсуб меёбад. Аслан, пасванди *“-er”* ба гурӯҳи алломорфии “-*or*” дохил мешавад. Ба ақидаи П.М. Карашук гурӯҳи алломорфии пасванди “-*or*” гунаҳои фонематикии худро надоранд [52, 91].

Дар ҷараёни инкишофи худ пасванди “-*er*” аз исм ва феъл исмҳое месохт, ки шахси иҷрокунандаи ягон фаъолиятро ифода мекарданд. Ба ин нуқта асоси калима ишора менамояд.

Масалан: *cartere* - *аробакаш, haberdaschere* - *тоҷир*.

Инчунин, морфемаи “-*er*” дар ҷараёни инкишофи худ маъноҳои иҷрокунандаи амал (*hatter-кулоҳдӯз*), мансубият ба ягон минтақа (*Londoner* –

*сокини шаҳри Лондон*) ва соҳиби ягон олат будан ё бо он олат ягон фаъолият иҷро намуданро (*knocker - ҳалқаи дар*) ифода мекард.

Дар забони муосири англисӣ морфемаи мавриди назар маҳсулнокӣ ва маъмулии ҳамаҷонибаашро аз даст надода, бар замми ин, хусусияти ифода намудани маънои иҷрокунандаи амал ва ҳолати худро нигоҳ доштааст [М-1].

Чунин хусусият имконият медиҳад, ки морфемаи "-*er*" - ро ба гурӯҳи пасвандҳо-омонимҳо мансубият дорад, зеро он метавонад ду мафҳуми гуногунро ифода намояд.

Маҳз мафҳуми иҷрокунандаи амал ва мафҳуми олатиро ифода намудани морфемаи "-*er*" дар забони муосири англисӣ яке аз заминаҳои асосӣ барои омоморфема шуморидани он ба ҳисоб меравад. Боз як заминаи дигар он аст, ки пасванди "-*er*" на танҳо исм месозад, балки он ба асоси сифат ҳамроҳ шуда, метавонад дараҷаи қиёсии онро созмон диҳад, ки роҷеъ ба ин хусусияти омоморфемаи "-*er*" дар поён муфассал сухан меравад.

Пасванди "-*er*" ба асоси исм ҳамроҳ шуда, мафҳуми мансубият ба минтақаи муайянро ифода мекунад. Ин маъноро шартан бо мафҳуми "нисбат" - и забони тоҷикӣ баробар шуморидан мумкин аст. Масалан: *villager - сокини деҳа, hosteller - донишҷӯи дар хобгоҳ истиқоматкунанда, islander - сокини ҷазира* [М-2].

Дар забони муосири тоҷикӣ омоморфемаи аз ҳама сермаъною серистеъмол пасванди "-*ӣ*" буда, он аффикси муштараквазифа ҳисобида мешавад [11, 9]. Омӯзиши муқоисавии забонҳо нишон медиҳад, ки ба омоморфемаи "-*er*"-и забони англисӣ дар мавриди ифодаи мафҳуми мансубият ба минтақаи муайян маҳз омоморфемаи тоҷикии "-*ӣ*" метавонад ҳамчун муодил истифода шавад. Яъне пасванди "-*ӣ*" ба асоси исм ҳамроҳ шуда, маънои мансубият ба ягон маконро ифода мекунад, ба ибораи дигар нисбат месозад.

Масалан: *шаҳрӣ, деҳотӣ, суғдӣ ва г.*

Пасванди "-*er*" бо асоси сифати дорои маънои ранг ё хусусияти хос якҷоя шуда, метавонад вожаҳоеро ифода кунад, ки ба шахси соҳиби

хусусиятҳои зикршуда далолат намояд. Мисол: *greener - дар курси аввал таҳсилкунанда, fresher - нав ба донишгоҳ қабулшуда.*

Дар масъалаи истифодаи омоморфемаи “-*ӣ*” дар забони тоҷикӣ забоншиносон Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Ӯ. Аҳмадова, М. Шукуров ақидаҳои худро иброз намудаанд. Аз ҷумла, Ш. Рустамов қайд мекунад, ки “Пасванди “-*ӣ*” омоморфема буда, дар исму сифатсозӣ маъно ва вазифаҳои аз ҳам фарққунандаи он равшан зоҳир мешавад” [88, 118].

Вобаста ба хусусияти сифатсозии морфемаи “-*ӣ*” Н. Маъсумӣ чунин изҳори ақида кардааст: “Дар он сурат агар ба хислатҳои мардуми маҳал мансуббударо қайд кардан лозим бошад, аз исм ё сифати мансуб ба маҳал бо илова кардани пасванди “-*гӣ*” сифате сохта мешавад, ки вай ба аҳли он маҳал мансуб будани чизи тасвиршавандаро мефаҳмонад. Мисол:*“ғурури ғиждувонӣ”* [68, 118].

Таҳлил нишон медиҳад, ки омоморфемаи “-*er*” дар забони англисӣ хусусияти исмсозӣ дорад. Морфемаи “-*er*” аз сифат исм месозад, лекин доираи хусусиятҳои калимасозии яке аз муодилҳои омоморфемаи “-*er*” дар забони тоҷикӣ – омоморфемаи “-*ӣ*” то андозае васеътар мебошад. Бо истифода аз омоморфемаи “-*ӣ*” дар забони тоҷикӣ исм (*ҷавонӣ*), сифати нисбӣ (*сурхӣ*), сифати феълӣ (*хӯроки хӯрданӣ*) ва зарф (*бегоҳӣ*) созмон дода мешавад.

Дар забони муосири англисӣ пасванди “-*er*” тавассути ба асоси феъл, исм, сифат ва шумора пайваст шудан танҳо исм месозад. Гурӯҳи калони исмҳо дар ҷараёни якҷояшавии асоси феъл бо омоморфемаи “-*er*” сохта шуда, тобишҳои гуногуни маънои иҷрокунандаи амалро ифода мекунад. *Мисол: sewer - дӯзанда, learner - омӯзанда, player - бозингар, speaker -гӯянда ва ғ.*

Ҳолатҳои нодире ба назар мерасанд, ки вобаста ба серистеъмолӣ ва сермаҳсулии худ омоморфемаи “-*er*” на танҳо ба асоси калима, балки ба пасванд ҳамроҳ шуда, исми нав месозад. *Мисол: onlooker - назораткунанда, come – outer – баромадкунанда* [52, 16; М-2].

Боз як маъное дигаре, ки омоморфемаи “-*er*” ифода менамояд, ин маънои олатӣ маҳсуб меёбад. Яъне исмҳое, ки тавассути пасванди “-*er*” созмон меёбанд, маънои иҷрои амалро ба воситаи ягон олат ё умуман иҷрокунандаи амалро ифода менамоянд. Одатан омоморфемаи “-*er*” ба асоси феълҳо пайваст гардида, чунин исмҳоро месозад: *to propel - ҳаракат кунондан, propeller - ҳаракаткунонанда, to rectify - рост кардан, rectifier - росткунанда, to compute - ҳисоб кардан, computer - мошинаи электронии ҳисоббарор* [52, 17].

Муодилҳои омоморфемаи “-*er*”, ки одатан дар ҷараёни исмсозӣ ду маъно – маънои иҷрокунандаи амал ва олатиро ифода мекунад, дар забони тоҷикӣ миқдоран зиёд мебошанд. Маҳз дар мавриди ифодаи маънои дуюми омоморфемаи “-*er*”-и забони англисӣ, мо метавонем синоморфема ва омоморфемаи “-*ак*”-ро муодил ҳисоб кунем. Аммо боиси тазаккур аст, ки вазифаҳои пасванди “-*ак*” назар ба вазифаҳои пасванди “-*er*”-и забони англисӣ миқдоран зиёд мебошанд. Забоншинос Ш. Рустамов дар мавриди пасванди “-*ак*” ибрози ақида намуда, зикр менамояд, ки пасванди “-*ак*” на танҳо калима, балки шаклҳоро метавонад созмон диҳад [89, 114]. Мисол: писарак. Инчунин, ӯ қайд менамояд, ки аффикси калимасози “-*ак*” аз аффикси шаклсози “-*ак*” бо он фарқ мекунад, ки дар калимаҳои сохта тағйироти сифатӣ, вале дар шаклҳо тағйироти миқдорӣ мушоҳида мешавад [89, 114]. Дар мавриди ифодаи маънои иҷрокунандаи амал тавассути ягон олат вожаи “оташгирак” мисол шуда метавонад. Аз калимаи “оташгирак” маълум мешавад, ки пасванди “-*ак*” аз исми фоил исми олат сохтааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки агар дар забони англисӣ пасванди “-*er*” дар сохтани исмҳои ифодакунандаи мафҳуми иҷрокунандаи амал тавассути ягон олат сермаҳсул ҳисоб шавад, дар забони тоҷикӣ ин вазифаро бештар пасванди “-*гар*” иҷро мекунад. Ҳамзамон, дар забони муосири тоҷикӣ исмҳое, ки бо ин пасванд сохта мешаванд, шахсро аз рӯйи касбу ҳунар, хислату кирдор ва вобаста ба амалиёт, машғулият ва кирдораш шарҳ медиҳанд. Мисол: сӯзангар, оҳангар, имдодгар, даъвогар, ислоҳгар ва ғ.

Ҳамин тавр, яке аз хусусиятҳои хоси омоморфемаи “-*er*” бунёди исмҳои ифодакунандаи мафҳуми иҷрокунандаи амал тавассути ягон олат маҳсуб меёбад. Дар забони тоҷикӣ бошад, ҳангоми ифодаи маънои зикргардида метавон омоморфемаҳои “-*ӣ*”, “-*ак*” ва пасванди “-*гар*”-ро ҳамчун муодили омоморфемаи “-*er*” мавриди истифода қарор дод.

Омоморфемаи флективии “-*er*” дар забони муосири англисӣ, ҳамчунин, дараҷаи қиёсии сифатҳои аслӣ месозад. Ин хусусияти пасванди “-*er*” низ яке аз асосҳои омоморфемаи флективӣ ҳисоб шудани он мебошад.

Дар забоншиносӣ дараҷаи қиёсии сифатҳои аслӣ гуфта, ҷараёни қиёс намудани ягон ашё ё аломатро бо ашё ё аломати дигар меноманд. Мисол:

1. This room is large - Ин хона калон мебошад.

2. This room is **larger** than that one - Ин хона назар ба дигараш **калонтар** мебошад.

3. Tom is a clever student - Том донишҷӯи боақл мебошад.

4. Tom is **cleverer** than Peter - Том назар ба Питер **боақлтар** мебошад.

Дар забони англисӣ дараҷаи қиёсии сифатро бо се восита ва дар забони тоҷикӣ бо як восита ифода мекунанд. Воситаи якум – яъне воситаи синтетикии дараҷаи қиёсии сифат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо роҳи ба асоси сифати аслӣ ҳамроҳ намудани пасвандҳои “-*er*” ва “-*тар*” созмон дода шуда, аломатҳои қавии дар натиҷаи муқоиса зоҳиршудаи ашё ва хосиятҳоро ифода менамояд.

Мисол: fast - faster ё тез - тезтар;

big - bigger ё калон - калонтар;

young - younger ё ҷавон - ҷавонтар ва ғ.

Дар забони англисӣ ҳангоми созмон додани дараҷаи қиёсии сифат пасванди “-*er*” танҳо ба сифатҳое, ки аз ду ҳиҷо каманд ҳамроҳ мешавад. Мисол: *tall – taller, soft – softer, small – smaller, easy – easier, happy – happier, heavy – heavier.*

Инчунин, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки гарчанд калима аз ду ҳиҷо зиёд набошад ҳам, шаклҳои дараҷаи қиёсии сифат тавассути шаклсозии

супплетивӣ амалӣ мегарданд ва дар бунёди чунин калимаҳо омоморфемаи флективии “-*er*” иштирок намекунад. Мисол: *well – better - best (хуб – хубтар - хубтарин ё беҳтарин), bad – worse - the worst (бад – бадтар - бадтарин), little – less - the least (хурд – хурдтар - хурдтарин)* [М-2].

Дар забони англисӣ шаклҳои аналитикии дараҷаи қиёсии сифат тавассути калимаҳои ёвар низ ташаккул ёфта метавонанд. Ба ин гурӯҳ бештар сифатҳое дохил мешаванд, ки зиёда аз ду ҳиҷо иборатанд. Мисол: interesting - more interesting (шавқовар - шавқовартар), beautiful - more beautiful (зебо - зеботар). Дар забони тоҷикӣ бошад, новобаста аз миқдори ҳиҷои сифатҳои аслӣ, дараҷаи қиёсии онҳо тавассусти шакли синтетикӣ, яъне ба воситаи якҷояшавии пасванди флективии “-*тар*” ба асоси калима сохта мешаванд. Мисол: шавқовар - шавқовартар, зебо -зеботар ва ғайра [М-1].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар забонҳои муқоисашаванда пасвандҳои “-тарин” ва “-est” дараҷаи олии сифат месозанд, ки аз ҷумлаи хусусиятҳои шабеҳи ҳар ду забон маҳсуб меёбанд. Лекин дар забони тоҷикӣ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи пасванди “-тарин” созмон додани исм буда, чунин хусусият аз он дарак медиҳад, ки пасванди мазкур дар калимасозии забони тоҷикӣ метавонад ҳамчун омоморфема истифода шавад. Мисол: *ангуштарин* [88, 132].

Муқоисаи забонҳои мавриди назар собит месозад, ки дар забони тоҷикӣ танҳо роҳи синтетикии шаклсозии сифат ба назар мерасад. Дар забони англисӣ бошад, ғайр аз шаклсозии синтетикию аналитикӣ шаклсозии супплетивии сифатҳои аслӣ низ мавҷуд мебошад [106, 47; М-2].

Ҳамин тавр, дар забони муосири англисӣ омоморфемаи флективии “-*er*” аз ҷумлаи аффиксҳои сермаҳсул ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни инкишофи худ ба асоси калима ҳамроҳ шуда, тобишҳои маъноии гуногунро ифода намудааст. Ҳоло тавассути омоморфемаи мазкур исмҳои ифодакунандаи маънои иҷрокунандаи амал ва иҷрокунандаи амал тавассусти ягон олат аз исм, сифат ва феъл сохта мешаванд. Муодилҳои тоҷикии пасванди “-*er*” миқдоран зиёд буда, дар таҳқиқоти мазкур бештар барои муқоисаи

омоморфемаҳои тоҷикии “-*ӣ*”, “-*гар*” ва “-*ак*” ҷалб карда шуданд. Лекин бояд қайд кард, ки дар мавриди ифодаи маънои иҷрокунандаи амал ё иҷрои амал тавассути ягон олат боз пасвандҳои “-*гар*”, “-*анда*”, “-*вар*”, “-*ор*” ва“-*чӣ*”–ро низ ба сифати муодили пасванди англисии “-*er*” метавон истифода намуд.

Хусусияти дигари омоморфемаи флективии “-*er*” дар он зоҳир мешавад, ки шакли синтетикӣ, яъне дараҷаи қиёсии сифати забони англисиро бо сифатҳои як ва духиҷоӣ месозад. Дар забони тоҷикӣ бошад, ин вазифаро пасванди “-тар” иҷро менамояд. Пасвандҳои сермаҳсули “-*er*” ва “-тар” дар забонҳои муқоисашаванда дорои хусусиятҳои шабоҳаткунанда буда, барои иҷрои як вазифа хизмат мекунанд [М-2].

### 3.2. Омоморфемаи флективии “-ing” ва муодилҳои тоҷикии он

Дар забони англисӣ вербалияҳои хеле серистемол буда, дар қатори онҳо калимаҳое мавҷуданд, ки бо морфемаи -ing ифода ёфтаанд. Ба қатори ин вожаҳо дар забони англисӣ сифати феълӣ (Participle 1), герундий ва исми феълӣ дохил мешаванд.

Масъалаи вожаҳои бо -ing ифодаёфтаи забони англисӣ диққати бисёр муҳаққиқон ва забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст ва эшон масъалаи мазкурро дар асарҳои илмии худ рӯйи қоғаз овардаанд. Роҷеъ ба ин мавзуъ забоншиносони маъруфи англис Ю.Д. Апресян [4], А.З. Розенфелд [90], А.И. Смирнитский [99] ва тоҷик Т. Тоҷиев [103], М.Б. Шаҳобова [118], Р.А. Ибрагимова [42] таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд.

Форманти “-ing” аффикси флективӣ буда, дар системаи морфологии забони англисӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол менамояд, зеро маҳсулнокӣ ва такрорѐбии он дар истифодабарӣ ба инкишофи на танҳо забони англисӣ, балки ба дигар забонҳои гуногунсохтор низ таъсир мерасонад. Вожаҳои инжиниринг, консалтинг, тренинг ва ғайраҳо, ки ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ дар чандин забонҳои гуногунсохт истифода мешаванд, маҳз тавассути омоморфемаи флективии “-ing” сохта шудаанд.

Баромади пасванди “-ing” аз забонҳои қадимаи олмонӣ реша мегирад. Аз ибтидо пасванди мазкур ду шакл дошта, ду вазифаро иҷро менамуд: –ing

ва –ung [38, 60].

Дар забони муосири англисӣ танҳо шакли аввали он истифода мешавад. Морфемаи “–ing” хусусияти валентнокӣ дошта, ҳамчун аффикси муштараквазифа хизмат мекунад ва дар муайян намудани маъноҳои гуногуни грамматикӣ нақши муҳимро мебозад.

Дар умум, се маънои грамматикии омоморфемаҳои “ing” –ро дар забони англисии муосир мушоҳида кардан мумкин аст, зеро ин формант дар системаи морфологии забони англисӣ бисѐрвазифаю бисѐрҷабҳа мебошад.

Масалан:

1. It`s raining.

2. Flattering won`t help.

Дар мисолҳои додашуда мавқеи омоморфемаро метавон аз ду ҷиҳат шарҳ дод: якум, чун нишондиҳандаи замони ҳозираи давомдор, ва дуюм, ҳамчун аффикси флективии калимасоз.

Дар ҷараѐни сохтани герундий тавассути омоморфемаи мазкур ҳамнишинии он бо феъл ба назар мерасад ва дар ин ҳолат дар забони тоҷикӣ ин вазифаро пасванди исмсози - иш ба ӯҳда мегирад.

Мисол:

Reading - хониш

Germinating - сабзиш

Морфемаи мазкур ба сифати формант баромад намуда, серистеъмол ва маҳсулнок мебошад. Ба ғайр герундий ва сохтани шакли аналитикии феълҳои давомдор морфемаи - ing‖ сифати феълии замони ҳозираро низ ифода менамояд: writing – навиштаистода. Бо назардошти якчанд маъноҳои грамматикиро ифода намуданаш пасванди “-ing” - ро низ бе шубҳа метавон ба гурӯҳи омоморфемаҳои забони англисӣ ворид намуд.

Муаллифони китоби дарсии “Таърихи забони англисӣ” менависанд: “Дар давраи миёна исми феълӣ бо морфемаи “-ing” ба ҷараёни вербализатсия мубаддал мегардад. Аввал исми феълӣ исмро дар падежи соҳибӣ нишон медод, вале дар давраи миёна хусусияти пуркунанда қабул карданро пайдо

мекунад ва ҳолшарҳкунандаҳоро низ қабул мекунад. Маҳз ҳамин давраи аввали вербализатсия ин намуд исмҳоро ба шакли махсуси феълӣ табдил дод, ки чун шаклҳои ғайритасрифии феъл амал карда, хосиятҳои феълӣ ва исмиро доро гардид [44, 208].

Дар натиҷа, шакли ғайритасрифии дигари феъл, ки герундий ном дорад ба вуҷуд омад. Бояд қайд кард, ки дар давраи қадим сифати феълии I бо пасванди "-end(e)" мавҷуд буд ва дар мобайни асри XIII бо таъсири диалектҳо ба пасванди "-ing(e)" мубаддал гашт. Дар натиҷаи ин, аз оғози давраи миёна герундий ва сифати феълии I ҳар ду якхел сохта мешуданд, ки ин ҳам бошад, тавассути пасванди "-ing" аст. Дар охири садаи XVIII фарқият байни герундий ва исми феълӣ ба миён меояд [44, 209-210]. Мутаносибан, дар забони англисӣ се воҳиди забонӣ истифода бурда мешавад, ки ҳар се ҳамон як морфемаи "-ing" -ро доранд:

1) исми феълӣ,

2) сифати феълии I,

3) герундий.

Шаклҳои феълие, ки тавассути морфемаи «-ing» ифода ёфтаанд, шарҳу баёни гуногун доранд. Ба гурӯҳи шаклҳои ғайритасрифии феъл, ки бо -ing ифода ёфтаанд герундий ва сифати феълии I дохил мешаванд. Оид ба номгузорӣ кардани ин шаклҳои феълӣ байни забоншиносон гуногунфикрӣ ба назар мерасад. Мувофиқи ақидаи якум ба ин гурӯҳ калимаҳо шаклҳои ғайритасрифии феъл (герундий ва сифати феълии якум) дохил шуда, онро "-ing шаклҳо" (-ing – forms) номидаанд [38, 55]. Дигар гурӯҳи забоншиносон қайд мекунанд, ки герундий ва сифати феълии якум шаклҳои ғайритасрифии феъл ба шумор мераванд, вале онҳо ба якдигар умуман аз рӯйи аломатҳояшон монандӣ надоранд [136, 347].

Бояд қайд намуд, ки ин гуногунфикрӣ сабабҳои худро дорад, зеро ин шакли феълӣ табиатан як зайл нестанд. Барои исбот намудани ақидаи мазкур ба маводи забонӣ рӯ меорем:

1. Your <u>coming</u> has done him good [161, 68].

2. He was interrupted while doing it [161, 73].

Дар мисолҳои болоӣ вожаҳое, ки бо морфемаи -ing ифода ёфтаанд (coming, doing) ҳам аз нуқтаи назари маъно ва ҳам аз нуқтаи назари грамматика чун герундий амал кардаанд.

Ё худ ба мисоли дигар таваҷҷуҳ намоед:

The evening before their return to Paris he was sitting on the terrace with his mother, listening to the monotoning screaming of cicadas, enjoying the cool night breeze.

Дар ин мисол шаш калима бо морфемаи «-ing» ифода ёфтаанд. Дар ин ҷо мо бештар диққати худро ба sitting ва listening равона месозем. Тавре ки аз таҳлили морфологии калимаи « sitting » аз ду морфема (speak ва -ing) таркиб ёфтааст. Дар ин лексема «sit» морфемаи решагӣ буда, номи амалро ифода карда истодааст. Вазифаи морфемаи флективии «-ing» аз тақвият бахшидан ба морфемаи решагӣ иборат мебошад. Дар ин гуфтор лексемаи sitting якҷоя бо феъли ёвари «is» маънои ҳудуди феъли давомдорро ифода карда истодааст ва мутаносибан он сифати феъли I ба ҳисоб меравад. Калимаи «listening», низ дар ин ҷумла ҳолати руҳии субъектро ҳангоми иҷрои амал мефаҳмонад ва вазифаи синтаксисии ҳоли тарзи амалро ифода карда истодааст. Ин калима низ сифати феъли 1 мебошад.

Чи тавре ки аз таҳлили ҷумлаҳои болоӣ бармеояд, герундий зоҳиран ба сифати феъли I монанд аст. Лекин бояд қайд намуд, ки байни онҳо тафовутҳои куллӣ ба назар мерасанд.

Сифати феъли якум мисли феъл маънои амалро ифода мекунад: **Feeling** tired, Jude sat down on one of the sofas [161, 6].

The rising moon was whitening the paddock beside the road [161, 56].

Сифати феъли I чун феъл пуркунанда ва ҳол қабул мекунад: He could see apple blossoms covering **the orchard** (пуркунанда). The capitain walked up and down looking **straight before him** (ҳол).

Сифати феълии I ҳамчун феъл шаклҳои перфектӣ ва ғайриперфектӣ дорад: *writing – having written*. Он инчунин, мисли феъл шакли фоил ва мафъулро дорост: *writing – being written, having written – having been written.*

Дар баробари ин, сифати феълии I дорои баъзе хосиятҳои сифат мебошад.

Сифати феълии якум дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда меояд. Вай метавонад пеш аз, ё баъд аз муайяншаванда ҷой гирад:

“I beg your pardon, it is the literal truth: he asked me more than once, and was as stiff about urging his point as ever you could be.” [159, 850].

And a moment after, went whispering on the wind the words - “Where are you?” [159, 858].

Сифати феълии I дар ҳолате ба вазифаи муайянкунандаи препозитивӣ меояд, ки агар вай баъд аз худ калима ё таркибҳои ба он тобеъ надошта бошад: He put me off his knee, rose, and reverently lifting hishat from his brow, and **bending** his sightless eyes to the earth, he stood in mute devotion [159, 859-860]. Вале вақте ки сифати феълии I калимаҳои ба худ тобеъро дошта бошад, он ҳатман баъди муайяншаванда ҷойгир мешавад: The man **standing** behind the counter picked the camera [159, 89].

Сифати феълии якум чун зарф дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии ҳол меояд: Without **waiting** to hear more, I left the kitchen. [159, 862]. In **passing** the door of that sanctum some time after, I caught the words - [159, 862].

Муҳаққики тоҷик К. Усмонов дар забони англисӣ амал кардани Participle I, Participle II ва дар забони тоҷикӣ мавҷуд будани се шакли категориалии як сифати феълиро эътироф карда, ин ҳодисаҳои морфологии ду забонро бо ҳам муқоиса менамояд [106, 198]. Ба ақидаи ӯ воҳидҳои навъи «рафта (гӣ)», «рафта истода (гӣ)» ва «мерафта (гӣ)» се шаклҳои категориалии як сифати феълӣ мебошанд, ки аз ин як умумият дар сохтори онҳо шаҳодат медиҳад, яъне ҳар сеи ин воҳидҳо дорои як шакли умумӣ мебошанд: рафта (гӣ) [106, 202].

Сифати феъли забони тоҷикӣ, инчунин, дорои категорияи ҳудуд аст, ки он дар натиҷаи муқобилгузории шаклҳои «хонда – хонда истода - мехонда» ба миён меояд. Аъзои якуми ин таззод (хонда) ба амали анҷомнок далолат мекунад. Аъзои дуюми таззод (хонда истода) амали давомнокро ифода менамояд. Аъзои сеюми таззод (мехонда) бошад, амали ҳудудаш номуайянро зикр менамояд [106, 204].

Таҳлилҳои морфологию синтаксисии сифати феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки дар он хусусиятҳои феълӣ назар ба адъективӣ бештар ба назар мерасанд. Ин хусусиятҳо дар сатҳи морфологӣ ва синтаксисӣ дида мешаванд, аммо хосиятҳои сифатии он танҳо дар мавқеи синтаксисӣ маълум мешавад. Сифати феълӣ чун феъл шаклҳои категориалии самт ва нисбияти замонӣ (коррелятсия ва тартиб) дорад.

Акнун ба таҳлили сифати феъли забони тоҷикии навъи *рафта истода* ва муодили англисии он сифати феъли I (Participle I) мегузарем. Сифати феъли мазкури забони тоҷикӣ шаклан навъи аналитикӣ ба ҳисоб меравад, ки аз асоси шакли замони гузаштаи феъли комил бо шакли *-а* ва қисми ёридиҳанда *истода* иборат аст.

Дар таҳқиқотҳо оид ба масъалаи мазкур дар забони тоҷикӣ қариб ҳамаи забоншиносон, хусусан, Д. Тоҷиев [102], В. Расторгуева [86], Н. Маъсумӣ [69] ва дигарон ин шаклҳои ғайритасрифии феълро сифати феъли замони ҳозираи муайян меноманд. Шояд номҳои мазкур аз номҳои шаклҳои тасрифии феъл гирифта шуда бошад, ки шаклҳои замонию намудии феъл, навъи *хонда истодаам, дида истода буд* ва ғ., ки *замони ҳозираи давомдор (муайян)* ва *замони гузаштаи дури давомдор (муайян)* меноманд [102, 30].

Истилоҳи «сифати феъли замони ҳозираи муайян» асли ин шакли феълро муайян намекунад. Барои собит намудан ба мисолҳои зер менигарем:

1. *Акнун ту ҳар рӯз ба дари кӯча <u>баромада истода</u>, якта-нимта ояд, ба ман <u>хабар медиҳӣ</u>* [149, 27].
2. *Як бегоҳӣ, дар сари оташдон дегу табақ <u>шуста истода</u>, гуфтугӯи янгаю амакашро шунида монд* [154, 38].

*3. Сайёра ба ӯ ёрӣ дода истода, гоҳ-гоҳ ба ӯ нигоҳе хоҳад партофт.*

Дар мисоли якум ду амал ифода шудааст: *хабар медиҳӣ, баромада истода.* Амали якум бо феъли ҳозира-оянда *хабар додан* бо маънои амали такрорӣ ифода шудааст, ки аз контекст маълум мегардад. Амали дуюм *баромада истода* бо амали асосӣ *хабар медиҳӣ* ҳамзамон мебошад. Аз ин лиҳоз, сифати феъли *баромада истода* ба амали замони ҳозира далолат мекунад, аммо ин амал аз *хабар медиҳӣ* пештар ба иҷро нарасида, балки бо *хабар медиҳӣ* ҳамзамон мебошад. Аз ин мебарояд, ки сифати феълӣ бо морфемаи «*-а…истода*» амали замони ҳозираро ифода мекунад ва аз ҷиҳати ҳудуд ба амали давомдори номуайян далолат мекунад. Дар ин ҳолат, истилоҳи мавҷуда (сифати феъли «замони ҳозираи номуайян») аз рӯйи замон ва ҳудуд ба маънои худ мувофиқат мекунанд.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки истилоҳи «сифати феъли замони ҳозираи муайян» барои ин намуди сифати феълӣ мувофиқ нест. Аз сабаби он ки сифати феълӣ амали бо феъли асосӣ ҳамзамонро ифода мекунад, муҳаққиқон К. Усмонов ва Р. Ибрагимова пешниҳод намудаанд, ки он «сифати феъли ҳамзамон» номида шавад [107, 34]. Ин истилоҳро профессор Б.А. Илйиш дар китоби худ соли 1948-ум нисбати муодили англисии сифати феъли номбурда истифода бурдааст: «Сифати феъли замони ҳозира бо *-ing* беасос чунин номгузорӣ шудааст. Хосиятҳои феълро дошта, ҳатто чун ҷузъи намуди давомдор истифода шудан беҳтар аст, ки ин сифати феъліро метавон сифати феъли ҳамзамон номид» [136, 218].

Ҳамин тавр, ба сифати феъли I бо морфемаи *-ing* маънои давомнокӣ ва дар натиҷа, маънои ҳамзамонӣ ҳамроҳ мешавад. Ба ин ақида метавон далел овард, ки ҳангоми бевосита истифода шудан ва дар таркиби шакли замонию ҳудудӣ сифати феълӣ I маънои давомнокиро маҳфуз мемонад. Аммо бояд қайд кард, ки аз ҷиҳати шакл ва маъно байни сифати феъли якуми забони англисӣ ва сифати феъли ҳамзамони забони тоҷикӣ каме ихтилофе дида мешавад. Гап дар сари он аст, ки сифати феъли забони тоҷикӣ ҳамеша амали давомнокро ифода мекунад, ҳол он ки аз рӯйи мушоҳидаҳои Л.С. Бархударов

ва Д.А. Штелинг сифати феълии I аз рӯйи маъно гуногун аст, зеро фарқи маънои он аз истифода шудани он вобаста аст [13, 228].

Сифати феълии якум шакли перфектӣ низ дорад, ки он аз феъли ёвари “have” + ing + шакли сифати феълии II феъли асосӣ сохта мешавад: taking (шакли ғайриперфект) – having taken (шакли перфектӣ). Шакли перфектии Participle I асосан ба вазифаи ҳол меояд, ҳол он ки шакли ғайриперфектии он ҳам муайянкунанда ва ҳам ҳол шуда метавонад:

…yet six months after he wrote to me, without, however, mentioning Mr. Rochester’s name or alluding to my marriage [159, 863].

Дар ин ҷумла «mentioning» ва «alluding» шакли ғайриперфектии Participle I буда, ба вазифаи ҳол омадаанд. Ин ҷумларо ба забони тоҷикӣ бояд чунин тарҷума кард: …бидуни *зикри* номи ҷаноби Рочестер ё *ишора* ба издивоҷи ман, ҳанӯз шаш моҳ пас аз ӯ ба ман навишт. Мебинем, ки ҳангоми чун ҳол истифода шудани Participle I он ба сифати феълии қаблияти забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад Вале дар вазифаи муайянкунанда тавассути герундий ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст.

Participle I –и забони англисӣ категорияи самт дорад: writing (самти фоилӣ) – being written (самти мафъулӣ).

Чунон ки дар боло зикр шуд, сифати феълии забони тоҷикӣ низ самтҳои фоилӣ (навишта, навишта истода, менавишта) ва мафъулӣ (навишташуда, навишта шуда истода, навишта мешуда) дорад. Мисол:

Having thus acknowledged what I owe those who have aided and approved me, I turn to another class *[159, 3]*.

Дар ин мисол шакли фоили Participle I ва шакли фоили сифати феълии қаблият истифода шудааст. Амали «having thus acknowledged» дар ҷумла бо вожаи «I - ман» дар муносибати синтаксисӣ қарор дорад ва ин амалро ҳамин предмет (I - ман) ба иҷро расонидааст.

Ҳамин тавр, сифати феълии якуми забони англисӣ хосиятҳои сифат ва феълро дар худ таҷассум намуда, ҳамчун сифат дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда меояд ва чун феъл дорои категорияҳои тартиб мебошад. Дар

шакли перфектӣ Participle I ба забони тоҷикӣ ҳамеша ба воситаи сифати феълии қаблият тарҷума карда мешавад. Participle I –и забони англисӣ ва сифати феълии забони тоҷикӣ дорои категорияи самт мебошанд.

Истилоҳи герундий ба забони англисӣ хос буда, он низ чун сифати феълии якум аз асоси масдар тавассути морфемаи -ing сохта мешавад: *reading, writing, living ва г.*

Герундий дар худ хосиятҳои исм ва феълро таҷассум менамояд. Хосиятҳои барҷастаи исмии герундий дар вазифаҳои синтаксисии он дар ҷумла зуҳур меёбад [137, 268]:

1) Ин шакли ғайритасрифии феъл дар ҷумла метавонад ба вазифаҳои синтаксисии мубтадо, пуркунанда ва қисми номии хабар ояд:

1. I soon possessed myself of a volume, taking care that it should be one stored with pictures. [159, 8] (мубтадо).

2. To the left were the clear panes of glass, protecting, but not separating me from the drear November day. [159, 8] (пуркунанда).

3. Having drawn the red moreen curtain nearly close, I was shrined in double retirement. [159, 8] (қисми номии хабар).

2) Ғайр аз ин, герундий мисли исм метавонад пеш аз худ пешоянд қабул кунад:

1. The servants did not like to offend their young master by taking my part against him, and Mrs. Reed was blind and deaf on the subject [159, 13].

2. he spent some three minutes in thrusting out his tongue at me as far as he could without damaging the roots: [159, 13].

3. During January, February, and part of March, the deep snows, and, after their melting, the almost impassable roads, prevented our stirring beyond the garden walls, except to go to church [159, 109].

Дар мисоли якум герундийи «taking» ҳамроҳи пешоянди «by» омадааст.

Дар мисоли дуюм герундийи «damaging» бо пешоянди «without» омадааст.

Дар мисоли охирин герундийи «melting» ҳамроҳи пешоянди «after» омада, мисли исм вазифаи синтаксисии ҳолро иҷро мекунад.

3) Герундий, инчунин, мисли исм муайянкунанда қабул карда метавонад. Он муайянкунанда бештар ба воситаи ҷонишини соҳибӣ ифода меёбад:

1. My heart, dried up and scorched for a long time, swelled to the tone, and filled with living blood - my being longed for renewal - my soul thirsted for a pure draught. [159, 589].

2. They clung to the purple moors behind and around their dwelling - to the hollow vale into which the pebbly bridle-path leading from their [159, 668].

Ин ду хосияти исмии герундий масдари забони тоҷикиро ба ёд меоранд, ки он низ се вазифаи синтаксисии зикршудаи герундийро иҷро мекунанд, ки бо пешоянд ва муайянкунанда омада метавонанд [106, 178]. Барои равшанӣ андохтан ба монандии герундий ва масдари забони тоҷикӣ ба мисолҳо руй меоварем:

1) Annette’s being French might upset him a little. - Фаронсавӣ будани Аннетте шояд ӯро андаке ранҷонида бошад.

Дар ин ҷумла «being» герундий буда, ҳамроҳи муайянкунандаи худ (Annette) ба вазифаи мубтадо омадааст. Дар забони тоҷикӣ ин ибора тавассути исму масдар ифода шудааст, ки дар он масдар вазифаи синтаксисии мубтадоро адо мекунад.

2) I remember descending that hill at twilight [159, 159]. - Ман шомгоҳ ба он қулла баромаданамро дар хотир дорам.

Дар ин мисол «descending» герундий буда, ба вазифаи синтаксисии пуркунанда омадааст. Ба забони тоҷикӣ «descending» чун масдар тарҷума шудааст ва он низ вазифаи синтаксисии пуркунандаро иҷро мекунад.

3) “Excuse me for interrupting you” [161, 102]. - «Барои шуморо ташвиш доданам маро бубахшед» [153, 89].

Дар ин мисол герундий «interrupting» бо пешоянди «for» омада, вазифаи синтаксисии пуркунандаи бавоситаро иҷро мекунад. Бо забони

тоҷикӣ ин таркиби пешояндӣ бо герундий тавассути таркиби пешояндӣ бо масдар тарҷума шудааст ва ин таркиб низ вазифаи синтаксисии пуркунандаи бавоситаро ба ӯҳда дорад. Аз ин мисолҳо бармеояд, ки герундийи забони англисӣ дар бисёр ҳолатҳо тавассути шакли масдари забони тоҷикӣ ифода карда мешавад.

Герундий дар забони англисӣ чанд хосиятҳои феълро дорост [135, 86]:

I. Он пуркунанда ё ҳолро ба худ вобаста карда метавонад:

1. I don’t spend all my time in correcting proofs [161, 91]. - Ман тамоми вақтамро барои ислоҳ кардани санадҳо намегузаронам [153, 82].

Дар ин мисол герундийи «correcting» пуркунандаи «proofs» - ро қабул кардааст ва ба забони тоҷикӣ тавассути масдари «ислоҳ кардан» тарҷума шудааст.

2. I was tired of sitting still in the library [159, 46]. - Ман аз хомӯш нишастан дар китобхона монда шудам.

Дар ин ҷумла герундийи «sitting» ҳоли тарзи амал (still) ва ҳоли макон (in the library)–ро ба худ вобаста намудааст ва ба забони тоҷикӣ тавассути масдари «нишастан» ифода карда шудааст.

II. Герундий чун феъл категорияи самт дорад: самти фоилӣ: writing, самти мафъулӣ: being written. Мебинем, ки самти мафъул аз феъли ёвари «to be» + морфемаи «-ing» + «participle II» феъли мустақилмаъно сохта мешавад. Самти фоилӣ бошад, нишондиҳандаҳои грамматикиро надорад. Мисол:

Instead of stopping the rain increated [161, 23]. - Ба ҷойи бозмондан борон боз авҷ гирифт.

Дар ин мисол «stopping» герундийи фоил мебошад, зеро амали «stopping» субъекти худро (the rain) дорад.

Баръакс, герундийи мафъул амалеро ифода мекунад, ки предмете ё предметҳое таҳти таъсири он монда, ба ҳолати муайяне афтодаанд [104, 251]:

But the night being wet and inclement, Mr. Rochester did not accompany them [159, 79].

Таҳтуллафз ин ҷумларо метавон чунин тарҷума кард:

Аз сабабе ки шаб нам ва хунук буд, ҷаноби Рочестер онҳоро ҳамроҳӣ накард.

Дар ҷумлаи мавриди зикр иҷрокунандаи амали «being wet and inclement» (нам ва хунук будан) зикр шудааст, вале замони гузаштани номуайян ифода ёфтааст. Боз як мисоли дигарро баррасӣ менамоем:

‘It will be wise so to do,’ was her answer: ‘this neighbourhood is as quiet as any I know, and I never heard of the hall being attempted by robbers since it was a house; though there are hundreds of pounds’ worth of plate in the plate-closet, as is well known [159, 293]. - «Ин корро оқилона иҷро хоҳам кард» ҷавоб дод ӯ: «Ин маҳалла мисли ҳар касе, ки ман медонам, ором аст ва ман ҳеҷ гоҳ дар бораи кӯшиши ғоратгарон аз толор нашунидаам, зеро он хона буд; гарчанде ки дар табак-чевон табак садҳо фунт стерлинг мавҷуд аст, чунон ки маълум аст.

Дар ин мисол герундийи мафъули «being wet and inclement» (нам ва хунук будан) ба амале далолат менамояд, ки онро на «he» (ӯ), балки шахси дигаре ба иҷро мерасонаду «he» (ӯ) бо онҳо ҳамроҳӣ намекунад, яъне ӯ на субъект, балки объекти амал аст.

Аз тарҷумаи мисолҳои болоӣ бармеояд, ки шакли мафъули герундийи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ба таври зайл ифода карда мешавад:

1. тавассути феъли каузативӣ: being wet and inclement – нам ва хунук будан;
2. ба воситаи шакли мафъулии масдари забони тоҷикӣ: being wet and inclement – нам ва хунук будани ҳаво;
3. бо шакли тасрифии феъл, ки ба амали номуайяншахс далолат мекунад: being wet and inclement – нам ва хунук буд.

Герундий дорои категорияи тартиб аст [106, 136]: *writing – having written, sending – having sent.*

Ин категория ба тартиби иҷро шудани амал далолат мекунад:

I am incapable of taking any other. [159, 739] – Ман дигар чизеро гирифта наметавонам (шакли фоилии герундий).

‘Does not the consciousness of having done some real good in your day and generation give pleasure?’ [159, 258]. – “Оё шуури он ки дар рӯз ва насли шумо ягон кори ҳақиқӣ кардаед, ҳаловат намебахшад?”

Фарқи байни шакли ғайриперфектӣ (taking) ва перфектии (having done) герундий чунин аст: шакли аввал ба амале далолат мекунад, ки бо амали дигаре пайдарҳам ё дар як вақт иҷро шудааст. Дар мисоли мо «having done» ва «taking» амалҳои ҳамзамонро ифода мекунанд. Шакли перфектӣ бошад, амали қаблиро зикр менамояд. Дар мисоли мо амали «have done» аз амали «I am incapable of taking any other» пештар ба вуқуъ омадааст.

Аз тарҷумаи мисолҳо бармеояд, ки шаклҳои перфектӣ ва ғайриперфектии герундийи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тавассути масдар (taking – ба даст овардан) ё шакли тасрифии феъл (having done – иҷро кардам) ифода карда мешаванд.

Бояд зикр кард, ки герундий метавонад баъзан ба воситаи исми феълӣ бо морфемаи «-иш» ё тавассути исми абстракт бо морфемаи «-ӣ» тарҷума карда шавад [106, 138]:

I pleased, and a sum having been set aside for that purpose. [159, 750]. Ман хурсандам, ки барои ин як сомон ҷудо шуд.

Reading is knowing. – Хониш - ин дониш аст.

He began clipping the flowers [161, 76]. – Ӯ ба чидани гулҳо оғоз кард [153, 81].

Ҳамин тавр, герундий дорои хосиятҳои исму феъл мебошад. Нисбат ба масдар он бештар хосиятҳои исмӣ дорад. Шояд аз ҳамин сабаб аст, ки герундий ба забони тоҷикӣ дар бисёр ҳолатҳо тавассути масдари забони тоҷикӣ ифода карда мешавад, зеро масдари забони тоҷикӣ низ бисёр хосиятҳои исмиро дорост. Герундий метавонад, инчунин, тавассути шакли тасрифии феъли забони тоҷикӣ тарҷума карда шавад. Бо исми тоҷикӣ тарҷума шудани он аз эҳтимол дур нест.

Исми феълӣ шакли омонимии герундий ва сифати феълии якум ба шумор меравад, зеро он бо як қатор хусусиятҳояш аз герундий ва сифати феълии якум фарқ мекунад.

Исми феълӣ дар забони англисӣ метавонад чун исм артикл қабул кунад, ки ҷумлаи зерин ба ин мисол шуда метавонанд:

At last the woods rose; the rookery clustered dark; a loud cawing broke the morning stillness. [159, 812].

Исм дорои категорияи шумора мебошад ва он ба як ё зиёда аз як будани миқдори предмет далолат мекунад. Исми феълӣ низ дорои категорияи шумора аст, зеро исми феълӣ шакли ҷамъ дошта метавонад, яъне пасванди ҷамъбандӣ қабул мекунад: He told of his various comings and goings. Дар ҷумлаи мазкур “comings ва goings” исми феълианд, ки суффикиси ҷамъбандӣ аз ин дарак медиҳад.

Исми феълӣ метавонад бо исм ё ҷонишин тавассути пешоянд алоқаманд гардад:

I met Bessie on the landing. [159, 437].

Дар ин ҷумлаҳо калимаи met бо исми феълии landing ба воситаи пешоянди on алоқаманд гардидаанд. Аз ин рӯ, дар мисолҳои болоӣ исми феълӣ ба назар мерасад.

Бояд қайд кард, ки пеш аз герундий низ пешоянди of омада метавонад, вале он дар ин ҳолат чун муайянкунанда адои хизмат менамояд: There was no possibility of taking a walk that day. Дар ин мисол “taking” бо possibility тавассути “of” алоқаманд шуда, вазифаи синтаксисии муайянкунандаро адо кардааст.

Азбаски исми феълӣ бештар аломатҳои исмро дорад, он дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии мубтадо ва пуркунанда меояд.

Ҳангоми муқоисаи -ing - шаклҳо қайд кардан зарур аст, ки муқоисаи сифати феълии замони ҳозира ва герундий бо зарурияти ҷудо кардани охирон бо исми феълии муосири бо - ing ба охиррасанда душвор мегардад.

Таҳлил ва омӯзиши морфемаи флективии омонимии “-ing”- и забони англисӣ нишон медиҳад, ки воҳиди забонии додашуда вазифаи грамматикиро дорад. Вазифаи он дар нишон додани исм мебошад.

Ҳамин тариқ, бисёрчабҳагии пасванди “-ing” имконияти дохил намудани онро ба қатори морфемаҳои флективии омонимии забони англисӣ медиҳад. Аз худ аффикси флективиро монда, форманти “-ing”, дар системаи морфологии забони англисӣ морфемаи хеле муҳиме мегардад, чунки ба асоси масдари забони англисӣ ҳамроҳ гардида, герундий ва сифати феълии замони ҳозираро ба вуҷуд меорад. Инчунин, он ҳангоми ташкили ҳамаи шаклҳои замонҳои Continuous (давомдор) ва Perfect Continuous (тамомшудаи давомдор) дар баробари бо феъли ёридиҳандаи *to be* нақши муҳимро мебозад ва хусусиятҳои ҷудогонаро доро мебошад [М-1].

Морфемаи мавриди таҳқиқ ба сифати формант баромад намуда, дар истифода такроршаванда ва маҳсулнок маҳсуб меёбад. Омоморфемаи “-ing” ҳангоми ташкилёбии шаклҳои бешахси феъл, ҳамчун герундий ва сифати феълии замони ҳозира истеъмол мегардад ва вазифаи грамматикии он муайян намудани исм мебошад. Инчунин, морфемаи флективии “-ing” ба пайдошавии ҳамаи замонҳои шакли Continuous (давомдор) ва Perfect Continuous (тамомшудаи давомдор) мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, дохил намудани пасванди “-ing” ба қатори омоморфемаҳои забони англисӣ аз рӯйи мақсад мебошад.

### 3.3. Омоморфемаи флективии “-ed” ва муодилҳои тоҷикии он

Калима воҳиди забон ба ҳисоб меравад. Калима метавонад аз компонентҳои хурдтарини маънодор – морфемаҳо иборат бошад. Морфема - ин як қисмати хурдтарини калима буда, дорои маъное мебошад [7, 7].

Дар забони муосири англисӣ морфемаҳои омонимӣ ба таври васеъ истифода шуда, барои ташаккули шаклҳои грамматикии калимаҳо мусоидат менамоянд. Шакли грамматикӣ гуфта, воситаҳои забониеро меноманд, ки барои ифодаи маънои грамматикӣ хизмат мекунанд.

Аз рӯйи ақидаи забоншиносон К. Усмонов ва Р.А. Ибрагимова мафҳуми омонимия на танҳо дар сатҳи лексикология, балки дар сатҳи грамматика низ амалӣ мегардад. Дар низоми морфологии забони англисӣ якчанд морфемаҳои флективии омонимӣ мавҷуданд, ки вазифаҳои гуногуни грамматикиро иҷро менамоянд [107, 167].

Морфемаҳои омонимии флективӣ гуфта, морфемаҳоеро меноманд, ки аз лиҳози компонентҳои овозӣ бо ҳам мувофиқат намуда, маънои гуногунро ифода менамоянд.

Дар забони англисӣ яке аз морфемаҳои флективии омонимӣ – пасванди “ - ed” ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи ақидаи П.М. Карашук морфемаи флективии омонимии “ed”, ки барои сохтани шакли замони гузашта ва сифати феълии дуюми феълҳои нокомил ибтидо ёфтааст. Дар ҷараёни инкишофи забони англисӣ чунин сифатҳои феълӣ хусусияти сифатро гирифтаанд [52, 73].

Омоморфи “-ed” ҳамчун аффикси калимаивазкунанда барои сохтани шаклҳои замони гузашта, сиғаи ғайривоқеӣ ва сифати феълии дуюми феълҳои дуруст хизмат мекунад [М-1].

Масалан, дар ҷумлаи I “offered them my help” калимаи “offer” бо омоморфемаи “- ed” пайваст шуда, шакли замони гузаштаи номуайян – Past Simple–ро ифода мекунад. Дар ҷумлаи “There hasn't been any help offered to them” бошад, омоморфемаи “-ed” айнан бо калимаи дар боло зикршуда якҷоя омада, сифати феълии дуюми феъли дурусти “offer”- ро сохтааст. Дар ҷумлаи ифодакунандаи сиғаи ғайривоқеии “I wish offered them my help” бошад, омоморфемаи мавриди омӯзиш қарор гирифта ба асоси феъли “offer” пайваст шуда, ғайривоқеӣ будани амалро нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар забони муосири англисӣ пасванди “ed”-и феълсоз ва пасванди “ed”-и сифатсоз хеле сермаҳсул мебошанд. Дар калимаҳои “faced” ва “pale faced” ду шаклҳои грамматикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар калимаи аввал шакли замони гузаштаи феъли дуруст ва шакли дуюм аломатро ифода мекунад. Аз ин бармеояд, ки омоморфемаи

“ed” на танҳо шаклҳои замони гузашта, сифати феълии дуюм ва сиғаи ғайриреалӣ, балки барои сохтани сифат низ истифода мешавад [М-1].

Аз сабаби он ки маънои сифат бо маънои сифати феълӣ дар аксар ҳолатҳо наздик мебошад, тасмим гирифта шудааст бо як ду мисоли дигар ин ақида такмил ёбад:

* expected gains

* respected person

Мавҷудияти омоморфема дар баъзе ҳодисаҳои грамматикӣ метавонад мушкилотҳоро ба миён орад. Масалан, ҳангоми дарёфти чунин омонимияҳо байни шаклҳои феъли “to have” ва мубтадои бевосита, ки бо исм ва ё ибораҳои исмиву сифатӣ ифода ёфтаанд, муаммои грамматикӣ пайдо шуда метавонад. Яъне саволе ба миён меояд, ки оё чунин шакли грамматикӣ ба хабари дар шакли перфектӣ тааллуқ дорад ё муайянкунандаи исми минбаъда мебошад? Мисол “... had grilled salmon” ҳамчун “моҳиро таф дод” (Past Perfect) ё моҳии тафдодашударо дошт (Past Simple) шарҳ дода мешавад. Лекин ҳалли чунин муаммои грамматикӣ аз контексти умумӣ ва истифодаи хабари сода, ки бо пайвандаки пайвасткунанда омада, ба истифодаи Present Simple ва сифати феълии ба исм ишоракунанда нигаронида шудааст, бармеояд: Then we all went to a restraunt and had grilled salmon.

Дар натиҷаи омонимияи пасвандҳои калимаивазкунанда шаклҳои алоҳидаи калимаҳо, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, метавонанд шакли зоҳирии якхела дошта бошанд. Дар навбати худ, тавре ки қайд карда шуд, шакли замони гузаштаи феъли дуруст (the method he suggested) зоҳиран аз сифати феълии замони гузашта (the method he suggested) тамоман фарқ намекунад. Барои муайян намудани калимашаклҳое, ки бо морфемаҳои флективии омонимӣ сохта шудаанд, бояд муқаррар намуд, ки ба кадом системаи шаклҳо, яъне парадигмаҳо ҳар яки ин шакли грамматикии калимаҳо дохил мешаванд. Яъне барои муайян намудани ба кадом ҳиссаи нутқ дахл доштани шакли грамматикии калимаи “suggested”, ки дар боло оварда шуд,

бояд дигар шаклҳои маҳфузи калимаи мазкур дарёфт карда шаванд: suggesting, suggests ва ғайраҳо [М-1].

Сифати феълии дуюми забони англисӣ нишондиҳандаи ягона надорад. Феълҳои дуруст морфемаи «-ed» қабул мекунанд: showed - нишон дода (шуда), lived - зиста, washed - шуста (шуда) ва ғайраҳо. Феълҳои нодуруст шакли Participle II-ро бо роҳҳои гуногун бунёд мекунанд: take - taken - гирифта (шуда), send - sent - фиристода (шуда), put - put – гузошта (шуда) ва ғайра.

Ин шакли феълӣ дорои хосиятҳои сифат ва феъл мебошад. Он метавонад мисли сифат ба вазифаи синтаксисии муайянкунанда истифода шавад. Мисол:

The fallen leaves, with which the ground was strewn, gave forth a pleasant fragrance. - Баргҳои рехта, ки бо онҳо замин пӯшида шуда буд, бӯю таровати хуш доштанд.

The garden crowded with flowers of every rich and beautiful tint, sparkled in the heavy dew. - Боғи бо гулҳои гуногунрангу зебо фарогиршуда аз шабнами зиёд медурахшид.

Дар мисоли аввал феъли “to fall” дар шакли Participle II (fallen) истифода шудааст, ки он пеш аз исми “leaves” (баргҳо) омада, онро муайян кардааст. Он муайянкунандаи препозитивӣ мебошад.

Дар вазифаи чунин муайянкунанда Participle II ба забони тоҷикӣ тавассути шакли сифати феълии қаблият ифода карда мешавад, ки аз ин мисолҳои болоӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар мисоли дуюм Participle II (crowded-фарогиршуда) баъди муайншаванда (the garden) омада, тавассути пешояди “with” ибораи исмиро ба худ тобеъ кунонидааст. Чунин муайянкунанда постпозитивӣ номида мешавад. Аз ин ду мисол бармеояд, ки Participle II ҳамроҳи худ калимаҳои ба худ тобеъ дошта бошад, вай пас аз муайяншаванда меояд, баръакс, Participle II вожа (ҳо)-и ба худ тобеъ надошта бошад, пеш аз муайянкунанда ҷойгир мешавад:

I stood and warmed my ***numbed fingers*** over the blaze, then I looked round [159, 75].

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки сифати феъли II дар вазифаи муайянкунанда ба забони тоҷикӣ тавассути сифати феъли мавҷудаифода меёбад. Participle II дар вазифаи синтаксисии муайянкунандаи постпозитивӣ метавонад ба забони тоҷикӣ ба воситаи ё сифати феъли қаблият ё худ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда тарҷума карда шавад. Бояд зикр кард, ки чӣ муайянкунандаи препозитивӣ ва чӣ муайянкунандаи постпозитивии бо Participle II ифодаёфта ба забони тоҷикӣ тавассути муайянкунандаи постпозитивӣ тарҷума карда мешаванд.

Хусусияти забони англисӣ аз он иборат аст, ки дар ҷумла ҳамон як калима ё як шакли грамматикии калима метавонад ҳамчун ҳодисаҳои гуногуни грамматикӣ амал кунад. Агар ба дараҷаи калима чунин синкретизм бо ҳодисаҳои конверсия алоқаманд бошад, возеҳ аст, ки дар таърихи забон ба дараҷаи шакли грамматикии калима бо дигаргуниҳои муайяни грамматикӣ алоқаманд аст. Инак, шакли грамматикии феъли laid метавонад ба вазифаи ҳам шакли замони гузашта ва ҳам шакли сифати феъли дуюм ояд. Муқоиса кунед:

How different had this scene looked when I viewed it laid out beneath the iron sky of winter, stiffened in frost, shrouded with snow! [159, 141].

…but a day or two afterwards I learned that Miss Temple, on returning to her own room at dawn, had found me laid in the little crib [159, 154].

Шакли грамматикии морфемаи - ed низ дар як ҳолат ҳамчун шакли замони гузаштаи феъл ва дар дигар ҳолат мисли сифати феъли II хизмат мекунад.

Вале дар забони тоҷикӣ шакли грамматикии морфемаи «-а» (омада, навишта, гирифта) баъзан ба вазифаи сифат ва ё зарф омада метавонад. Барои тасдиқ дутогӣ мисол меорем:

1) a) …but hearing that she was quite destitute [159, 254].

Калимаи “hearing” сифати феъли I мебошад.

б) I smiled at the speaking likeness [159, 444].

Дар ин ҷо калимаи “speaking” ҳамчун герундий амал мекунад.

2) а) I had left them to the last, because they **required** the most careful working [159, 444].

Шакли грамматикии калимаи “**required**” бо морфемаи “-ed” ҳамчун шакли замони гузаштаи ин феъл баромад мекунад.

б) I was still listening in thought to her ***well- remembered tones***—still picturing her pale and spiritual aspect, her ***wasted face*** and sublime gaze, as she lay on her placid deathbed, and whispered her longing to be restored to her divine Father’s bosom- when a feeble voice murmured from the couch behind [159, 452].

Дар ин ҷумлаҳо шаклҳои грамматикии “***well- remembered***” ва “***wasted***” бо ҳамин намуди морфемаи “-ed” (ё бо морфемаи омонимии -ed) ҳамчун сифати феъли II амал мекунанд.

1) а) Дарахтҳои мевадор гул бароварда, ҷомаи рангин ба тан карда буданд [155, 5].

Дар ин ҷо шакли грамматикии калима бо морфемаи «-а» ҳамчун зарф истифода бурда шудааст

б) Ниҳолчаҳои гул бароварда ду сол қаблан шинонда шуда буданд [154, 92].

Дар ин ҷумлаҳо бошанд, шакли грамматикии калимаи «бароварда» бо ҳамон морфема «-а» ҳамчун сифати феълӣ амал мекунад.

Таърихи пайдоиши чунин синкретизми забони англисӣ ва тоҷикиро таҳлил намуда, метавон хулоса намуд, ки шаклҳои омонимии феълҳо аломатҳои гуногунро дороянд, зеро ба воситаи усули таҳлили дистрибутивӣ онҳоро дар сохти ҷумла метавон муайян сохт. Ақида доранд, ки аксари калимаҳои синтагматикӣ барои меъёрҳои гуногуни омонимҳои забони англисӣ хизмат мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ назар ба забони англисӣ ин намуди меъёрҳо мавқеи хурдро ишғол мекунанд.

Вазифаҳои синтаксисии шаклҳои грамматикии калима бо омоморфемаи “-ed”, аз як тараф чун асос барои ҷудо намудани сифати феълии дуюм ва аз тарафи дигар метавонад мисли шакли замони гузаштаи феъли забони англисӣ хизмат кунад. Агар чунин шакл дар вазифаи муайянкунанда ё ҳол амал кунад, он сифати феълии II ба шумор меравад. Мисол:

***Recalled*** by the rumbling of wheels to the road before me, I saw a heavily-laden waggon labouring up the hill, and not far beyond were two cows and their drover. [159, 622].

Дар ин ҷо шакли грамматикии калимаи “***Recalled***” сифати феълии II мебошад, зеро ба вазифаи ҳол баромад мекунад.

Mr. St. John - sitting as still as one of the dusty pictures on the walls, keeping his eyes ***fixed*** on the page he ***perused***, and his lips mutely sealed - was easy enough to examine [159, 659].

Дар ҷумлаи мазкуршакли грамматикии калима бо морфемаи “-ed” мавҷуд аст: “fixed” ва “***perused***”,зеро шакли грамматикии калимаи “fixed” вазифаи муайянкунандаро иҷро мекунад ва он ҳамчун сифати феълии II муайян карда мешавад, вале шаклҳои грамматикии калимаи “***perused***” бошад, ба вазифаи хабар омадааст, ки шакли замони гузаштаи феълро ифода мекунад.

Ин онро дар назар дорад, ки шакли грамматикии калима бо морфемаи “-ed” барои иҷрои вазифаи хабар бояд, ки бо шакли замони гузашта мутобиқ бошад, вале дар дигар ҳолат омоморфемаи “-ed” сифати феълии дуюмро ифода мекунад.

Чунин ҳолат панҷ намуд дорад:

1) ҳолати пеш аз ё баъд аз муайянкунанда:

He paused; gazed at me: words almost visible trembled on his lips,but his voice was checked [159, 286];

2) ҳолати ҳол:

Unused as I was to strangers, it was rather a trial to appear thus formally summoned in Mr. Rochester's presence. [159, 226];

3) ҳолати аъзои номӣ:

My inward tranquillity was broken [159, 279];

4) ҳолати тарзи мафъули ҷузъи хабари феълӣ:

…I glanced at the long rows of beds, each of which was quickly filled with two occupants [159, 78];

5) ҳолати шакли перфекти ҷузъи хабари феълӣ:

You have heard that laugh before, I should think, or something like it?' [159, 285].

Дар забони тоҷикӣ сифати феълие, ки бо пасванди «-а» (хонда) сурат мегирад, ҳамчун сифат ё зарф ифода мешавад. Мисли забони англисӣ чунин маъноҳоро метавон дар асоси вазифаҳои синтаксисии онҳо ҷудо намуд. Мисол:

*Дарсҳои шумо дода, то имрӯз аз ёдам набаромадааст*.

*Шарафбону ба ин марди лаққӣ сабақи хубе дода буд* [156, 90].

Агар шакли грамматикии калима бо морфемаи «-а» вазифаи муайянкунанда ё хабарро, ки шаклҳои аналитикии феълро ифода мекунад, иҷро кунад, ин сифати феълии замони гузашта ба шумор меравад.

Дар мисоли якум «дода» муайянкунанда мебошад, вале дар мисоли дуюм шаклҳои грамматикии калимаи «дода» қисми хабари «дода буд» ба шумор меравад.

Шакли грамматикии калима бо морфемаи «-а» ба вазифаи синтаксисии ҳол омада метавонад.

Шакли омонимии сифати феълии II ба воситаи форманти -ed баъд аз феъли to be ё to have меояд. Агар пеш аз шаклҳои грамматикии калима бо форманти -ed феълҳои to be ё to have наомада бошад, он шакли замони гузаштаи феълро мегирад. Мисол:

Violent as he had seemed in his despair, he, in truth, loved me far too well and too tenderly to constitute himself my tyrant: [159, 844].

When I had done, that name was immediately taken up. [159, 845].

Дар ин мисолҳо калима бо форманти -ed (had seemed, was ordered) сифати феълии II мебошад.

Шаклҳои грамматикии калима бо -ed (glowed, continued) ҳамчун шакли замони гузаштаи феъл хизмат мекунад, зеро пеш аз онҳо феъли ёридиҳандаи to be ё to have мавҷуд нест.

Шаклҳои грамматикии калима бо морфемаи -ed метавонад дар аввали ҷумла пеш ё баъд аз исм истад. Дар ин ҳолат он вазифаи ҳолӣ ё атрибутивиро иҷро мекунад. Барои ҳамин, дар чунин вазъият, на шакли замони гузаштаи феъл, балки сифати феълии дуюм баромад мекунад. Мисол:

The dressed man stood thinking [159, 250].

Дар ин мисол сифати феълии “depressed” вазифаи атрибутивиро иҷро мекунад.

…but I could not find a reason to allege for leaving him. [159, 475].

Ҳамин тавр, омонимияи аффиксҳои шакливазкунанда дар забони англисии муосир, ки яке аз хусусиятҳои барҷастаи забони зикргардида буда, тарҷумаи ҷумлаҳое, ки дар онҳо морфемаҳои флективии омонимӣ истифода шудаанд, таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд [М-1].

### 3.4. Омоморфемаи флективии “- s (es)” ва муодилҳои тоҷикии он.

Тафриқа ва бадалшавии калимаҳое, ки бо ин омоморфҳо ҳамроҳӣ менамоянд, дар нутқи гуфтугӯйӣ муайян намуданашон боз ҳам мушкилтар мебошад. Сабаб дар он аст, ки меъёрҳои тарҳиашон гирифта шудааст ва истифодаи апострофҳо дар ҳолати истифодаи шаклҳои кӯтоҳшудаи феълҳои ёрирасон ва падежи соҳибӣ дар исмҳо як қатор нишондодҳои омоморфҳояшон ҳудуд надоранд.

Дар аксари ҳолатҳо шаклҳои соҳибиятии шумора аз исм дар шумораи танҳо ва шаклҳои соҳибиятии шумора аз исм дар шумораи ҷамъ якхела (омонимӣ) мемонад: the sailor's hornpipe – the sailors' hornpipes. Ҳалли ин муаммои додашударо танҳо қаринае, ки ба муайянкунии мансубияти ашё ба як шахс ё ба гурӯҳи шахсҳоро ёрӣ мерасонад, дода метавонад. Лекин

муаммои додашуда ҳангоми истифодабарии исм бо якҷоягии муайянкунандаҳо ба монанди артикли номуайянӣ, ки ба як шахс ишора менамоянд (a fellow's breeches), ҷонишинҳои ишоратие, ки аз рӯйи шумора бо исм мувофиқат менамоянд (That fellow's breeches – those fellows' breeches), шумораҳо (the two fellows' breeches) ҳал мегарданд. Kildare like the leg of a fellow's breeches? [176, 165].

Ин масъала ҳангоми истифодабарии чунин исмҳо дар падежи соҳибие, ки дар мувофиқа бо робитаи дутарафа беҳамто мебошанд, умуман, ба назар намерасад. Ҳамин тавр, масалан, модар барои ҳар инсон танҳо якто буда метавонад, ва барои ҳамин истифодаи his mothers' lap наметавонад тафсир шавад чун his mother's lap.

Истифодаи 's ҳамчун шакли кӯтоҳшудаи феълҳои to be (is) ва to have (has) боз ҳам масъалаи амбивалентии маъноро амиқтар менамояд, ки метавонад танҳо бо роҳи ташхиси сохтори синтаксисии ҷумла ҳал гардад.

Then Jak Lawton's yellow boots dodged out the ball and all the other boots and legs ran after.

-What's up?

- O, I say, here's a fellow says he kisses his mother every night before he goes to bed.

- he's sick

- and he has such a soft mouth when he's speaking to you, don't you know.

- Poor old Christly, he's lopsided now with roguery [160, 166].

Дар таркиби шакли грамматикии калимаи *“pens”* морфемаи *“-s”* ба маънои шумораи ҷамъи исми *“pen”* ишора менамояд.

Дар шакли грамматикии калимаи*“writes” ин ҳамон* морфема барои ифодаи маънои шахси сеюми шумораи танҳои феъли *“to write” дар замони ҳозира хизмат менамояд.* Дар ин морфема боз се вазифаи дигар ҳаст: “*sister’s hat, ourselves, ours”*. Барои ҳамин *“-s (-es)” аз худ о*моморфемаро мемонад. Чунин сервазифагии морфемаи додашуда, ҳангоми омӯзиши забони англисӣ аз тарафи донишҷӯёни тоҷикзабон дар марҳилаи ибтидоӣ

мушкилиҳоро ба миён меорад. Аз ин сабаб, дар диссертатсия кӯшиши муайян намудани мавҷудият ва вазифаҳои омоморфемаи додашудаи забони англисӣ ва муайян намудани усулҳо ва воситаҳои додани маъноҳои грамматикии ин воҳидҳо ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст.

Таҳлили омоморфемаи *“-s (-es)”* – ро аз форманти шумораи ҷамъи исмҳо оғоз менамоем. Дар *“-s (-es)” се* алломорф ҳаст: *pens [z], books [s], bushes [iz]*, ки аз фонемаи охирони шакли шумораи танҳои исмҳо вобаста аст. Баъд аз ҳамсадоҳои ҷарангдор ва садонокҳои фонемаҳо морфемаи додашуда морфи *[z]: walls ба амал меорад.*

Баъди ҳамсадоҳои беҷаранг он дар шакли морфи *[s]: hats, books* пайдо мегардад. Баъд аз овозҳои шавшувдор ва ҳуштакӣ он дар шакли морфи *[iz]: buses, brushes* etc ифода мегардад.

Омоморфемаи *“-s (-es)” дар вазифаи* форманти шумораи ҷамъи исмҳо ба се морфемаҳои шумораи ҷамъи исмҳои забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд: Морфемаи *“- ҳо”*, ки метавонад ба ҳама гуна исм ҳамроҳ гардад, ки дар мисолҳои поён нишон медиҳем.

Масалан: The house presented two pointed gables in its front; the windows were latticed and narrow: the front door was narrow too, one step led up to it [159, 826].…The walls were a soft fawn colour with a blush of pink in it [159, 19]. Bessie had now finished dusting and tidying the room, and having washed her hands, she opened a certain little drawer, full of splendid shreds of silk and satin [159, 34].

Ба морфемаи *“-он”*, ки бо исмҳои узви бадани ҷондорро ифодакунанда, баъзе аъзои бадани инсон истифода бурда мешавад. Дар ин морфема, чор алломорф ҳаст: *[-он], [-гон], [-вон], [-ён]*, ки аз охири овози шакли шумораи танҳои исмҳо вобаста аст.

Масалан: *Gemma raised her eyebrow**s** slightly.*

*– Ҷемма оҳиста абрӯ**он**и худро боло кашид.*

*The officer**s** sat silently watching his face.*

*– Афсар**он** хомӯш нишаста, ба чеҳраи ӯ менигаристанд.*

Дар калимаҳое, ки аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд, морфемаи англисии *“-s (-es)*” метавонад ба забони тоҷикӣ ба воситаи тағйирёбии таркиби овозии калима дода шавад*: a book - китоб, books - кутуб, a scientist – олим, scientists – уламо*. Яъне шакли ҷамъсозии исмҳои аз забони арабӣ иқтибосшуда суплетивӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар истеъмоли форманти шумораи ҷамъ байни забонҳои мутақобилмонда ду фарқияти қатъӣ мавҷуд аст: ҳангоми мавҷудияти шумораҳои миқдорӣ (ғайр аз як) пеш аз исм он дар забони англисӣ форманти шумораи ҷамъро қабул менамояд, дар он ҳолате, ки дар забони тоҷикӣ дар ҳолати додашуда исм дар шакли шумораи танҳо истеъмол мегардад. Масалан:

And the woods, which ***twelve hours*** since waved leafy and flagrant as groves between the tropics, now spread, waste, wild, and white as pine-forests in wintry Norway. [159, 564].

Ҳангоми истеъмоли исм дар вазифаи номбаршуда дар забони тоҷикӣ, он метавонад дар шакли шумораи танҳо омада, маънои шумораи ҷамъро ифода намояд, яъне ***дувоздаҳ соат***

Дар забони англисӣ дар ҳолати додашуда исм бояд дар шакли шумораи ҷамъ ояд:

From the wellknown names of these towns I learn in what county I have lighted [159, 616].

Омоморфемаи дуюми*“-s”*, ки дар он ҳамчунон, се алломорф ҳаст: *(Ahmad ’s [z] hands, Rohat’s [s] book, Bush’s [iz] duties)*, аз рӯйи вазифа вазъияти баҳсталаб дорад. Баъзе муҳаққиқон ба монанди Ҳ. Суит [147, 5-319], Б.С. Хаймович ва Б.И. Роговская [141, 59], М.Я. Блох [126, 62] ва дигарон, сиғаҳои умумӣ ва соҳибиятро дар исмҳои забони англисӣ меёбанд. Баръакс, Г.Н. Воронсова [30,183], А.М. Мухин [72, 19-30], М. Брайнт [127, 58] мавҷудияти категорияҳои сиғаро дар исмҳои забони англисӣ инкор менамоянд. Г.Н. Воронсова “-s” –ро на флексия, балки умуман форманти синтаксисӣ мешуморад, ки бо пешояндҳо монандӣ доранд, вале аз сабаби он

ки он дар постпозитсия меистад онро бояд бо истилоҳи «послелог»-«пасванд» қайд намоем. А.М. Мухин “-‘s”-ро пасванди соҳибӣ меномад, лекин М. Брайнт “-‘s”-ро ба шумораи воҳидҳои морфемаҳои калимасоз, ки барои сохтани сифат аз исмҳо мансуб медонад.

В.Д. Аракин қайд мекунад, ки “дар сохтори ном категорияи нави грамматикӣ - категорияи соҳибияти, ки ифодаи моддии худро дар шакли морфемаи *“-‘s” дорад, пайдо шудааст* [5, 108]. Мо морфемаи додашударо ба шумораи воҳидҳое, ки барои созгории алоқамандӣ байни аъзои ҷумла хизмат менамоянд, моил донем. Дар сохтори намуди “*a Doctor’s degree*”, чи хеле ки Л.С. Бархударов дуруст қайд менамояд, ҷараёни адъективизатсияи шакл бо морфемаи *“-‘s” ба вуҷуд меояд.* Ғайр аз ин, дар пайдошавии намуди *“yesterday’s paper”, “the morning’s news”, “last week’s disturbance*” ва ғайраҳо семантикаи шакли грамматикӣ бо морфемаи *“-s” хеле номуайян мемонад*» [14, 88]. Дар пайдоиши намуди *“I went to the barber’s”* морфемаи *“-‘s”* бо мақсади калимасозӣ хизмат менамояд. Аз ин мебарояд, ки, *“-‘s”-ро* ба ҳеҷ ваҷҳ морфемаи падежӣ шуморидан мумкин нест.

Ин воҳиди муштараквазифа дар сохтор ва ибораҳои ҷумла барои ифодаи муносибатҳои зерин хизмат менамояд: а) морфемаи додашуда маънои посессивнокиро ифода менамояд: *Arthur**’s** eyes travelled slowly down the page* [М-1].

– *Чашм**он**и Артур оҳиста-оҳиста ба зери қоғаз дӯхта шуд.*

Чи хеле ки дар ҳолати додашуда мебинем *“-‘s”* ба забони тоҷикӣ бо ёрии изофаи “*и”* дода мешавад, боз он ба исм ҳамроҳ мегардад, ки мансубияти ашёро мефаҳмонад, вале дар забони англисӣ бошад, баръакс: б) морфемаи *“-‘s”* барои таъмини алоқа байни ду исме, ки дар муносибати субъектӣ ҳастанд, хизмат менамояд:

*Arthur**’s** visit**s** caused him more distress than pleasure.*

*– Омадурафти Артур ба Монтанелли на он қадар шодкомӣ, балки бештар талхкомӣ мебахшид.*

*I asked him to let me go to a student’s meeting).*

*– Ман аз ӯ иҷозат пурсидам, ки маро барои рафтан ба вохӯрии донишҷӯён иҷозат диҳад.*

Аз тарҷумаи ҷумлаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки ҳам дар вазифаи ишорашуда морфемаи *«-‘s»* ба забони тоҷикӣ бо ёрии ҳамон изофат дода мешавад. Ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки морфемаи «-‘s» дар шакли грамматикии калимаи “students” сарбории дукаратаро дорад, он дар як вақт ҳам ба маънои шумораи ҷамъ ва ҳам ба маънои муносибати субъективии байни исми “students” ва “meetings”, ишора менамояд. Вале дар забони тоҷикӣ «‘s» ду вазифа дорад: «-ён» ва изофатии «-и», ва ҳол он ки изофат на ба «донишҷӯён», балки ба калимаи «вохӯрӣ» ҳамроҳ мегардад. Дар мисолҳои навбатӣ исмҳое, ки ба воситаи «-‘ s» сурат гирифтаанд, дар муносибати объектӣ мебошанд:

*Montanelli**’s** appointment was officially announced .*

*- Ба вазифаи нав таъин шудани Монтанелли расман эълон карда шуд.*

*Arthur’s release from prison was unexpected.*

*- Аз ҳабс озод карда шудан**и** Артур ғайричашмдошт буд.*

Ва дар ҳамин вазифаи додашуда морфемаи англисии *«-‘ s»* ба забони тоҷикӣ бо ёрии изофати «-и» дода мешавад. Морфемаи «-‘ s», инчунин, бо исмҳое, ки воҳиди ченаки замонро ифодакунандаи “hour”, “minute”, “moment” ва ғайра метавонад истеъмол гардад. Морфемаи *«-‘s»*, исмҳои ин намудро бо дигар исме, ки ягон ҳодисаро муайян мекунанд алоқаманд намуда, давомнокии баамалории ҳодисаи додашударо ишора менамояд. Масалан:

I heard some bustle in the neighbourhood of Mr. Rochester’s chamber, Mrs. Fairfax’s voice, and Leah’s, and the cook’s - that is, John’s wife - and even John’s own gruff tones [159, 289]. Аз тарҷумаи ин сохторҳо дида мешавад, ки дар ин ҳолат исмҳои аналитикӣ, ки меъёри вақтро ифода менамоянд, ба забони тоҷикӣ бо сифат, ки бо исми пешомадистода бо ёрии ҳамон изофати «-и» гузаронида мешавад, ифода ёфтаанд. Морфемаи *«‘-s»* метавонад, инчунин, боз ба исмҳое, ки воҳиди ченкунии масоҳатро ифода менамоянд, ҳамроҳ

шавад. Он ҳамин хел исмро бо исми дигар алоқаманд менамояд, ки мафҳуми дарозиро ифода мекунад. Масалан: *The distance was two miles' (як мил 1600 метр) walk. - Масофа роҳи думила буд.*

Дар ин ҳолат, морфемаи *«-' s»* барои ишора намудани дарозии ягон масофа хизмат менамояд. Дар чунин сохторҳо он ба забони тоҷикӣ бо ёрии изофати *«-и»* ифода мешавад, бо иловашавии исме, ки бо калима муайян мешавад, ки дар забони англисӣ масофаи байниро ифода менамояд. Исми додашуда ба забони тоҷикӣ ба воситаи сифат ифода ёфтааст.

Морфемаи *«-' s»* дар сохторҳои намуди *colonel'**s** uniform, soldier'**s** uniform, fool'**s** dress, a lady'**s** gold watch* ба назар мерасад.

Дар ин ҳолат морфемаи додашуда ба мансубияти ашё, ки аз тарафи исми дуюм ифодашаванда, ба ин ё он ҷинс ва ё касб ишора менамояд, далолат мекунад.

*Colonel's uniform* ба забони тоҷикӣ чунин тарҷума мешавад: *либоси полковник(ӣ), soldier's uniform – либоси сарбоз(ӣ), fool's dress - пӯшоки аблаҳон(а), a lady's golden watch – соати тиллои занон(а), children's book – китоби бачагон(а).*

Чи хеле ки аз тарҷумаҳо бармеояд, *«-' s»* ба забони тоҷикӣ ба воситаи бандаки изофӣ ифода мешавад, аммо исме, ки бо ин морфема истифода мешавад, ба забони тоҷикӣ ҳамчун сифат тарҷума мегардад. Л.С. Бархударов дуруст қайд кардааст: "Дар сохторҳои намуди *"Doctor's degree","tomorrow's sea - sickness", "woman's figure"* ва ғ. морфемаи *«-'s» барои* адъективатсияи исмҳо хизмат менамояд". Ин ибораҳо ба забони тоҷикӣ ба таври зерин тарҷума мешаванд: *дараҷаи докторӣ, бемории баҳрии фардоина, пайкари занона.*

Мисолҳои боло собит менамоянд, ки қисмати якуми чунин ибораҳо ба забони тоҷикӣ бо ёрии сифат ифода мегарданд: *докторӣ, занона* ва ғ.

Масалан, калимаи англисии *"barber"* ба забони тоҷикӣ *«сартарош»* тарҷума мешавад, калимаи *"butcher"* маънои *«қассоб»*-ро дорад, аммо вақте

ки ба ин калимаҳо морфемаи *«-‘s»* ҳамроҳ карда мешавад, онҳо маънои луғавии худро дигар менамоянд: *“barber’s”–сартарошхона, “butcher’s”* - *қассобхона.*

Муаммои истифодаи морфемаи муштараквазифаи *«-s»* дар ибораҳои боло баҳснок боқӣ мемонад. Баъзе забоншиносон чунин мешуморанд, ки ин ҷо калимаи «*shop»* фароварда мешавад, вале баъзеҳои дигар тахмин менамоянд, ки ин ҷо *«-‘ s»* вазифаи калимасозиро иҷро менамояд.

Нуқтаи назари аввалро беасос меномем, чунки дар даҳҳо дигар калимаҳои намуди *“bookshop”* аз чӣ сабаб бошад, ки калимаи *“shop”*-ро фаровардан мумкин нест, вале дар калимаҳои навъи *“chemist’s”* ин мумкин аст. Сабаб дар ин ҷо дар чист? Мо дар сарчашмаҳои мусоидаткунанда ҷавобро ба ин савол дарёфт нанамудем. Барои ҳамин чунин мешуморем, ки *«-‘s»* дар пайдоишоти намуди *“butcher's”* морфемаи калимасоз мебошад. Дар вазифаи додашуда *“-‘ s”* ба забони тоҷикӣ бо роҳи пайдоиши калимаи мураккаб дода мешавад: *“butcher's”* – дӯкони гӯштфурӯшӣ *(*қассобхона*), barber’s* – сартарошхона*, chemist’s* –дорухона ва ғ. *Калимаи* “*bookshop»* бошад “*маҒозаи китоб (фурӯшӣ)”* тарҷума мешавад.

Ҳамин тариқ, морфемаи *“-‘ s”* дорои вазифаҳои бисёр буда, он дар забони тоҷикӣ бо се усул ифода меёбад:

1) бо воситаи изофати *«и»*,

2) ҳангоми тарҷумаи исми англисӣ ба сифати тоҷикӣ

3) ба воситаи пайдоиши калимаи мураккаб.

Омоморфемаи сеюми *“-s (es )”* – ин воҳиди морфологие мебошад, ки барои ифодаи як қатор маъноҳои грамматикии феъл хизмат менамояд. Инҳо: а) арзиши замони ҳозираи феълҳои маънодор. Муқоиса мекунем:

*Gemma raised her eyebrow**s** slightly.*

*– Ҷемма оҳиста абрӯв**он**и худро боло кашид.*

*Gemma raise**s** her eyebrows slightly* [M-1].

*– Ҷемма оҳиста абрӯв**он**и худро боло мекашад*.

а) Дар мисоли якуми феъли *“to raise”* морфемаи *“-ed(-d)”* ҳаст, ки ба маънои замони гузашта ишора менамояд. Дар мисоли дуюм морфемаи

додашуда ба морфемаи “-s” иваз карда шудааст, ки дар натиҷаи он феъли “to raise” амалро ифода менамояд, ки дар замони ҳозира ба вуқӯъ омада истодааст. Морфемаи додашуда ба забони тоҷикӣ бо ёрии морфемаҳои *«-ад»*: *goes – меравад, reads – мехонад, takes–мегирад, washes – мешӯяд* ва ғайра дода мешавад. Дар ин вазифа морфема инчунин се алломорф дорад: *[z], [s], [iz],* ки оид ба ин мисолҳои дар боло зикршуда шаҳодат медиҳанд;

б) маънои шахси сеюми шумораи танҳои феъл:

*On Sunday mornings he sometimes comes in to “talk business”.*

*–Мартини баъзе вақт дар рӯзҳои якшанбе «барои гуфтугӯи корӣ» ба хонаи ӯ меояд.*

Чунон ки аз тарҷумаи шаклҳои грамматикии калимаи *“comes*” маълум аст ба забони тоҷикӣ морфемаи*“-‘ s” ба* морфемаи *«-ад (- яд)»*-и забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд, ки он ба мансубияти амал ба шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозира ишора менамояд;

в) морфемаи *“-‘s”(-es»)”,* инчунин, вазифаи ишорат ба шакли сиғаи шартӣ – хоҳишмандии феълро дорад. Масалан: *A nurse attends to his needs. – Парасторе ба ӯ ҳамаҷониба ғамхорӣ мекунад; Success attends you. – Пирӯзӣ ёратон бод.*

Дар мисоли якуми феъли *«attend»* форманти *“-s”* мавҷуд аст, ки он ба амали ҳақиқӣ ишора менамояд, яъне ба сиғаи шартӣ–хоҳишмандӣ. Дар ҳолати додашуда *“-s”* ба форманти тоҷикии *“-ад”* мувофиқат менамояд, ки ҳамчун нишондиҳандаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандии феъл маълум мегардад. Дар мисоли дуюм мубтадои *“success”* ба шахси сеюми шумораи танҳо ишора менамояд, вале феъли «*attend»* бо морфемаи *“-s”* истеъмол нагардидааст. Мавҷуд набудани ин морфема бо феъли шахси сеюми шумораи танҳо аз он ишора мекунад, ки феъл дар ин ҳолат дар шакли субъюнктив I меистад, ки ба забони тоҷикӣ бо шакли аорист дода мешавад *«бод»*, ки ба парадигмаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ (сиғаи шартӣ - хоҳишмандӣ) дохил мешавад.

Омоморфемаи чорум *“-s”* барои пайдоиши шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ дар шумораи ҷамъ хизмат менамояд: *our-ours, your-yours, their-theirs.*

Дар ин ҷуфтҳо шакли якум алоқаманд ва шакли дуюм мутлақ мебошанд. Шакли якум ба монанди сифат барои муайян намудани ягон исм хизмат мекунад. Он ба мансубияти ашё ба шахсони муайян хизмат менамояд [М-1]. *Our books - китобҳои мо, your books – китобҳои шумоён, their books – китобҳои онҳо*.

*Шакли дуюм* (мутлақ) ҳамчун исм амал менамояд ва аз паси он дигар исм намеояд:

Yes; the back parlour was both his study and ours: he sat near the window, and we by the table' [159, 848].

Чунон ки аз тарҷумаи мисолҳои боло аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ мебинем, шакли мутлақи ҷонишини соҳибии забони англисӣ дар шумораи ҷамъ ба забони тоҷикӣ бо ду усул дода мешавад: а) исм + изофат + ҷонишини шахсӣ:

а) *ours (house) – хонаи мо, yours (house) – хонаи шумоён, theirs (house) – хонаи онҳо;*

б) *аз они мо, аз они шумо, аз они онҳо*

Масалан: *Is that book yours?*

*– Ин китоб аз они шумо аст?*

*It is a favorite place of theirs.*

*– Ин ҷои дилписанд аз они онҳост.*

Омоморфемаи панҷуми *"-s(-es )"* барои ташкили шаклҳои шумораи ҷамъ ҷонишинҳои нафсии забони англисии: *ourselves, yourselves, themselves* хизмат менамояд.

Масалан:

*We keep ourselves informed about current trends.*

*– Мо худамон аз тамоилҳои ҷорӣ воқиф шуда меистем.*

*You can try it out for yourselves.*

*– Шумо метавонед худатон озмуда бинед.*

*Denise and Martin paid for it themselves.*

*– Денис ва Мартин барои ин худашон маблаг супориданд.*

Аз тарҷумаи ба забони тоҷикии ҷумлаҳои боло мебинем, ки шакли шумораи ҷамъи ҷонишинҳои нафсии забони англисӣ бо се воҳиди маъноӣ ифода меёбанд: а) ҷонишини нафсии *«худ»*, б) морфема мувофиқаткунандаи соҳибӣ (-ам,-ат,-аш), в) морфемаи шумораи ҷамъи *«-он»: ourselves – худамон, yourselves - худатон, themselves – худашон*.

Бояд қайд намуд, ки ҷонишинҳои нафсии дар боло зикршуда дар нутқ задаи мантиқӣ гирифта метавонанд ва ба сифати ҷонишинҳои қувватбахш ё таъкидӣ истеъмол гарданд:

*They themselves had had a several experience.*

*– Онҳо худашон чунин таҷриба дошта буданд.*

Чунон ки аз тарҷума мебинем, шакли ҷонишини таъкидӣ (emphatic pronoun) ба забони тоҷикӣ бо ёрии *«худ» + ам (-аш, -ат) +он: they themselves - онҳо худашон* сохта мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар забони англисӣ панҷ морфема бо тарзи навишт ва талаффузи якхела мавҷуд аст. Яке аз онҳо *«-s (-es)»* мебошад, ки бояд омоморфемаи сеалломорфа *[s], [z], [iz]* номем.

Морфемаи якум барои ифодаи шумораи ҷамъи исмҳо хизмат менамояд. Он ба забони тоҷикӣ бо ёрии морфемаҳои *«- ҳо», «-он»* дода мешавад, ки дар ӯ се вариант ҳаст: *(гон, вон, ён, он)* ва инчунин, воситаи морфемаи ивазшавӣ мебошад.

Морфемаи дуюм *«-‘s»* барои созмони алоқамандӣ байни калимаҳо, ибораҳо ва ҳатто ҷумлаҳо хизмат менамояд. Он инчунин, ҳамчун воситаи калимасозӣ низ истеъмол мегардад. Морфемаи додашуда ба изофати тоҷикии *«-и»* мувофиқат менамояд.

Аммо вақте ки он ба мақсади адъективизатсияи исм хизмат менамояд, *«-‘s»* бо ёрии изофати «-и» ва инчунин, морфемаҳои калимасози сифатҳо низ дода мешавад. Дар ин морфема беш аз 7 вазифа ҳаст, ки ба забони тоҷикӣ бо усулҳои дар боло зикршуда ифода меёбанд.

Морфемаи сеюм *«-s (-es)»* бо феълҳои мустақил барои ишорати мансубияти амали онҳо ба шахси сеюми шумораи танҳо истеъмол мешавад.

Ғайр аз ин, морфемаи «-s (-es )» дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки амали додашуда ба замони ҳозира мансуб буда, он амали ҳақиқиро ифода менамояд. Чунин морфема дар забони тоҷикӣ ба морфемаи «-ад» ё «- яд» мувофиқат менамояд, ки ба амали ҳақиқии замони ҳозираи аз тарафи шахси сеюми шумораи танҳо иҷрогардида ишора менамояд.

Морфемаи чорум *«-s»* барои ташкили шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии шумораи ҷамъ хизмат мекунад. Ин морфема ҷонишини адъективиро ба субстантивӣ мубаддал менамояд. Ҷонишини субстантивии додашуда ба забони тоҷикӣ бо ёрии сохторҳои «аз они моён», «аз они шумоён», «аз они онҳо» гузаронида мешавад.

Морфемаи панҷум «-s (-es)» барои ташкили шакли шумораи ҷамъи ҷонишинҳои нафсӣ–таъкидии шахси якум, дуюм ва сеюм истифода мешавад. Ин ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ бо ёрии ҷонишини нафсии худ-ам (ат, аш) - он сохта мешаванд.

## Хулосаи боби сеюм

Дар боби мазкур предмети асосии таҳқиқот, яъне омоморфемаҳои флективии забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии онҳо мавриди таҳлилу муқоисаи ҳамаҷониба қарор дода шуданд. Таҳқиқ нишон дод, ки муодилҳои тоҷикии омоморфемаи флективии “-er” морфемаҳои “-ӣ”, “-ак”, “-гар”, “-вар”, “-ор”, “-чӣ”, “-тар”, “-анда” буда, якчанд вазифаҳоро бар дӯш доранд:

1) он одатан дар ҷараёни исмсозӣ маънои иҷрокунандаи амал ва олатиро ифода намуда, муодилҳои тоҷикии он морфемаҳои “-гар”, “-*ак*” ва “-анда” мебошанд;

2) ба асоси исм ҳамроҳ шуда, мафҳуми мансубият ба минтақаи муайянро ифода мекунад, ки дар ин вазифа муодили он пасванди “-ӣ” ба ҳисоб меравад**;**

3) ба асоси сифат ҳамроҳ шуда, метавонад дараҷаи қиёсии онро созмон диҳад.

Омоморфемаи флективии “-ing” барои сохтани шаклҳои муҳимми грамматикӣ, аз ҷумла, сифати феълии замони ҳозира, герундий ва исми феълӣ истифода мегардад, ки муодили тоҷикии он морфемаи “-а”, ки морфемаи сифати феълӣ маҳсуб меёбад, мебошад. Аз ҷумла, омоморфемаи мазкур барои сохтани ҳамаи замонҳои шакли Continuous (давомдор) ва Perfect Continuous (перфекти давомдор) ба кор меравад.

Омоморфемаи “-ed” басо сермаҳсул буда, баҳри бунёди замони гузаштаи номуайян, сифати феълии дуюми феълҳои комил ва сиғаи ғайривоқеӣ мавриди истифода қарор мегирад. Муодили тоҷикии омоморфемаи “-ed” дар сохтани замони гузашта морфемаҳои –ам, -ӣ, -ем, ед, -анд ва морфемаи сифрӣ ба ҳисоб мераванд. Сифати феълии дуюми (замони гузашта) забони англисӣ низ ба воситаи морфемаи «-ed» созмон меёбанд, ки муодили тоҷикии он пасвандаи “-а” аст.

Омоморфемаи флективии “- s (es)” ва алломорфҳои он *[z], [s], [iz]* низ басо сермаҳсул буда, якчанд вазифаҳои грамматикиро адо менамояд:

1. он барои ифодаи шахси сеюми танҳои феъл дар замони ҳозира истифода шуда, муодили тоҷикии он морфемаи «-ад (-яд)»-и аст, ки он ба мансубияти амал ба шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозира ишора мекунад;

2. барои сохтани шакли ҷамъи исмҳо ба истифода рафта, дар ин вазифа муодили тоҷикии он морфемаҳои “- ҳо”, “-он” ва гунаҳои он “-гон, -вон, -ён” маҳсуб меёбанд;

3. барои ташкили шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии шумораи ҷамъ хизмат намуда, ба забони тоҷикӣ бо ёрии сохторҳои «аз они моён», «аз они шумоён», «аз они онҳо» таҳвил мегардад;

4. баҳри созмони шакли шумораи ҷамъи ҷонишинҳои нафсӣ – таъкидии шахси якум, дуюм ва сеюм истифода шуда, ба забони тоҷикӣ бо ёрии ҷонишини нафсии худамон (атон, ашон) тарҷума мешавад;

5. падежи соҳибиро ифода карда ба забони тоҷикӣ тавассути бандаки изофии «-и» ва морфемаи “-она” тарҷума карда мешавад.

Аён гардид, ки омоморфемаи флективии *“-en”* низ сермаҳсул буда, якчанд вазифаҳоро адо менамояд:

1. он ба асоси исм ҳамроҳ шуда сифатҳои нисбӣ месозад, ки муодили тоҷикии он дар ин вазифа морфемаи “-ин (-гин)” маҳсуб меёбад;

2. барои сохтани шакли ҷамъи баъзе исмҳо ба истифода меравад;

3. барои созмони сифати феълии замони гузаштаи як қатор феълҳои нодуруст кор фармуда мешавад, ки муодили тоҷикии он дар ин вазифа морфемаи –а ба шумор меояд;

4. ба асоси феълҳои маънодори якҳиҷогӣ васл шуда, сифатҳои яктаркиба сохта, ба забони тоҷикӣ ба воситаи масдар бо морфемаи –ан тарҷума карда мешавад. Инчунин, омоморфемаи “en” дар забони англисӣ сифати нисбиро месозад, ки муодилҳои тоҷикии он дар ин вазифа морфемаҳои -ин, -ӣ, -гӣ, -гин ба шумор мераванд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқоти мазкур дар асоси усули муқоисавӣ-таззодӣ гузаронида шуда, аз пайбарии мувозеҳи хусусиятҳои ду забон дар ҳамон як сатҳи забонӣ ва дар як бурриши инкишофи таърихии онҳо новобаста аз мансубияти генетикӣ ё типологии забонҳои муқоисашаванда иборат мебошад.

Морфемика чун қисми алоҳидаи забоншиносӣ ба шарофати таҳқиқотҳои И.А. Бодуэн де Куртенэ эътироф карда шудааст. Гарчанд назар ба дигар забонҳо, дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ морфемика ҳоло чун қисми алоҳидаи забоншиносӣ дида баромада нашуда бошад ҳам, баъзе таҳқиқотҳои алоҳида мавҷуданд. Морфема (чун қисми таркибии калима) дар забонҳои муосири англисиву тоҷикӣ объекти асосии морфемика қаламдод мешавад. Тақсими калима ба морфемаҳо бошад мафҳуми марказии ин сатҳи забон маҳсуб меёбад.

1. Дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда аз рӯйи маъно ҳангоми таҳлили ҷойгиршавӣ, вазифа ва тақсимоти морфемаҳо ба решагӣ ва аффиксалӣ айният мавҷуд мебошад. Реша қисми марказии маънодори калима буда, дар он маънои асосии луғавӣ ҷойгир шудааст. Дар ҳар ду забон морфемаи решагӣ аз рӯйи таркиби овозии худ бо асос мувофиқ меояд. Ба ин навъ морфема аксарияти мутлақи калимаҳои мустақилмаъно, яъне исм, сифат, шумора ва феълҳо дохил мешаванд.

2. Дар забони англисӣ морфемаҳои решагӣ аз рӯйи анъана барои ба калима маънои боз ҳам аниқтар додан хизмат мекунанд. Дар калимаҳои мустақилмаъно онҳо дорои маънои яклухти луғавӣ буда, ядрои маънодори калимаро ташкил медиҳанд.

3. Морфемаҳои аффиксалӣ ба калима маънои луғавӣ, грамматикӣ ё луғавӣ-грамматикӣ мебахшанд. Онҳо ба асос ё дигар аффикҳои ба асос васлшуда пайваст мешаванд. Масалан: sun “офтоб”- асос + y (аффикс) = sunny “офтобӣ”; home “хона”- асос+less (аффикс) = homeless “бехона, беманзил”.

4. Аз рӯйи дараҷаи мустақилияти морфемавӣ ва маъноӣ дар ҳар ду забонҳои муқоисашаванда решаҳои озод ва вобастаро ҷудо мекунанд. Дар забони англисӣ ғайр аз решаҳои дар боло зикршуда морфемаҳои ҷудогона (алоҳида) (unique morphemes), нимозод/нимвобаста (semi-bound /semi-free/ morphemes) мавҷуданд. Морфемаҳои нимозод/нимвобаста (ё аффиксоидҳо) метавонанд чун вандҳо мавриди истифода қарор гиранд ва калимаҳои мустақилро ифода намоянд.

5. Дар забони муосири англисӣ дар қатори морфемаҳои решагӣ ва аффиксалӣ морфемаҳои якҷояи ба ҳам тазод аз қабили морфемаҳои озод ва вобаста, пурра ва холӣ, аён ва ниҳон, сегментӣ ва ғайрисегментӣ, аддитивӣ ва субституцсионӣ, пайваста (пай дар пай) ва ҷудо мавҷуданд.

6. Дар қатори морфемаҳои мусбат, ки нишонаи зоҳирӣ доранд, морфемаҳои сифрӣ низ мавҷуданд. Онҳо дар муқоиса бо морфемаҳои мусбат нишонаи зоҳирӣ надоранд, вале дорои маънои муайянанд. Дар муқоиса бо морфемаи мусбат морфемаи сифрӣ бо нишонаи «∅» ишора мегардад. Калимаҳои ҳар ду забон қодиранд, ки морфемаи сифриро қабул намоянд.

7. Морфемаҳои забонҳои муқоисашаванда аз лиҳози хусусиятҳои маъноӣ ва вазифаашон шаклсоз ва калимасоз мешаванд. Морфемаҳои шаклсоз воҳидҳое мебошанд, ки дар занҷираи нутқ бо калимае ҳамроҳ омада, барои барқарор кардани муносибати грамматикии он бо дигар калимаҳо хизмат мекунанд. Ин навъ морфемаҳоро морфемаҳои флективӣ низ меноманд. Морфемаи калимасоз чунин морфемае мебошад, ки барои аз як калима сохтани калимаи дигар хизмат мекунад ва на муносибати грамматикии байни калимаҳо, балки муносибати дериватсиониро зоҳир менамояд.

8. Омонимҳои грамматикӣ чунин калимаҳое мебошанд, ки аз рӯйи ифодаи ҳуруфотӣ ва овозӣ дар ҳамаи шаклҳои худ шабеҳанд, аммо аз рӯйи вазифаи синтаксисии худ дар ҷумла ва инчунин, аз рӯйи маънои грамматикӣ фарқ мекунанд.

9. Омографҳо калимаҳое мебошанд, ки дар навишт шакли якхела доранд, аммо ба таври гуногун талаффуз карда мешаванд: record n. [ˈrekɔ:d], record v. [riˈkɔ:d]; *омад* (омади кор) ва омад (шахси сеюми замони гузаштаи феъли *омадан*). Омофонҳо бошанд, талаффузи якхела доранд, вале дар тарзи навишт фарқ мекунанд: pare [pɛə] – тоза кардани пӯст, нохун гирифтан; pair [pɛə] – ҷуфт; pear [pɛə] – нок.

10. Таҳлили маводи забонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сатҳи луғавӣ-семантикии воҳидҳои омонимии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳиссаҳои нутқ ба монанди исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф ва феъл нақши муҳимро мебозанд.

11. Морфемаи омонимӣ (омоморфема)-и флективии “-er” ва муодилҳои тоҷикии он “-ӣ, -ак, -гар, “-вар”, “-ор”,“-чӣ”, “-тар”, “-анда” дорои якчанд вазифаҳо мебошанд: а) он одатан дар ҷараёни исмсозӣ ду маъно – маънои иҷрокунандаи амал ва олатиро ифода мекунад, ки муодилҳои тоҷикии он морфемаҳои “-гар”, “-*ак*” ва “-анда” мебошанд: *work**er**- **кор**гар, sew**er** – дӯз**анда,** research**er**- тадқиқот**чӣ;*** б) ба асоси исм ҳамроҳ шуда, мафҳуми мансубият ба минтақаи муайянро ифода мекунад. Ин маъноро шартан бо мафҳуми “нисба”-и забони тоҷикӣ баробар шуморидан мумкин аст. Дар ин вазифа муодили омоморфемаи флективии “-er” пасванди “-ӣ” маҳсуб меёбад: *villag**er**- деҳот**ӣ;*** в) ба асоси сифат ҳамроҳ шуда, метавонад дараҷаи қиёсии онро созмон диҳад: *long**er** – дароз**тар***

12. Омоморфемаи флективии “-ing” барои сохтани шаклҳои муҳимми грамматикӣ, аз ҷумла, сифати феъли замони ҳозира, герундий ва исмӣ феълӣ мавриди истифода карор мегирад. Дар забони англисӣ сифати феъли I дар ду шакли категориалӣ истифода мегардад. Он тавасссути ҳамроҳ шудани морфемаи «- ing» сохта мешавад. Сифати феъли замони ҳозира ё Participle I ба категорияи тартиб дохил мешаванд. Он хосиятҳои сифат ва феълро таҷассум намуда, ба забони тоҷикӣ тавассути сифати феъли замони ҳозира, сифати феъли ҳамзамонӣ ва сифати феъли қаблияти забони тоҷикӣ ифода мегардад. Муодили тоҷикии омоморфемаи «-ing» морфемаи “-а”, ки

морфемаи сифати феълӣ маҳсуб меёбад, мебошад. Инчунин, омоморфемаи флективии “-ing” ба бунёди ҳамаи замонҳои шакли Continuous (давомдор) ва Perfect Continuous (перфекти давомдор) мусоидат менамояд.

13. Яке аз шаклҳои ғайритасрифии феъл, ки танҳо хоси забони англисист герундий маҳсуб ёфта, аз асоси масдар тавассути морфемаи «-ing» сохта мешавад: writing, sleeping, playing. Он хосиятҳои исм ва феълро дар худ инъикос менамояд. Хусусиятҳои барҷастаи исмии герундий дар вазифаҳои синтаксисии он дар ҷумла зоҳир мегардад. Герундий ба забони тоҷикӣ дар бисёр ҳолатҳо тавассути масдари забони тоҷикӣ ифода карда мешавад, зеро масдари забони модариамон низ бисёр хосиятҳои исмро дорост. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки муодили тоҷикии омоморфемаи флективии “-ing” дар ин ҳолат морфемаи –**ан** ба ҳисоб меравад.

14. Омоморфемаи “-ed” басо сермаҳсул буда, барои созмони замони гузаштаи номуайян (play**ed**), сифати феълии дуюми феълҳои комил (having play**ed**) ва сиғаи ғайривоқеӣ (liv**ed**) адои хизмат менамояд. Муодили тоҷикии омоморфемаи “-ed” дар сохтани замони гузашта морфемаҳои –ам *(рафт**ам**)*, -ӣ *(рафт**ӣ**)*, -ем *(рафт**ем**)*, ед *(рафт**ед**)*, -анд *(рафт**анд**)* ва морфемаи сифрӣ (рафт) мебошанд. Сифати феълии дуюми (замони гузашта) забони англисӣ низ тавассути морфемаи «-ed» сохта мешавад: *check**ed**- тафтиш шуд**а**, live**d** - зист**а**, return**ed** - баргашт**а*** ва ғ. Дар ин вазифа муодили тоҷикии омоморфемаи “-ed” пасвандаи “-а” ба шумор меравад.

15. Омоморфемаи флективии “- s (es)” ва алломорфҳои он *[z], [s], [iz]* дорои якчанд вазифаҳои грамматикӣ мебошанд. Он барои ифодаи шахси сеюми танҳои феъл дар замони ҳозира истифода мешавад ва бо морфемаи «-ад (- яд)»-и забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд, ки он ба мансубияти амал ба шахси сеюми шумораи танҳои замони ҳозира ишора менамояд: *goes – меравад, comes – меояд*. Вазифаи дигари омоморфемаи флективии “- s (es)” созмони шакли ҷамъи исмҳо мебошад. Он ба забони тоҷикӣ бо ёрии морфемаҳои “- ҳо”, “-он” ва гунаҳои он “-гон, -вон, -ён” ифода карда мешавад.

16. Форманти «-s» барои ташкили шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии шумораи ҷамъ хизмат мекунад. Ин морфема ҷонишини адъективиро ба субстантивӣ мубаддал менамояд: our-ours, your- yours, their-theirs. Ҷонишини субстантивии додашуда ба забони тоҷикӣ бо ёрии сохторҳои «аз они моён», «аз они шумоён», «аз они онҳо» тарҷума мегардад.

17. Омоморфемаи «-s (-es)» барои ташкили шакли шумораи ҷамъи ҷонишинҳои нафсӣ - таъкидии шахси якум, дуюм ва сеюм: ourselves, yourselves, ва themselves истифода мешавад. Ин ҷонишинҳо ба забони тоҷикӣ бо ёрии ҷонишини нафсии худамон (атон, ашон) сохта мешаванд.

18. Морфемаи флективии “-’s” чун формант ё чун ҷузъи синтаксисӣ барои муайян кардани алоқаи байни калимаҳо дар таркиби ҷумла хизмат намуда, мутааллиқ будани як предметро нисбати предмети дигар ифода карда, ба забони тоҷикӣ тавассути бандаки изофии «-и» ва морфемаи “-она” тарҷума карда мешавад: men’s shirt - куртаи мардона. Морфемаи мазкур метавонад барои ифодаи муносибатҳои зарфӣ ва миқдорӣ низ хизмат кунад: tomorrow’s meeting – вохӯрии фардоина, Two hour’s walk - роҳи дусоата. Ин морфема ба забони тоҷикӣ ба воситаи бандаки изофии «-и» ва морфемаҳои “-а”, “-ина” ифода меёбад.

19. Омоморфемаи флективии *“-en”* низ басо сермаҳсул буда, дорои якчанд вазифаҳо мебошад. Он ба асоси исм васл гардида, сифатҳои нисбӣ месозад: gold-en “заррин”; тиллогин; wood-en “чӯбин”. Дар ин вазифа муодили тоҷикии омоморфемаи *“-en”* морфемаҳои “-ин (-гин)” мебошанд. Омоморфемаи мазкур барои сохтани шакли ҷамъи баъзе исмҳо мавриди истифода қарор мегирад: ox-en “говҳои шохдор”; child-ren “кӯдакон”. Омоморфемаи *“-en”,* инчунин, барои созмони сифати феъли замони гузаштаи як қатор феълҳои нодуруст ба кор меравад, ки дар ин ҷода муодили тоҷикии он морфемаи –а шуморида мешавад: *writt**en** - навишт**а**; spok**en** – гуфт**а*** ва ғ.

20. Хусусияти барҷастаи омоморфемаи “-en” дар он зоҳир мешавад, ки он аз дигар ҳиссаи мустақили нутқ сифат месозад. Ба асоси феълҳои

маънодори якҳиҷогӣ пайваст шуда, сифатҳои яктаркибаро бунёд мекунад: black-en “сиёҳ кардан; ифлос кардан; rip-en “пухтан, пухта расидан”. Дар ин вазифа ба забони тоҷикӣ тавассути масдар бо морфемаи –ан таҳвил дода мешавад. Ҳамзамон, омоморфемаи “en” дар забони англисӣ сифати нисбиро месозад: wood – wooden, gold – golden. Дар ин ҳолат, ҳангоми тарҷумаи чунин сифатҳои феълӣ ба забони тоҷикӣ муодили “en” “-ин”, “-ӣ”, “-гӣ”, “-гин” мебошанд: чубин, тиллоӣ.

## ТАВСИЯҲОИ АМАЛӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Аз таҳқиқи муқоисавии омоморфемаҳои флективии забонҳои англисиву тоҷикӣ метавон ба чунин хулосае омад, ки дар истифодаи омоморфемаҳои флективии забонҳои муқоисашаванда баробари баъзе шабеҳият фарқиятҳо низ ба мушоҳида расиданд.

2. Мақсади асосии таҳқиқоти муқоисавӣ-таззодии мазкур тасвири морфемаҳои флективӣ, ки ба ошкор кардани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунадаи сохти забонҳои муқоисашаванда ҳам дар ҷанбаҳои функсионалӣ-маъноӣ ва ҳам расмӣ-грамматикӣ равона карда шудааст, иборат аст. Таҳқиқот аз таърихи пайдоиши морфемаҳо асос гирифта, то созмони калимаҳои нав бо морфемаҳои флективӣ дар замони муосир пайгирӣ карда шудааст. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки диққати асосиро ба монандӣ ё тафовути сохти калима дар забонҳои муқоисашаванда равона созем ва мушкилоти дарккуниву омӯзиши омоморфемаҳои забони англисиро дар хонандагону донишҷӯёни тоҷикзабон бартараф намоем.

3. Бешак, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашударо метавон дар таълими забони англисӣ дар мактотиби миёна ва олии забони таҳсилашон тоҷикӣ, курсҳои махсус оид ба омӯзиши муаммоҳои калимасозӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявӣ, лексияҳо аз фанни грамматикаи муқоисавӣ, типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, таҳияи дастурҳои таълимӣ аз грамматикаҳои назариявӣ, амалӣ ва забоншиносии контрастивии забонҳои муқоисашаванда истифода бурд.

4. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомёфта имкон дорад, ки дар оянда дар риштаи таҳқиқоти қиёсии морфемаҳо дар забони англисӣ ва дигар забонҳо, аз ҷумла, русӣ, ӯзбекӣ, олмонӣ ва ҳамин гуна пажӯҳиши қиёсии забони тоҷикӣ бо забонҳои мазкур диссертатсияҳои илмии номзадӣ, докторӣ, рисолаҳои магистрӣ навишта шаванд.

# I. РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абдуллина, Г.Р. Башкирский язык. Морфонология / Г.Р. Абдуллина. – Уфа: Гилем, 2004. – 128 с.

2. Абаев, В.И. Выступление на дискуссии по вопросам омонимии / В.И.Абаев // Лингвистический сборник. – М., 1960. - Вып. 4. – С. 71–76.

3. Амлоев, А.Я. Словообразование имён существительных в художественной прозе Фазлиддина Мухаммадиева: дис. … канд. филол. наук / А.Я, Амлоев. – Душанбе, 2014. –229с.

4. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1995. – 472 с.

5. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков /В. Д. Аракин// - М.: Просвещение, 1989. – 254 с.

6. Аракин, В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков / В.Д. Аракин. –3-е изд. – М.: ФИЗМАТЛИТ, 2005. − 232 с.

7. Арбекова, Т.И. Лексикология английского языка (практический курс). Москва, 1977. -240 с.

8. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – 2-е изд., перераб. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2012. – 376 с.

9. Ахманова, О.С. Словарь лингвистических терминов / О. С. Ахманова / - М.: Сов. энциклопедия, 1966. – 608 с.

10. Ахмедова, М.Н. Лексико - семантические особенности омонимов персидского языка: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.02.22 / М.Н. Ахмедова. –Душанбе, 2010. – 24 с.

11. Аҳмадова, Ӯ. Аффиксҳои муштараквазифа ва мавқеи онҳо дар таълими забони модарӣ / Ӯ. Аҳмадова // Мактаби советӣ, 1970. – № 9. –С. 7-11.

12. Барабаш, Т.А. Грамматика английского языка / Т.А. Барабаш. - М.: Просвещение, 1983. -476 с.

13. Бархударов, Л.С., Штелинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штелинг. -М.: Высшая школа, 1965. - 428 с.

14. Бархударов, Л.С. Очерки по морфологии современного английского языка/ Л.С. Бархударов. -М.: Высшая школа, 1975. -156с.
15. Бархударов, Л. С. Грамматика английского языка/ Л. С. Бархударов,Д. А. Штелинг. - М.:«Либроком», 2012. – 426 с.
16. Беляева, М. А. Грамматика английского языка/ М. А. Беляева. -М.: Высшая школа, 1984. - 365с.
17. Блох, М. Я. Теоретические основы грамматики английского языка / М. Я. Блох. - 3-е. изд. - М.: Высшая школа, 2002. -160 с.
18. Бобомуродов, М. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст. Ҷ. 1 / Бобомуродов М. -Душанбе: “Эр-граф”, 2012. - 241 с.
19. Бодуэн де Куртене, И.А. Избранные труды по общему языкознанию / И.А. Бодуэн де Куртене. – М. : Изд-во АН СССР, 1963. – Т.1. – 384 с.
20. Бодуэн де Куртене, И.А. Избранные труды по общему языкознанию / И.А. Бодуэн де Куртене. – М. : Изд-во АН СССР, 1963. – Т.2. – 391 с.
21. Бруннер, К. История английского языка: в 2 т. –2-е изд./ К. Бруннер. -М.: Эдиториал УРСС, 2003.-720с.
22. Будагов, Р.А. Литературные языки и языковые стили/ Р. А. Будагов. - М.: Высшая школа, 1967. – 102 с.
23. Будагов, Р.А. Введение в науку о языке Текст. / Р.А. Будагов. — М.: Добросвет, 2003. – 544 с.
24. Блумфилд, Л. Язык / Л. Блумфилд. – М. : Прогресс, 1968. – 607 с.
25. Вандриес, Ж. Язык. Лингвистическое введение в историю/ Ж. Вандрес. – М., 1937
26. Виноградов, В.В. Об омонимии и смежных явлениях / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. – 1960. – № 5. – С. 3–17.
27. Виноградов, В.В. Избранные труды. Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. – М.; Наука, 1977. – Том 3. – 310 с.
28. Винокур, Г.О. Культура языка / Г.О. Винокур. -Москва, 1927, -134с.
29. Воронцова, Г.Н. Очерки по грамматике английского языка/ Г.Н. Воронцова. – М.: лит-ра на иностранных языках, 1960, - 398 с.

30. Воронцова, Г.Н. Об именном форманте –‘s в современном английском языке / Г.А. Воронцова // Иностранные языки в школе.1948.-№3,4.
31. Гарипов, Т.М. Кыпчакские языки Урало Поволжья: Опыт синхронической и диахронической характеристики / Т.М. Гарипов. - М.: Наука, 1979. -303 с.
32. Горбачёвский, А. Теория языка / А. Горбочёвский. – М., 2011, 280с.
33. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик Ҷ.1. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Дониш, 1985. -356 с.; Ҷ.2. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. -Душанбе: Дониш, 1986. -372 с.
34. Давлятова, Ч.А. Омонимия как системная категория (на материале таджикского языка): Дис. канд. фил.наук: 10.02.19 / Ч.А. Давлятова. – Душанбе, 2017. -
35. Джураев, Р. Этимологияи сад калима / Р. Джураев. -Душанбе: Маориф, 1985. – 28с.
36. Ежкова, Р.Е. К проблеме падежа существительных в современном английском языке: Дис. канд. фил.наук: 10.02.04 / Р.Е. Ежкова. -Л.,1962. -160 с.
37. Елисеева, В.В. Лексикология английского языка. Учебник./ В.В. Елисеева – СПб: СПбГУ, 2003. – 44 с.
38. Жердева, М.О. Суффикс –ing/–ung в истории английского языка/ М.О. Жердева // Лесной вестник, №4, 2003. -С. 60-62.
39. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1 Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ. -Душанбе: Маориф, 1982. -464с.; Қ.2. Синтаксис. -Душанбе: Маориф, 1982. -268 с.; 1995. -342с.
40. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. Монография / Т. Зеҳнӣ. -Душанбе: Дониш, 1987. -236с.
41. Зятковская, Р.Г. Суффиксальная система английского языка. – М.: Издательство «Высшая школа», 1971. – 188 с.

42. Ибрагимова, Р.А. Причастия в современном таджикском и английском языках: дис. на соискание ученой степени кан. фил. наук. / Ибрагимова Р. А. - Душанбе, 2009-180с.
43. Иванова, И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка: Учебник. / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г.Почепцов. -М.: Высшая школа, 1981. -285 с.
44. Иванова, И.П., Чахоян Л.П., Беляева Т.М. История английского языка/ И.П. Иванова и др. СПб.: Изд. «Лань», 2001. -512с.
45. Иқболов О. Зарбулмасал-мақолҳо-афоризмҳо (муодилҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ)./ О. Иқболов. - Душанбе, 2008. – 190 с.
46. Ильина, А. Н., Кибасова С. Г. Словообразование в современном английском языке / А.Н. Ильина, С.Г. Кибасова. -СПб. : Изд. -во СПбГУЭФ, 2012. -90 с.
47. Искандарова, Д.М. Неоднозначность и нестандартность аффиксов таджикского языка / Д.М. Искандарова // Перспективы развития фундаментальных и прикладных лингвистических исследований №3. – М. 2016. -С. 4–8.
48. Ишбаев, К.Г. Башкирский язык. Морфемика. Словообразование / К.Г. Ишбаев. -Уфа: Гилем, 2000. -247 с.
49. Ишбаев, К.Ғ. Башҡорт теленең морфемикаһы, һүҙьяһалышы һәм морфонологияһы / К.Ғ. Ишбаев, Г.Р. Абдуллина, З.К. Ишкилдина. Өфө: Ғилем, 2006. -178б.
50. Кабиров, Ш. Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ. Словарь омонимов таджикского языка / Ш. Кабиров. –Душанбе: Маориф, 1992. –240 с.
51. Казак, М.Ю. Морфемика и словообразования современного русского языка. Теория : учеб. Пособие / М.Ю. Казак. – Белгород : ИД «Белгород», 2012. – 80 с.
52. Каращук, П.М. Аффиксиальное словообразование в английском языке/ П.М. Каращук. – М.,1965. -171с.

53. Каращук, П.М. Словообразование английского языка / П.М. Каращук. - М.: Высшая школа, 1977. -302 с.
54. Кверк, Р. Грамматика современного английского языка/ Р. Кверк. - М.: Просвещение, 1982. - 456с.
55. Кошевая, И. Г. Теоретическая грамматика английского языка/ И.Г. Кошевая. - М.: Просвещение, 1982. – 389 с.
56. Козлова, М.М. Лингвистические основы изучения морфемики в учебном курсе русского языка при подготовке бакалавров педагогического образования/ М.М. Козлова. // Universum: Филология и искусствоведения: электрон. науч. журн. 2014. № 2 (4), 10с.
57. Кубрякова, Е.С. Что такое словообразование / Е.С. Кубрякова. -М. : Наука, 1965. 78 с.
58. Қосимов, О.Х. Лексика «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси: Дис. док. фил.наук: 10.02.22. / О.Х. Қосимов. – Душанбе, 2011. -339с.
59. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). / М.Н. Қосимова - Душанбе, 2003. - 490с.
60. Крылова, И. П. Грамматика современного английского языка / И.П. Крылова. - М.: Просвещение, 1986. – 278 с.
61. Левицкий, Ю.А. Теоретическая грамматика современного английского языка / Ю.А. Левицкий; М -во образования РФ, Перм. гос. ун т, Перм. гос. пед. ун т. Пермь : Изд во Перм. ун та, 2004. 156 с.
62. Лещёва, Л.М. Слова в английском языке. Курс лексикологии современного английского языка / Л.М. Лещёва; Мн.: Академия управления при Президенте Республики Беларусь, 2001. -179 с.
63. Лопатин, В.В. Русская словообразовательная морфемика. Проблемы и принципы описания/ В.В. Лопатин. – М., “Наука”, 1977. 315 с.
64. Маслов, Ю. С. Перфектные формы глагольного вида / Ю.С. Маслов. - М.: АН. СССР, 1958.- 431с.
65. Мамадназаров, А. Англо - таджикский университетский словарь/ А. Мамадназаров. - Душанбе: Нодир, 2003. -482 с.

66. Мамадназаров, А. Англо - таджикский словарь/ А. Мамадназаров. - Душанбе: Сахбо, 2007. -1080 с.
67. Мамадназаров, А. Англо – таджикский университетский словарь/ А. Мамадназаров. – Душанбе: Нодир, 2009. – 492 с.
68. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Монография / Н. Маъсумӣ. -Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1959. -294с.
69. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2. Забоншиносӣ / Н. Маъсумӣ. Душанбе: Ирфон, 1980. –352 с.
70. Мешков, О.Д. Словообразование современного английского языка / О.Д. Мешков ; АН СССР, Кафедра иностр. яз. – М : Наука, 1976. – 245 с.
71. Муминов, А. Полисемия и омонимия / А. Муминов.Вопросы языка и литературы. Частъ 2 – Душанбе: ТГУ. 1975. С. 268-275
72. Мухин, А.М. О категории падежа в современном английском языке /А.М. Мухин // Вопросы языкознания, № 2. 1957. –С.19-30.
73. Муҳаммадиев, М. Омонимҳо дар забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев // Мактаби советӣ, 1990. – С. 22–25.
74. Муҳаммадзод, Х. Калимасозӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ / Х. Муҳаммадзод. -Душанбе: “Маориф ва фарҳанг”, 2008.
75. Ниёзӣ, Ш.Н. Исм ва сифат дар забони точикӣ/ Ш.Н. Ниёзӣ // Очеркхо оид ба грамматикаи забони тоҷикӣ. –Ҷ. 7. - Сталинобод, 1964.
76. Ниёзӣ Ш.Н. Оид ба ҳиссаҳои номии нутқ дар забони точикӣ/ Ш.Н. Ниёзӣ // Изв Ан Тадж ССР. Отд-ние обществ.наук.- 1954.-№5. -С. 147-153.
77. Ниёзмуҳаммадов, Б., Ниёзов, Ш., Каримов, А. Забони тоҷикӣ (фонетика ва морфология). Қ. 1. Барои синфҳои 5 -6/ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзов, А.З. Каримов. -Душанбе: Ирфон, 1971. -253с.
78. Низомова, С.Ф. Калимасозии сарфӣ дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ/ С.Ф. Низомова. -Душанбе: матбааи ВКД, 2010. - 178с.
79. Османова, Р.А. О явлении омонимии в лезгинском литературном языке/ Р.А. Османова // Уч. зап. Азербайджан. гос. ун–та.– 1962.– №1. –С.58.

80. Ожегов, С.И. Выступление на дискуссии по вопросам омонимии / С.И. Ожегов // Лингвистический сборник. –М., 1960. –Вып. 4. –С. 69–71.
81. Ожегов, С.И. Современный толковый словарь русского языка/ С.И. Ожегов // Мир образования. –М., 1999.
82. Пейсиков, Л. С. Лексикология современного персидского языка. Учебное пособие для вузов по специальности “Вост. яз. и литература”/ Л.С. Пейсиков. –М: Изд-во Моск. ун-та, 1975. – 206 с.
83. Плоткин, В.Я. Строй английского языка/ В.Я. Плоткин. -М.: Высшая школа, 1989. -239с.
84. Попова, П.М. Историческое развитие грамматических омонимов и их синонимов в английском языке/ П.М. Попова: Автореф. дис. ... д-ра филол. наук. –М., 1963. –18 с.
85. Расторгуева, В.С. Среднеперсидский язык / Основы иранского языкознания. Т.2. Средниранские языки / В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова. -М.: Наука, 1981. -С.6-146.
86. Реформатский, А.А. Введения в языковедения / А.А. Реформатский -М.: Наука, 1996. -С.536
87. Ривлина, А.А. Теоретическая грамматика английского языка: учебно – методическое пособие для студентов вузов/ А.А. Ривлина. Благовещенск: Изд.-во БГПУ, 2009. -25 с.
88. Рустамов, Ш. Исм. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ/ Ш. Рустамов. –Душанбе, 1981. -210 с.
89. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Ш. Рустамов. -Душанбе: Дониш, 1972. -79 с.
90. Розенфельд, А.З. Глагол. Очерки по грамматике современного таджикского языка/ А.З. Розенфельд. -Сталинабад: Изд-во АН Тадж.ССР, 1954ю Вып. 3. –С.41.
91. Розенталь, Д.Э., Теленькова М.А. Словарь – справочник лингвистических терминов/ Д.Э. Розенталь. – М.: Просвещение, 1976. – 543 с.

92. Сангинова, Ш.А. Функционально - семантическая категория посессивности в таджикском и английском языках: дис. … канд. филол. наук: 10.02.20 / Ш.А. Сангинова. -Душанбе, 2016. -173с.
93. Саркисян, Л. В. Морфемное строение и звуковая форма английского и армянского слова в категориальном аспекте/ Л.В. Саркисян // Автореф. дисс. канд. фил. наук. – Москва, 2002. -24 с.
94. Сафарзода, Р.А. Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забони англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума: автореф. дис. … докт. фалс.: 6D021300 / Р.А. Сафарзода. -Душанбе, 2022. -26с.
95. Серебренников, Б.А. Общее языкознание. Методы лингвистических исследований/ Б.А. Серебренников. -М.: Наука, 1973. –319 с.
96. Соболева, П.А. Словообразовательная структура слова и типология омонимов / П.А. Соболева // Проблемы структурной лингвистики. –М., 1978. - С. 5–33.
97. Соссюр, Ф. Курс общей лингвистики/ Ф. Соссюр. -М.: Наука, 1933. -124 с.
98. Соколов, С.Н. Древнеперсидский язык/ Основы иранского языкознания. Т.1. Древнеиранские языки/ С.Н. Соколов. -М.: Наука, 1979. -С. 234-272.
99. Смирницкий, Л.С. Морфология английского языка/ Л.С. Смирницкий. -М.: Просвещение, 1959. -360с.
100. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка/ А.И. Смирницкий. –М.; 1956, 250с.
101. Талбакова, Х. Лексические и фразеологические особенности повести Рахима Джалила «Маъвои дил»: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.02.02 / Х. Талбакова. – Душанбе, 1978. –20 с.
102. Таджиев, Д. Причастие в современном таджикском литературном языке. В кн.: «Очерки по грамматике таджикского языка». Вып. -V./ Д. Таджиев, Сталинабад, 1954. -124с.

103. Тихонов, А.Н. Словообразовательный словарь русского языка в двух томах: ок 145000 слов / А.Н.Тихонов. М. Рус. яз., 1985. 1 том. 854 с., 2 том. - 885с.
104. Усмонов, К. Грамматикаи амалии забони англисӣ/ К. Усмонов. - Душанбе, 2012. -300с.
105. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ/ К. Усмонов. - Душанбе, 2009. -235с.
106. Усмонов, К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Китоби дарсӣ/ К. Усмонов. – Хуҷанд, 2017. –372 с.
107. Усмонов, К., Р. Ибрагимова. Английская омоморфема “-s” (“-es”)/ К. Усмонов. // Учёные записки ХГУ №4(53) –Худжанд, 2017. –с.
108. Усмонова, М.Э., Роҷеъ ба баъзе омоморфемаҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ/ М.Э. Усмонова// Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ № 2(87). – Хуҷанд, 2021. С. 104 – 111.
109. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. -Душанбе, 2008. -950 с.
110. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода / А.В. Фёдоров. - 4-е изд. - М.: Высшая школа, 1983. -300 с.
111. Фомина, М.И. Современный русский язык. Лексикология / М.И. Фомина. – М.: Высшая школа, 2001. – 414 с.
112. Хлебникова, И.Б. Оппозиции в морфологии/ И.Б. Хлебникова. –М., 1969. –120 с.
113. Хоҷаев, Д. Хӯҷа Ҳасани Нисорӣ ва ақидаҳои забонии ӯ / Д. Хоҷаев - Душанбе, 2004. –124 с. (на тадж. яз.)
114. Хоҷаев, Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д. Хоҷаев. -Душанбе, “Шуҷоиён”, 2011. -229с.
115. Шакурии Муҳаммадҷон Бухороӣ. Забони миллӣ ва ҷаҳонгароӣ/ Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. -Душанбе: Шуҷоиён, 2010. -220с.
116. Шанский, Н.М. Лексикология современного русского языка/ Н.М. Шанский//Усебное пособие. – 4-е изд., доп. – М.: Книжный дом “ЛИБРОКОМ”, 2009. – 312 с.

117. Шанский, Н.М. Очерки по русскому словообразованию/ Н.М. Шанский. – М.: МГУ, 1968. – 310с.
118. Шахобова, М.Б. Опыт сопостовителного исследования строя таджикского и английского языков/ М.Б. Шахобова. -Душанбе, 1985. -251с.
119. Шоев, М. Омоморфемаи -ӣ / М. Шоев // Мактаби советӣ, 1980, № 5. -С. 20-23.
120. Шендельс, Е.И. О сопставительно-типологическом анализе в морфологии/ Е.И. Шендельс // Структурно-типологическое описание современных германских языков. -М., 1966. -С. 44-61.
121. Ярцева, В. Н. Историческая морфология английского языка / В. Н. Ярцева. - М.: Наука, 1960. –194 с.
122. Лингвистический энциклопедический словарь (Гл. редактор В.Н. Ярцева) – М.: Совэнциклопедия, 1990. – 683 с.
123. Ярцева, В. Н. Большой энциклопедический словарь. Языкознание / Гл. ред. В.Н. Ярцевой. 2-е изд. -М.: Большая Российская энциклопедия, 1998. -685с.
124. Ярцева, В. Н. Лингвистический энциклопедический словарь. –М.: Большая Российская энциклопедия, 2002. -709с.
125. A Comprehensive Etymological Dictionary of the English Language // ed. by Dr. Ernest Klein. Amsterdam; London; New York: Elsevier Publishing Company, 1966. 1776 p.
126. Blokh, M.Y. A Course in Theoretical English Grammar/ M.Y. Blokh, -M.: Visshaya shkola, 1983. -394p.
127. Bryant, M. A. Functional English Grammar/ M.A. Bryant. -Boston, 1945. -314p.
128. Carstairs-McCarthy, A. An Introduction to English Morphology. Words and Their Structure / A. Carstairs-McCarthy. – Edinburgh : Edinburgh University Press, 2002. – 160 p.
129. Callaway, M. The Appositive Participle in Anglo-Saxon. Baltimore/ M. Callway. -The Modern Language Association of America, 1901. 360 p.

130. Chafe, W.L. Meaning and the Structure of language/ W.L. Chafe. Lnd. 1971. - 174p.
131. Duffley, Patrick J. The English gerund – participle: a comparison with the infinitive/J. Duffley Patrick. -New York: Lang, 2006. 188p.
132. Durovich, L. Modalnost. Slovenska acad. vied. Bratislava/ L. Durovich 1959. -189p.
133. Hocket, Ch. F. Problems of morphemic analysis/ Ch.F. Hocket Language, 1947, vol. 24, 414 - 41p.,
134. Houston A. The English gerund: syntactic change and discourse function/ A. Houston, // Language change and variation. Amsterdam: Benjamins, 1989. p. 173–196.
135. Haggard, H. King Solomon's Mines/ H. Haggard. -M.: Progress publishers, 1972. - 224p.
136. Ilyish, B.A. The Structure of Modern English/ B.A. Ilyish. - L.: Prosveshenye, 1971. -367p.
137. Ganshina, M.A., Vasilevskaya, N.M. English Grammar/ M.A. Ganshina, N.M. Vasileskaya. -M., 1964. -543 p.
138. Gordon, E. M. A Grammar of Present - Day English/ E.M. Gordon., I. P. Krylova. - Moscow., 1974. –116 p.
139. Gut, J. Towards a definition of impersonal sentences. Papers and Studies in Contrastive Linguistics. v. 2. /J. Gut. Poznan, 1974, p. 393-404.
140. Krohn, R. English Sentence Structure/ R. Krohn. Michigan Univ., 1971. –194 p.
141. Kaimovich, B.S., Rogovskaya B.I. A Course in English Grammar/ B.S. Kaimovich, B.I. Rogovskaya. -M.: Visshaya shkola, 1967. -298p.
142. Kruisinga, G. A. Handbook of Present – Day English / G. Kruisinga. - Groningen, 1932, part II, book 111. –118c.
143. Trnka, B. On the Syntax of English Verb from Caxtonto Dryden/ B. Trnka. Prague, 1930. – 196 c. 155. Zanvoort, K.W. A Handbook of English Grammar / K. W. Zanvoort. Lnd., 1957. –174c.

144. Quirk, R., Greenbaum S., Leech G., Svartvik J. The comprehensive grammar of the English language/ R. Quirk.- London; New York: Longman, 1985. -1780p.
145. Quirk, R., Wrenn C. L. An old English Grammar/ R. Quirk. -London: Methuen and Co: Ltd., 1960. -166p
146. Swan, M. Practical English Usage/ M. Swan. -Oxford: Oxford University Press, 2002. -674 p.
147. Sweet, H.A New English Grammar/ H.A. Sweet. -Oxford: Oxford University Press, 1892, 1898. -548p.
148. Skeat, W.W. An Etymological Dictionary of the English Language / W.W. Skeat. – Clarendon Press, Oxford, 1956. –208p.

**Рӯйхати адабиёти бадеӣ**

149. Айнӣ, С. Ёддоштҳо/ С. Айнӣ. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. -680с.
150. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.3/ С. Айнӣ. –Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1960. -622с.
151. Айнӣ, С. Ғуломон/ С.Айнӣ. –Душанбе, 2019. -487с.
152. Бронте, Ш. Ҷен Эйр: Роман/ Ш. Бронте. –Душанбе: ТҶБ Истиқбол, 2010. - 412 с.
153. Войнич, Э.Л. Ғурмагас. Тарҷумаи С.Улуғзода/ Э.Л. Войнич. - Душанбе: Маориф, 1982. -320 с.
154. Деҳотӣ, А. Асарҳои мунтахаб/ А. Деҳотӣ. Тоҷикистон, Сталинобод, 1957. –300 с.
155. Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро/ Ҷ. Икромӣ. - Душанбе, 1984. 242 с.
156. Раҳим, Ҷ. Маъвои дил. Повести воқеӣ/ Ҷ. Раҳим. –Душанбе: Ирфон. 1972.–452 с.
157. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо/ С. Улуғзода. -Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1956. – 268 с.
158. Aini, S. The Sands of Oxus: Reminiscences of Sadriddin Aini / S. Aini. Muzda Publisher, -Tehran. 1998. –149 с.

159.Bronte, Sh. Jane Eyre / Sh. Bronte. -M., 1952. -348 p.

160. Joyce, J. A Portrait of the Artist as a Young Man/ J. Joyce. -M: Progress Publishers, 1982.

161.Voynich, E.L. The Gadfly. Foreign Languages/ E.L. Voynich. Publishing House, 1954. -334p.

## II. НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А). Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда:

**[1-М].** Усмонова, М.Э., Абдуллоев М.М. Морфемаи омонимии флективии «-er» дар забони англисӣ ва муодилҳои тоҷикии он / М.Э. Усмонова, М.М. Абдуллоев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2019. - №2 (79). – С. 58-64. ISSN: 2413-2004

**[2-М].** Абдуллоев, М.М. Хусусиятҳо ва вазифаҳои омоморфемаҳо дар забони англисӣ / М.М. Абдуллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2021. – №5 (91). – С. 89-96. ISSN: 2219-5408

**[3-М].** Усмонова, М.Э., Абдуллоев М.М. Роҷеъ ба морфема ва намудҳои он дар системаи морфологии забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ / М.Э. Усмонова, М.М. Абдуллоев // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (91). – С. 136-142. ISSN: 2413-2004

**[4-М].** Абдуллоев, М.М. Роҷеъ ба омонимҳои морфологӣ дар забоншиносӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / М.М. Абдуллоев // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023. – № 1/3 (113). – С. 71-75. ISSN: 2663-5534

### Б). Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:

**[5-М].** Усмонова, М.Э., Абдуллоев М.М. Роҷеъ ба морфемаи омонимии флективии “-ed” дар системаи морфологии забони англисӣ / М. Э. Усмонова, М.М. Абдуллоев // Армуғони навроҳони илм, №4. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2018. – С. 68-69.

**[6-М].** Абдуллоев, М.М., Набиева У. Баъзе хусусиятҳои морфемаҳои омонимии флективии сермаҳсул дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М.М. Абдуллоев, У. Набиева // Армуғони навроҳони илм, № 5. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2019. – С. 68-69.

**[7-М].** Абдуллоев М.М., Муллобоева А. Таснифоти омонимҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / М.М. Абдуллоев, А. Муллобоева // Армуғони навроҳони илм, № 8. Бахши илмҳои табиӣ - риёзӣ. – Хуҷанд, 2019. – С. 120-124.

**[8-М].** Абдуллоев, М.М. Хусусиятҳои омоморфемаи забони англисии “-ing” дар системаи морфологии забони англисӣ. / М.М. Абдуллоев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бо номи “Тамоюли асосии рушди илм дар асри XXI” шаҳри Саратов, Федератсияи Руссия, 2022. – С. 42-48.

**[9-М].** Абдуллоев М.М. Мафҳуми омонимия ва намудҳои он дар забони англисӣ. / М.М. Абдуллоев // Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, 90 - солагии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, 65-солагии факултети забонҳои хориҷӣ, иҷроиши “ Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” – Хуҷанд, № 14 (2022). – С. 38-43.

**[10-М].** Абдуллоев М.М., Ботуров Ҳ.Ф. Роҷеъ ба хусусиятҳои хоси омонимҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. / М.М. Абдуллоев, Ҳ.Ф. Ботуров // Маводи конфронси илмӣ–амалии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 30 - солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, 90 - солагии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, 65-солагии факултети забонҳои хориҷӣ, иҷроиши “ Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” – Хуҷанд, № 14 (2022). – С. 43-46.

**[11-М].** Абдуллоев М.М. Роҷеъ ба морфемаҳои омонимии флективӣ дар забони тоҷикӣ. / М.М. Абдуллоев // Маводи конфронси илмӣ–амалии байналмилалӣ, бахшида ба 30 - солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Австрия,

инчунин 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Х.Ғ. ва номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ғиёсов Ф.Н. – Душанбе, 2023. – С. 70-71.